**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ**

**ТДУ: 902/904 (575.31)**
**ТКБ: 63.4 (2 тоҷик)**
**Ю – 88**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



**ЮСУФЗОДА МУҲАММАДҶОН ШАФЕЪ**

# ШАҲРАКҲО ВА ШАҲРҲОИ БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР ШОҲРОҲИ АБРЕШИМ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ,

6D020801 – Бостоншиносӣ

**Роҳбари илмӣ:**

номзади илмҳои таърих,

Каримова Г.Р.

**ДУШАНБЕ-2026**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО.................................................................3**
**МУҚАДДИМА.......................................................................................4**
**БОБИ 1. ТАҶРИБАИ ВАТАНИИ ОМОДА НАМУДАНИ НОМИНАИ ДОЛОНҲОИ МЕРОСИ БОСТОНШИНОСИИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ...................................................................................20**
1.1.Омӯзиши таърихи ташаккули Роҳи бузурги абрешим ва даврабандии таърихии он.......................................................................................20
1.2. Долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд.......................................36
1.3 Долони Зарафшон – Қароқум ва ворид гардидани он ба Феҳристи Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО.........................................................46
1.4 Таҳлили таҷрибаи дохилӣ ва хориҷии пешниҳоди номинаҳо ва ҳифзи меросӣ фарҳангӣ.......................................................................................56
**БОБИ 2. МЕРОСИ БОСТОНШИНОСИИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ДАР БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН.............................68**
2.1. Тавсифи объектҳои мероси бостоншиносии қисми Тоҷикистонии долони Зарафшон – Қароқуми Роҳи бузурги абрешим............................68
2.2. Шаҳракҳои болооби водии Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим ва гурӯҳбандии онҳо...........................................................107
**БОБИ 3. ШАҲРСОЗӢ ДАР МАСИРИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ВА УСУЛҲОИ НАМОИШИ МЕРОСИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ.......................................................................................121**
3.1. Таҳлили робитаҳои тиҷоратӣ, ҷойгиршавӣ ва хусусиятҳои меъмории ёдгориҳои бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим...............................121
3.2. Панҷакенти қадим ҳамчун намунаи шаҳрсозии ибтидои асримиёнагӣ..........................................................................................148
3.3. Принсипҳои намоиши мероси бостоншиносӣ дар болооби водии Зарафшон ва масоили ҳифзи онҳо.........................................................158
**ХУЛОСА................................................................................................176**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ........................................................................182**
**ЗАМИМАҲО**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АБУ – Арзиши барҷастаи универсалӣ

АРТ – Корҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон (Археологические работы в Таджикистане)

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИБТОМ – Институти байналмилалии таҳқиқоти Осиёи Марказӣ

ИКОМОС – Шурои байналмилалӣ оид ба ёдгориҳо ва ҷойҳои тамошобоб

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

МИА – Мавод ва таҳқиқотҳо оид ба бостоншиносии ИҶШС (Материалы и исследования по археологии СССР)

ҶШСТ – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ЭБСТ – Экспедитсияи бостоншиносии Суғду-тоҷик

км – километр

м – метр

то м. – то мелод

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** Роҳи бузурги абрешим яке аз роҳҳои асосӣ барои тиҷорат миёни Шарқу Ғарб ба ҳисоб мерафт. Ин роҳ дорои аҳаммияти бузурги тиҷоратӣ аз асри II то м. то асри XVI мелодӣ буд. Он на танҳо воситаи интиқоли молу коло, балки интиқолдиҳандаи дониш, фарҳанг, дин ва анъанаҳои гуногун низ ба ҳисоб мерафт. Марҳилаи асосии гул-гулшукуфоии Роҳи бузурги абрешим дар Осиёи Марказӣ ба асрҳои V-VIII мелодӣ рост меояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Роҳи бузурги абрешим аз миёни чанд давлати қадима гузашта, то ба Рум рафта мерасид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар асари хеш «Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён» перомуни Роҳи бузурги абрешим маълумот дода, чунин менависад: «Шоҳроҳи бузурги абрешим яке аз аввалин роҳҳои корвонгузари аҳди қадим ва асрҳои миёна буд, ки сарзамини аҷдодони моро бо Чину Ҳинд, Мисри Қадим, Бобул, Ошуру Мод ва билоди Форсу Рум мепайваст. Бохтари қадим ва Суғди бостонӣ дар чаҳорсӯйи Шоҳроҳи бузурги абрешим қарор дошта, қофилаи корвонҳои бешумор аз растаҳои хуштарҳу бозорҳои ободи ин сарзамини паҳновари ниёгони тоҷикон ҷониби Машриқу Мағриб мешитофтанд» [45, с. 18-19].

Дар нимаи дуюми асри XX масоили омӯзиши мероси Роҳи бузурги абрешим ба миён омад. Аз солҳои 80-уми асри XX ба масъалаи мазкур диққати махсус зоҳир гардид. Оид ба масъалаи мазкур Созмони Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО қарорҳои дахлдор қабул кард. Яке аз иқдомҳои дар ин росто таҳияшуда номинаи долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим ба ҳисоб мерафт. Дар ҳудуди Осиёи Марказӣ пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳуриҳои соҳибистиқлоли ин минтақа мустақиман ба ин масъала таваҷҷуҳ карданд. Махсусан, соли 2011 таҳияи аввалин номинаи силсилавӣ аз ҷониби кишвари Чин назари

олимони соҳаро ба масъала дигар кард. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар якҷоягӣ долонҳои Зарафшон-Қароқум, Фарғона-Сирдарё ва Хуттали қадимро омода карданд. То имрӯз долони Зарафшон-Қароқум ва Хуттали қадим ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардида, корҳо дар долони Фарғона-Сирдарё идома доранд.

Ин роҳи бузурги тиҷоратӣ дорои шохаҳои зиёд буда, тоҷирон онҳоро аз масирҳои гуногун убур мекарданд. Дар натиҷаи омӯзиши маводди зиёди бостоншиносӣ, олимон муайян карданд, ки яке аз шохаҳои Роҳи бузурги абрешим ба воситаи водии Зарафшон мегузашт. Дар болооби водии Зарафшон шаҳракҳо ва шаҳрҳо ҷой доштанд, ки дар замони гул-гулшукуфоии Роҳи бузурги абрешим рушду нумуъ кардаанд. Аз ҷумла, шаҳри Панҷакенти қадим, шаҳракҳои Санҷаршоҳ, Ҳисорак, Муборакшоҳ, Охтонқӯрғон ва дигар шаҳракҳо маҳз дар масири роҳи корвонгузар ҷойгир шуда, барои тоҷирон хизмат мерасониданд.

Аҳолии ин шаҳру шаҳракҳо ба кишоварзӣ ва ҳунармандиву тиҷорат машғул буда, маҳсулоти истеҳсолкардаи худро ба тоҷирони дохилӣ ва хориҷӣ мефурӯхтанд ё иваз мекарданд. Ҷойгиршавии ин ёдгориҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим аз аҳаммият холӣ набуда, тоҷирон метавонистанд дар онҳо таваққуф карда, молҳои худро ба фурӯш гузоранд. Инчунин, аҳолии маҳаллӣ низ бо тоҷирон мубодилаи молу коло намуда, барои пешрафти тиҷорат заминаи хуб муҳайё месохтанд.

Омӯзиши мавзуи шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим аҳаммияти хосси илмӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ дорад. Пеш аз ҳама, ин минтақа яке аз марказҳои қадимаи ташаккули шаҳрсозӣ ва сернуфуз дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ шаҳракҳои болооби Зарафшон бо роҳҳои тиҷоратии байналмилалӣ пайваст буда, дар робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Шарқу Ғарб нақши муҳимро иҷро мекарданд. Маҳз дар шаҳрҳо ва шаҳракҳо шаклҳои ибтидоии давлатдорӣ, рушди

ҳунармандӣ ва кишоварзӣ ба вуҷуд омада, равобити тиҷоратӣ ва мубодилаи фарҳангӣ бо ҷаҳон густариш ёфтааст. Ин равандҳо, дар маҷмуъ барои дарки тамоюлҳои таърихии минтақа ва ҷойгоҳи он дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ нақши муҳим доранд. Шаҳракҳои қадимаи болооби водии Зарафшон дорои осори меъморӣ, модӣ ва ғайримоддие мебошанд, ки омӯзиши онҳо барои тарғибу ҳифзи мероси таърихии мардуми тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти бузург дорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки минтақаи болооби водии Зарафшон дар пайдоиш ва густариши тамаддуни умумибашарӣ нақши муҳим дошта, тавассути шаҳрак ва шаҳрҳо равандҳои мутақобилаи иқтисодӣ ва маданӣ сурат гирифта, саҳми онҳо дар таърихи башарият ва Роҳи бузурги абрешим назаррас мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Чӣ тавре ки зикр гардид, роҷеъ ба мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим» таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Аммо паҳлуҳои гуногуни он дар асару мақолаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ инъикос ёфтаанд, ки метавон онҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо кард:

**Ба гурӯҳи якум:** асарҳои бунёдӣ, дастаҷамъӣ, монография ва корҳои диссертатсионӣ шомил мебошанд. Дар қисми зиёди онҳо маълумоти муҳим роҷеъ ба ёдгориҳои болооби водии Зарафшон оварда шудааст. Ба гурӯҳи донишмандоне, ки перомуни ёдгориҳои таърихиву бостоншиносии водӣ асарҳои арзишманд навиштаанд, метавон А.М. Беленитский [5], Б.Ғ. Ғафуров [12], Б.И. Маршак [27], В.И. Распопова [33], А.И. Исоқов [15], Ю.Я. Яқубов [47;48], Д. Довудӣ [13], Г.Р. Каримова [154], Ш.Ф. Қурбонов [23], Э.В. Ртвеландзе [36], У. Эшонқулов [46], А.Р. Аюбов [139], С.С. Тиллоев [142] ва дигаронро номбар кард. Дар раванди омода намудани диссертатсия аз асарҳои мазкур ба таври васеъ истифода карда шуд.

Дар асоси маводи бостоншиносӣ соли 2020 аз ҷониби кормандони шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиноӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ А.И. Исоқов, Ю.Я. Яқубов ва Г.Р. Каримова «Харитаи бостоншиносии болооби водии Зарафшон» [16;17] омода карда шуд, ки барои таҳқиқи минбаъдаи ёдгориҳои болооби водии Зарафшон аҳаммияти хос дорад. Дар он 1130-адад ёдгориҳои кашф ва таҳқиқшуда аз давраҳои гуногуни таърихӣ оварда шудаанд. Ин асари дастаҷамъӣ яке аз сарчашмаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Дар монографияҳои Ю.Я. Яқубов «Деҳаҳои аввали асримиёнагии кӯҳистони Суғд» (Раннесредневековые сельские поселения горного Согда) ва «Фалғар дар асрҳои VII-VIII мелодӣ» (Паргар в VII-VIII веках нашей эры) [47;48] оид ба таҳқиқоти бостоншиносии ёдгориҳои болооби водии Зарафшон маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Дар ин монографияҳо бостоншинос натиҷаи асосноккунии таърихи ҷойгиршавии шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот дар кӯҳистони болооби водии Зарафшонро инъикос кардааст. Академик Ю.Я. Яқубов дар асарҳои хеш, асосан, натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносии аз ҷониби худ гузаронидаро тавсиф намудааст. Махсусан, намуди меъмории хонаҳои истиқоматӣ, таъйиноти қалъаҳо ва деҳкадаҳои кӯҳистонӣ дар асоси сохтори меъморӣ ва бозёфтҳо хело дақиқ маълум карда шудааст. Маҳз бо кӯшиши ӯ ёдгории Гардани Ҳисор ҳамчун намунаи олии деҳкадаҳои кӯҳистонӣ комилан омӯхта шудааст.

Муҳаққиқи дигар, ки роҷеъ ба ёдгориҳои давраи антиқаи болооби Зарафшон маълумоти ҷолиб додааст, н.и.т. Ш.Ф. Қурбонов мебошад. Ӯ дар асари хеш «Ёдгориҳои замони антиқаи болооби водии Зарафшон» (Памятники античного периода верховьев Зеравшана) [23] оид ба ёдгориҳо ва қабристонҳои замони антиқаи болооби водии Зарафшон маълумот дода, аҳаммияти онҳоро дар омӯзиши таърихи минтақа муайян кардааст. Ӯ дар асари худ натиҷаи ҳафриёти гузаронидаашро дар

ёдгории Тали Хамтӯда [23, с. 71] таҳлилу баррасӣ намудааст, ки баъди омӯзиши ҳамаҷониба шомили долони Зарафшон-Қароқуми Роҳи бузурги абрешим гардид. Бояд қайд намуд, ки роҷеъ ба низоми обёрии болооби водии Зарафшон бостоншинос У. Эшонқулов таҳқиқот анҷом додааст [46].

Масоили марбут ба Роҳи бузурги абрешим, инчунин, аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Яке аз чунин донишмандон Э.В. Ртвеладзе мебошад, ки дар асари худ «Роҳи бузурги абрешим» (Великий Шелковый путь) [36] роҷеъ ба Роҳи бузурги абрешим ва нақши он дар густариши тиҷорати Шарқу Ғарб маълумотҳои ҷолиб медиҳад. Инчунин, ӯ марҳилаҳои ташаккули Роҳи бузурги абрешимро таҳлил ва масоили таърихи ташаккули ин роҳро баррасӣ менамояд.

Роҷеъ ба масоили Роҳи бузурги абрешим корҳои диссертатсионӣ низ анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, С.С. Тиллоев дар диссертатсияи худ «Нақши Роҳи бузурги абрешим дар ташаккул ва рушди шаҳрҳо дар ҳудуди Тоҷикистони муосир дар асри II то ва асри XVI мелодӣ» (Роль Великого шелкового пути в формировании и развитии городов на территории современного Таджикистана в II В. до н.э.-XVI в. н.э.) [142] дар бораи ин роҳи аҳаммияти бузурги таърихӣ дошта, маълумоти ҷолиб додааст. Ӯ, махсусан фикру ақидаҳои олимонро мавриди омӯзиш қарор дода, марҳилаҳои рушду такомули ин роҳро муайян кардааст. Инчунин, С.С. Тиллоев оиди рушди шаҳрҳои ҳудуди Тоҷикистон дар замони Роҳи бузурги абрешим маълумотҳои муфид овардааст.

Мавриди зикр аст, ки дар баробари навиштани асарҳои алоҳида, ҳамчунин, асарҳои дастаҷамъона роҷеъ ба омода намудани долонҳои мероси бостоншиносии ёдгориҳои Роҳи бузурги абрешим навишта шудаанд. Яке аз онҳо, ки бо забони англисӣ аз ҷониби Г.Р. Каримова, П.Б. Луре ва М. Шенкар бо номи «Роҳи абрешим: долони Зарафшон-Қароқум. Силсилаи номинаи номзадшудаи мероси ҷаҳонии фаромиллии

Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон. 2021» (SILK ROADS: Zarafshan – Karakum Corridor. Serial Transnational World Heritage Nomination Republic of Uzbekistan, Republic of Tajikistan, Turkmenistan. 2021) [154] навишта шудааст, доир ба омода намудани номинаи долони Зарафшон-Қароқуми Роҳи бузурги абрешим маълумоти фаровон медиҳад. Маҳз дар ҳамин асари дастаҷамъона тамоми шиносномаҳои ёдгориҳои қисмати Тоҷикистонии долони Зарафшон-Қароқум омода шудаанд.

**Ба гурӯҳи дуюм** мақолаҳое маҳсуб мешаванд, ки дар маҷмуаи мақолаҳои ҳисоботии «Корҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон» (Археологические работы в Таджикистане – АРТ) ва дигар маҷмуаҳо ба нашр расидаанд. Олимон роҷеъ ба ёдгориҳои ботоншиносии болооби водии Зарафшон маълумот додаанд. Бояд қайд намуд, ки ҳамаи мақолаҳои ҳисоботӣ оиди ҳафриёти бостоншиносӣ аз ҷониби мауллифоне навишта шудааст, ки иштирокчии бевоситаи ҳафриёт дар ин ё он ёдгорӣ будаанд. Ба ин гурӯҳи мақолаҳо метавон мақолаҳои бостоншиносон А.И. Исоқов [15], Ю.Я. Яқубов [132, с. 169-170; 127, с. 172-186], Г.Р. Каримова [72, с. 288-315; 74, с. 177-195], Ш.Ф. Қурбонов [78, с. 278-290; 79, с. 314-318] ва П.Б. Луре [85, с. 229-240]-ро дохил намуд. Муҳаққиқони мазкур бевосита дар ҳафриёти бостоншиносии ёдгориҳои болооби водии Зарафшон иштирок намуда, ба омӯзиши онҳо машғул шудаанд.

Ҳангоми таҳлили ин гурӯҳи адабиётҳо маълум гардид, ки дар омӯзиши ёдгориҳои мероси бостоншиносии болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешим саҳми бостоншиносон Г.Р. Каримова, П.Б. Луре ва М. Шенкар зиёд аст. Зеро маҳз бо заҳмати олимони мазкур 9 ёдгории болооби водии Зарафшон вориди Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО гардид.

Бостоншинос Г.Р. Каримова дар омӯзиши ёдгориҳои Роҳи бузурги абрешим низ саҳми арзанда дорад. Ӯ дар мақолаи худ «Мақбараи Хоҷа

Муҳаммади Башоро дар деҳаи Мазори Шарифи н. Панҷакент» дар бораи аҳаммияти ин ёдгорӣ маълумот дода, қайд кардааст: «Мақбараи Муҳаммади Башоро, ки қабл аз касби мақоми муқаддас ҳамчун масҷид ва маркази динии муҳим дар Осиёи Марказӣ хизмат мекард, имрӯз як ёдгории муҳимми таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон ба ҳисоб меравад. Мақбара бо истифода аз санъати меъмории олие, ки бо анъанаи исломӣ ва арабӣ пайвандӣ дорад, сохта шуда, дорои аҳаммияти бузургӣ таърихӣ мебошад» [72, с. 290].

Дигар бостонишиносе, ки дар омӯзиши ёдгориҳои Роҳи бузурги абрешим нақши муҳим дорад Ш.Ф. Қурбонов мебошад. Ӯ дар тамоми ёдгориҳои аҳаммияти бузурги таърихӣ дошта, аз ҷумла Панҷакенти қадим, Санҷаршоҳ, Ҳисорак, Муборакшоҳ, Тали Хамтӯда ва дигар ёдгориҳо ҳафриёти бостоншиносӣ гузаронида, доир ба натиҷаи онҳо мақолаҳои ҳисоботӣ ва илмӣ навиштааст [76, с. 156-173; 80, с. 239-248; 83, с. 158-164; 81, с. 21-24].

**Ба гурӯҳи сеюм** мақола ва гузоришҳое дохил мешаванд, ки дар маҷмуаҳо ва маводи конфронсҳои дохилу хориҷи кишвар ба нашр расидаанд. Дар онҳо бисёртар роҷеъ ба ёдгориҳои бостоншиносии болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешим ва ворид гирдидани онҳо ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО маълумот дода шудааст. Ба ин гурӯҳ мақолаҳои зиёди инфиродӣ ва ҳаммуаллифӣ низ дохил мешаванд. Дар ин самт аз ҷониби А.Ю. Якубовский [136, с. 13-55; 137, с. 9-21], О.И. Смирнова [113, с. 67-80; 115, с. 220-230], А.М. Белинитский [50, с. 5-10], Б.Я. Ставиский [116, с. 24], О.Г. Болшаков [54, с. 155-192], В.Л. Воронина [58, с. 99-132; 63, с. 183-197; 64, с. 58-68], М.Е. Массон [93, с. 157-160; 94, с. 28], Н.Н. Неъматов [101, с. 8-11; 102, с. 146-164; 103, с. 97-114], Ю.Я. Яқубов [131, с. 86-95], Г.Р. Каримова [73, с. 19-22], С.Ғ. Бобомуллоев [52, с. 368-374], И. Раҳматуллоев [108, с. 18-21], А.Ғ. Пӯлотов [105, с. 171-174; 106, с. 197-208; 107, с. 56-62] мақолаҳои ҷолиб навишта шудаанд. Мақолаҳои навиштаи олимони соҳа, аз ҷумла Ю.Я.

Якубовский, О.И. Смирнова, А.М. Белинитский ва дигарон дар таҳқиқоти ҷудогонаи ёдгориҳо дар силсилаи МИА «Мавод ва таҳқиқотҳо оид ба бостоншиносии ИҶШС» (МИА-Материалы и исследования по археологии СССР) нашр шудаанд.

Ҳар кадоме аз ин мақолаҳо мазмуну мухтавои гуногун дошта, муаллифон кӯшиш кардаанд, ки аҳаммияти ёдгориҳои болооби водии Зарафшонро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд. Қисме аз муаллифон дар мақолаҳои худ перомуни ҳафриёти бостоншиносии ёдгориҳои болооби водии Зарафшон дар замони Шуравӣ маълумоти арзишманд додаанд.

**Ба гурӯҳи чаҳорум** мақолаҳои оммавие дохил мешаванд, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва сомонаҳои интернетӣ нашр шудаанд. Дар раванди таҳқиқи мавзуъ аз ин мавод ба таври фишурда истифода бурда шуд. Дар ин мақолаҳо, асосан, оид ба кашфи ногаҳонии гӯри зардуштӣ дар Панҷакенти қадим, омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии болооби водии Зарафшон, маълумоти алоҳида роҷеъ ба муаррифии ёдгориҳо ва аҳаммияти онҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим маълумот пайдо кардан мумкин аст. Ба ин гурӯҳ мақолаҳои В.Р. Чейлитко [146], И. Раҳматуллоев [143;144;145], М. Абдусаломов [150], Ш. Шодмонбоева [147;148;149] ва А.Ғ. Пӯлотов [151] дохил мешаванд.

Таҳлили осор ва мақолаҳои илмии дар боло зикргардида нишон медиҳанд, ки то ҳол ягон таҳқиқоти алоҳидаи комил роҷеъ ба мавзуи «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим» анҷом дода нашудааст. Мавзуи мазкур мубрам буда, бори аввал мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

**Робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи

«Бостоншиносии Тоҷикистон аз асри санг то ибтидои асрҳои миёна» ба анҷом расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиши шаҳрҳо, шаҳракҳо ва дигар ёдгориҳои болооби водии Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим мебошад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои муайяншуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

– таҳлилу баррасии даврабандии марҳилаҳои ташаккул ва рушди Роҳи бузурги абрешим;

– баррасии масоили марбут ба пешниҳоди номинаи долони Зарафшон-Қароқум ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО;

– тавсифи ёдгориҳои мероси бостоншиносии қисми тоҷикистонии долони Зарафшон-Қароқуми Роҳи бузурги абрешим дар болооби Зарафшон;

– ба гурӯҳҳо ҷудо намудани шаҳракҳои болооби водии Зарафшон ва муайян намудани аҳаммияти онҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим;

– муайян кардани робитаҳои тиҷоратӣ, ҷойгиршавӣ, хусусиятҳои меъмории ёдгориҳои бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим ва нақши он дар омезиши тамаддунҳои Шарқу Ғарб;

– арзёбии аҳаммияти меъмории ёдгории Панҷакенти қадим ҳамчун намунаи шаҳрсозии ибтидои асримиёнагӣ дар Роҳи бузурги абрешим;

– омӯзиши масоили намоиш ва ҳифзи мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон;

Дар ин замина, иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия муайяншуда, бо риояи усули таҳқиқоти илмӣ амалӣ хоҳад гашт.

**Объекти таҳқиқотро** шаҳракҳою шаҳрҳои болооби водии Зарафшон ва ёдгориҳое, ки дар масири Роҳи бузурги абрешим нақш гузоштаанду ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** омӯзиши ёдгориҳои болооби водии Зарафшон, аз ҷумла шаҳраку шаҳрҳо, ки дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷойгир шудаанд ва дар густариши равобити тиҷоратии Шарқу Ғарб нақши босазо доштанд, ташкил медиҳанд.

**Марҳила макон ва давраҳои таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом шуда, ду марҳиларо дар бар мегирад: марҳилаи аввал солҳои 2021-2022-ро дар бар гирифта, дар ин муддат корҳои зерин ба анҷом расид: интихоби мавзуъ ва роҳбари илмӣ, тасдиқи мавзуъ дар Шурои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш, тартиб додани нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод оид ба мавзуи интихобшуда, мавриди омӯзиш қарор додани дигар адабиёти илмӣ, навиштани бобҳои якум ва дуюми диссертатсия, нашри мақолаҳо дар мавзуи диссертатсия, иштирок дар экспедитсияҳои бостоншиносӣ ва конфронсҳои илмӣ. Марҳилаи дуюм солҳои 2023-2025-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила навиштани боби сеюми диссертатсия, навиштани муқаддима ва ҷамъбасти диссертатсия, нашри мақолаҳо дар доираи мавзуи таҳқиқот, суханронӣ дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, супоридани имтиҳони маҷмуӣ аз рӯйи ихтисос ва пешниҳоди диссертатсия барои ҳимоя сурат гирифт.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсионӣ ба принсипҳои бунёдии илми муосири бостоншиносӣ ва таърихшиносӣ такя намуда, дар асоси усулҳои таърихият, воқеънигорӣ, таҳлили муқоисавӣ, муносибати комплексӣ ва таҳлили интиқодии сарчашмаҳои таърихию бостоншиносӣ амалӣ гардидааст. Заминаи назариявии таҳқиқотро осори илмии бостоншиносон, таърихшиносон ва муҳаққиқони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои таърихи ташаккулёбии Роҳи бузурги

абрешим, омӯзиши ёдгориҳои болооби водии Зарафшон, ҳифз ва намоиши мероси бостоншиносӣ, инчунин таҳқиқи фарҳанги моддии аҳолии минтақа ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои корҳои ҳафриётӣ ва экспедитсияҳои бостоншиносӣ, маводди таҳқиқоти саҳрой, бозёфтҳои бостоншиносӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар самти ҳифз, омӯзиш ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқот истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст масъалаҳои марбут ба омӯзиш ва таҳлили ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешим мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. То имрӯз чунин таҳқиқоти фарогир ва муназзам дар ин самт анҷом дода нашуда буд.

Нововарии илмии таҳқиқот дар нуқоти зерин инъикос меёбад:

– даврабандии марҳилаҳои ташаккул ва рушди Роҳи бузурги абрешим таҳлилу баррасӣ гардид ;

– масоили марбут ба пешниҳоди номинаи долони Зарафшон-Қароқум ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО мавриди омӯзиш қарор ёфт;

– ба ёдгориҳои мероси бостоншиносии қисми тоҷикистонии долони Зарафшон-Қароқуми Роҳи бузурги абрешим дар болооби Зарафшон тавсифи илмӣ дода шуд;

– шаҳракҳои болооби водии Зарафшон ба гурӯҳҳо ҷудо ва аҳаммияти онҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим муайян карда шуд;

– робитаҳои тиҷоратӣ, ҷойгиршавӣ, хусусиятҳои меъмории ёдгориҳои бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим ва нақши он дар омезиши тамаддунҳои Шарқу Ғарб маълум карда шуд;

– аҳаммияти меъмории ёдгории Панҷакенти қадим ҳамчун намунаи шаҳрсозии ибтидои асримиёнагӣ дар Роҳи бузурги абрешим таҳлил карда шуд;

– масоили осорхонакунонӣ, намоиш ва ҳифзи мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон мавриди омӯзиш қарор гирифт.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– муайян карда шуд, ки Роҳи бузурги абрешим дар тули асрҳо ҳамчун василаи баҳамории тамаддунҳои Шарқу Ғарб ва рушди тиҷоратӣ байналмилалӣ хизмат намуда, ташаккули савдои байналмилалиро таъминменамуд. Дар баробари ин даврабандии ташаккули он дар таҳқиқоти муҳаққиқон тасдиқи худро ёфтааст, аммо ҷузъиёти ин масъала ҳамчун мавзуъи баҳси олимон боқи мемонад;

– дар натиҷаитаҳқиқот маълум гардид, ки омода намудани долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим яке аз унсурҳои асосии истифода, ҳифз ва мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик ба шумор меравад. Дар рафти коркард ва такмили парвандаи номинаҳои фаромиллӣ, ҳамчунин пас аз ҳамроҳ гардидани Ҷумҳурии Туркманистон, ки то соли 2019 шомили номинаи долони Панҷакент-Самарқанд-Пайканд набуд, номинаи мазкур ба долони Зарафшон – Қароқуми Роҳи Бузурги абрешим иваз карда шуда, ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил гардид;

– дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки ёдгориҳои Панҷакенти қадим, Санҷаршоҳ, Қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар), деҳкадаҳои Кум ва Гардани Ҳисор, шаҳраки Ҳисорак ва ғайра мавриди омӯзиши бостоншиносӣ қарор гирифта, нуҳ адад ёдгориҳои болооби водии Зарафшон, ки ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудаанд, бо риояи талаботи таҳқиқоти муосири бостоншиносӣ ва методологияи илмӣ баррасӣ гардидаанд;

– таҳқиқот собит намуд, ки дар болооби водии Зарафшон ёдгориҳое воқеъ гардидаанд, ки дар омӯзиши таърихи Суғди асримиёнагӣ ва тиҷорати байналмилалӣ нақши муассир доштанд. Шаҳракҳо ва шаҳро ҳамчун марказҳои тиҷорати дохилӣ ва берунӣ фаъолият намуда, рушди мунисибатҳои тиҷорӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин менамданд. Ҳифз ва истифодаи мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешими болооби водии Зарафшон дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои байналмиллаӣ, усулҳои муосирӣ илмӣ ва таҷрибаи миллӣ асос меёбанд, ки ҷиҳати амалисозии низоми ҳифзи мероси таърихию фарҳангии Осиёи Марказӣ аҳаммияти бунёдӣ доранд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот:** Таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти назарӣ ва илмию амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд ба таври васеъ дар пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотии бостоншиносон, муаррихон ва муҳаққиқони соҳа истифода шаванд. Натиҷаи таҳлилу омӯзишҳои ин диссертатсия барои дарки амиқи таъриху тамаддуни халқи тоҷик, бахусус ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории болооби водии Зарафшон, аз давраи антиқа то асрҳои миёна заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам месозад. Дар диссертатсия ҷанбаҳои муҳимми бостоншиносии болооби водии Зарафшон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҳлили маводди мавҷуда ва маълумоти нав пешниҳод гардидааст, ки аҳаммияти назариявӣ дорад ва дар татбиқи амалии пешбурди номинаҳои долонҳои Роҳи бузурги абрешим ва корҳои саҳроии бостоншиносӣ, таҳияи харитаҳои таърихӣ, инчунин навиштани мақолаву монографияҳои илмӣ дар мавзуъҳои марбут ба бостоншиносӣ ва таърихи Тоҷикистон, бахусус, болооби водии Зарафшон метавонанд васеъ истифода шаванд.

Муҳтаво ва хулосаҳои дессертатсия метавонанд дар таҳияи асарҳои дастаҷамъӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва таълими курсҳои академӣ аз ҷумла «Асосҳои бостоншиносӣ», «Бостоншиносии асримиёнагӣ»

«Кишваршиносӣ», «Роҳнамо» ва буклетҳо ҳамчун сарчашмаи ёридиҳанда истифода шаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшаванда метавонанд барои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрам ва баҳсталаби таърихи халқи тоҷик, махсусан давраи ташаккул ва инкишофи Роҳи бузурги абрешим, инчунин, нақши суғдиён дар ташаккули муносибатҳои тиҷоратии Осиёи Марказӣ заминаи муътамади илмӣ бошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз диқиқ будани маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат аст. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ-саҳроӣ (корҳои ҳафриётӣ) пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия таҳти унвони «Шаҳракҳо ва шаҳрҳои болооби водии Зарафшон дар Шоҳроҳи абрешим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар навоварии илмии таҳқиқот, аҳаммияти илмии хулосаҳои илмии пешниҳодшаванда, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамзамон, иштироки бевосита дар фаъолияти экспедитсияҳои бостоншиносӣ (корҳои саҳроӣ) собит мегардад. Ғайр аз ин, тарзи таҳияи масъала, мантиқ ва услуби баён дар диссертатсия, шеваи коркарди маълумот ва таҳлили маводди илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур натиҷаи заҳмати мустақили

илмӣ буда, саҳми шахсии довталабро дар таҳқиқи масоили марбут ба ёдгориҳои мероси бостоншиносии болооби водии Зарафшон дар Роҳи бузурги абрешим ба таври возеҳ инъикос менамояд.

Ҳамчунин, муаллиф дар экспедитсияҳои бостоншиносӣ ва ҳафриёти бостоншиносии ёдгориҳои болооби водии Зарафшон аз ҷумла: Ёдгории бостонии Саразм ва Саразм II (2019, 2020), ёдгории Панҷакенти қадим (2021, 2022, 2023, 2024), ёдгории аввали асримиёнагии шаҳраки Санҷаршоҳ (2021, 2022, 2023, 2024) ва Писав (2023) иштирок кардааст.

**Тавсиб ва амалисозии диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Комплексние результаты археологических исследований в Таджикистане (18-20 марта 2024 г)» Душанбе 2024; Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Древняя крепость Амуль: хранящая тайны прошлого» 25-26 апреля 2024 года. Ашгабад 2024; Конфренсияи илмӣ-амалии «Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон» (Бахшида ба эълон гардидани соли 2024-Соли маърифати ҳуқуқӣ), Душанбе 2024; Конфренсияи байналмилалии илмии дастовардҳои бостоншиносӣ, маданияти модиву фарҳангии водии Зарафшон ва ҳудудҳои ҳаммарз. Панҷакент 2024; Конфренсияи илмӣ-амалии «Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон» Душанбе 2025; Конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ, дар доираи Фестивали байналмилалии санъати халқӣ «Сӯзании Панҷакент» ва маросими ҳоизасупории унвони «Панҷакент - Шаҳри ҷаҳонии ҳунари дастӣ» Панҷакент 2025 ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шудаанд.

Диссертатсия дар шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш муҳокима шуда, (суратҷаласаи № 6 аз 10-уми июни соли 2026) барои дифоъ пешниҳод гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар дигар нашрия ва маҷаллаҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, адабиёти истифодашуда (155 номгӯй) ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 181 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст.

# БОБИ I. ТАҶРИБАИ ВАТАНИИ ОМОДА НАМУДАНИ НОМИНАИ ДОЛОНҲОИ МЕРОСИ БОСТОНШИНОСИИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ

## 1.1. Омӯзиши таърихи ташаккули Роҳи бузурги абрешим ва даврабандии таърихии он

Роҳи бузурги абрешим дар тули зиёда аз 2 ҳазор сол ҳамчун воситаи муҳимми ҳамгирой, мубодилаи фарҳангӣ ва муколама ё гуфтугӯйи байни тамаддунҳои Шарқу Ғарб хизмат намудааст. Дар ҷараёни мавҷудияти худ ин роҳ дар рушд ва шукуфоии тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузошт. То ба имрӯз осори зиёде аз роҳҳои қадимаи тиҷоратӣ боқӣ мондааст, ки яке аз муҳимтарини онҳо Роҳи бузурги абрешим маҳсуб мешавад. Ин роҳ дар тули мавҷудияти худ на танҳо воситаи мубодилаи молу маҳсулот, балки пайвандгари фарҳангӣ ва илмӣ миёни халқиятҳою давлатҳои мухталиф низ буд. Маҳз тавассути ин роҳ тамаддунҳои бузурги Шарқу Ғарб ба ҳам пайваста, таҷрибаи иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии худро мубодила мекарданд. Имрӯз имкони омӯзиш ва таҳлили мавзеъҳои марбут ба Роҳи бузурги абрешим, ки дар қаламрави Осиёи Марказӣ, Чин ва дигар кишварҳои Шарқу Ғарб ҷойгиранд, дар доираи барномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҳамчун номинаи силсилавии мероси ҷаҳонӣ солҳо боз мавриди баррасӣ қарор дорад. (расми 1)

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги таърихӣ ва фарҳангии ин роҳ, ҷиҳати дарки амиқи нақш ва таъсири он дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ омӯзиши ҷанбаҳои таърихии он ниҳоят зарур аст. О.Н. Кобзева оиди пайдоиши мафҳуми Роҳи бузурги абрешим маълумот дода менависад: «Мафҳуми Роҳи абрешим бори аввал дар асри XIX аз ҷониби ҷуғрофидон ва заминшиноси олмонӣ Фердинанд фон Рихтховен истифода гардидааст. Ӯ ин мафҳумро ҳамчун номи шабакаи роҳҳои тиҷоратие, ки Чинро бо кишварҳои Ғарб мепайваст, дар асари худ таҳти унвони «Чин» ба кор бурдааст. Аз ҳамон давра сар карда, истилоҳи

мазкур ба илм ворид гардида, то имрӯз мавриди истифода қарор дорад» [21, с. 5].

Ташаккулёбии Роҳи бузурги абрешим ҳамчун шабакаи муҳимми тиҷоратӣ ба асри II то м. рост меояд. Ба рушди алоқаҳои тиҷоратии миёни Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, сафарҳои сайёҳони маъруфи чинӣ – Чжан Сзян ва Ган-Ин, ҳамчунин, сафари сайёҳи мақдунӣ Майк Татсианӣ, ки ба чандин кишварҳои Осиёи Марказӣ анҷом додааст, такони ҷиддӣ бахшидааст [11-М, с. 106].

Доир ба ташаккули ин роҳ бостоншиноси тоҷик академик Ю. Яқубов назари дигар дорад. Ӯ дар натиҷаи таҳлили осори зиёди гӯрхонаҳо ва дигар ёдгориҳои бостоншиносӣ чунин ақидаро пешниҳод кардааст: «Чӣ тавре маълум аст, Куруши Кабир дар дунё аввалин нафаре буд, ки империяи ҷаҳонӣ сохта, 73 қавму халқиятҳои мухталифи дунёро дар он муттаҳид намуда буд ва идора намудани он робитаи доимиро металабид. Бинобар ин, баъди вафоти Куруши Кабир дар замони ҳукумати Дориюши Кабир ислоҳоти маъмурӣ, пулӣ, ҳарбӣ ва роҳҳо гузаронида шуд, ки аҳаммияти байналмилалӣ доштанд. Роҳи якум аз Шуш ба воситаи Осиёи Хурд то Қафқозу Кимерия (Қрим) ва Азов мерасид, яъне замини скиф-сакоиҳои соҳили баҳри Сиёҳро мепайваст. Роҳи дуюм аз шаҳри Мемфиси Миср то Бохтару Суғду Паракана (Фарғона) ва Хутан мерасид. Дар гӯри Пазирики Олтой гилеми замони Ҳахоманишиҳоро ёфтаанд, ки аз муносибати додугирифти марказҳои Осиёи Марказӣ бо ин гӯшаҳои дури ориёнишин гувоҳӣ медиҳад» [138, с. 6].

Ю. Яқубов ҷойи дигар вобаста ба ин ҳолат қайд менамояд: «Солҳои 1980-1989 дар гӯристони Зугунлуки назди деҳаи Карорайн ном ҷойи Синзиян-Хутани қадим олимони Фаронса гӯристонеро ҳафриёт намуданд, ки дар он одамон бо либосашон гӯронида шудаанд. Мурдаҳо дар сар кулоҳи нӯгтези ба гурӯҳи кулоҳҳои сакоиҳои Тиграхуд нисбат доранд. Дигар хусусияти ориёӣ буданашон дар бадан танбон-шалвор

доранд. Яке аз он далелҳо вожаи матои шоҳӣ ё абрешим мебошад, ки калимаи сифр тоҷикӣ буда, ба ақидаи ӯ вожаи русии «шёлк» бошад аз англисии «силк» ва чинии «сикҳой» аз вожаи тоҷикӣ иқтибос шудааст. Вожаи «абрешим» низ тоҷикӣ буда, аз ду бахш «абр» ва «ши (м)» иборат мебошад ва «абри сафед-ши(р)» ва «равшан» - ро ифода менамояд» [138, с. 7-8]. Ҳамаи далелҳои овардаи академик Ю. Яқубов бо бозёфтҳои бостоншиносӣ асоснок карда шудаанд. Бо такя ба ин далелҳо метавон ҳадс зад, ки шояд, дар ҳақиқат, бунёдгузорони аслии Роҳи бузурги абрешим ориёиҳо будаанд.

Сабаби асосии номгузорӣ шудани ин роҳ таҳти унвони «Роҳи бузурги абрешим» дар он аст, ки яке аз муҳимтарин молҳои содиротии тоҷирон дар ин роҳ матоъҳои абрешимии чинӣ, махсусан атласу шоҳӣ ба ҳисоб мерафтанд. Воситаи асосии нақлиёти тиҷоратӣ дар ин роҳ низ шутурҳо буданд, ки имкони интиқоли борҳоро ба масофаҳои дур фароҳам месохтанд [43, с. 49-50]. Роҷеъ ба он ки шутурҳо тобу тавони ҳамлу нақли борҳоро ба роҳи дур доштанд, Ф. Старр маълумот дода, қайд мекунад: «Уштури бохтарӣ (бухтӣ) зиёда аз 227 кг бор кашонида метавонад ва корвони иборат аз 1000 шутур 227000 кг борро кашонида метавонист» [41, с. 81].

Пеш аз ташаккули Роҳи бузурги абрешим низ шабакаҳои қадимаи тиҷорат вуҷуд доштанд, аз ҷумла «Роҳи Нефрит» ва «Роҳи Лоҷвард». Масалан, ба воситаи «Роҳи Лоҷвард» истихроҷ ва интиқоли лоҷвард аз кӯҳҳои Бадахшон ба кишварҳои Миср, Ҳинд ва кишварҳои Байнаннаҳрайн ба роҳ монда шуда буд. Ин далелҳо гувоҳи онанд, ки равобити тиҷоратӣ ва фарҳангӣ байни минтақаҳои гуногун аз давраҳои хеле қадим мавҷуд буда, ҳамчун омили муҳимми ҳамгироии тамаддунҳо хизмат мекарданд [52, с. 368].

Ба эҳтимоли зиёд Чин тиҷорати абрешимро бо кишварҳои хориҷӣ дар асри V то м. оғоз намудааст. Бинобар ақидаи таърихнигори маъруфи юнонӣ Ҳеродот, ки ба минтақаҳои соҳилии баҳри Сиёҳ ва кишварҳои

Шарқи Наздик сафар кардааст, матоъҳои аслии абрешимии чинӣ аллакай дар он давра маълум ва мавриди исифода қарор доштаанд [120, с. 49]. Оғози равобити мустақими Чин бо минтақаи Осиёи Марказӣ ба номи аввалин сайёҳ ва тоҷири чинӣ, афсари гвардияи дарбории император Чжан Тсян марбут аст. Соли 114 то м. Чжан Тсян ба Осиёи Марказӣ сафар намуда, ин сарзаминро барои чиниҳо ошно намуд. Маҳз аз ҳамин давра сар карда, робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ рӯ ба густариш ниҳодаанд. Аз ҷумла, аз Фарғона ба Чин аспҳои машҳури он замон, ки бо номи даван маъруф буданд, ворид карда мешуданд. Инчунин, юнучқа хӯроки асосии ин аспҳо, ангур ва пахта низ тавассути ҳамин роҳ ба Чин интиқол меёфт. Ин равобит на танҳо тиҷорат, балки мубодилаи таҷрибаҳои кишоварзӣ ва фарҳангиро низ фаро гирифта, дар рушди муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муассир гузоштаанд.

Дар натиҷаи густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ миёни Чин ва Осиёи Марказӣ аз Чин ба минтақаҳои Фарғона, Суғд ва Бохтар ҳунари парвариши кирмаки абрешим интиқол ёфт. Боз гардидани роҳҳои корвонию тиҷоратӣ ба вусъати муомилоти молӣ такони ҷиддӣ бахшид. Тоҷирони чинӣ ба Осиёи Марказӣ, асосан абрешим, тило, пӯст ва дигар маҳсулот ворид менамуданд, дар ҳоле ки тоҷирони осиёимиёнагӣ ба Чин маснуоти шишагӣ, сангҳои қимматбаҳо, зеварҳо ва дигар намуди маҳсулоти ҳунармандиро содир мекарданд.

Бостоншинос С.Ғ. Бобомуллоев роҷеъ ба ташаккули Роҳи бузурги абрешим ақидаронӣ намуда, менависад: «Маҳз ин табодули молу коло боиси ташаккул ва густариши Роҳи бузурги абрешим гардида, ин роҳ ба таври густурда ба фаъолият оғоз кард. Маркази ибтидоии ин роҳ пойтахти Чини Қадим Лоян ба шумор мерафт, ки тақрибан дар масофаи 500 км шимолу ғарбии шаҳри Чанъан ҷойгир буд. Пас аз убури Девори Бузурги Чин, ки сохтмонаш дар асри III то м. оғоз гардида буд,

корвонҳо тариқи шаҳри Ланҷжоу ҳаракат намуда, ба шаҳри Донхуан мерасиданд» [52, с. 369]. Аз шаҳри Донхуан Роҳи бузурги абрешим ба ду шоха тақсим мешуд: шохаи ҷанубӣ ва шимолӣ. Ин тақсимоти роҳ ба фарогирии бештари қаламравҳо ва осонии дастрасӣ ба минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ва Ғарб мусоидат менамуд. Ҳамин тавр Роҳи бузурги абрешим на танҳо шабакаи тиҷоратӣ, балки василаи асосии ҳамкории фарҳангӣ, сиёсӣ ва илмӣ байни халқиятҳои мухталиф гардид.

Ҳудуди ҶумҳурииТоҷикистон низ яке аз қисматҳои муҳимми Роҳи бузурги абрешим ба ҳисоб меравад. Дар замонҳои қадим, якчанд шохаҳои асосии ин шоҳроҳи муҳимми тиҷоратӣ аз ҳудуди сарзамини тоҷикон мегузаштанд [3, с. 237]. Маҳз бо шарофати ин роҳ дар асри V мелодӣ дар водии Зарафшон шаҳрҳои нав арзи вуҷуд намуда, корвонсаройҳо ва қалъаҳои мустаҳкам сохта шуданд. Ин шаҳрҳо тадриҷан ба марказҳои муҳимми тиҷоратӣ, ҳунармандӣ, фарҳангӣ ва динӣ табдил ёфтанд. Маҳсулоти воридотии баландарзиш аз қабили абрешими чинӣ, оинаҳо, зарфҳои чиниву сирдор ва шишаи истеҳсоли Рум тавассути Роҳи бузурги абрешим ба қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон ворид мегардиданд [111, с. 35]. Мавҷудияти чунин ашёи нодир дар маҳалҳо аз ривоҷи робитаҳои тиҷоратии он давра шаҳодат медиҳад. Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии худ Тоҷикистон дар ташаккули шабакаҳои тиҷоратӣ ва табодули арзишҳои тамаддунию фарҳангӣ миёни Шурқу Ғарб нақши муҳим бозидааст.

Дар тули асрҳо Роҳи бузурги абрешим ҳамчун воситаи мубодилаи фаъоли сарватҳои модӣ ва маънавӣ низ хизмат намудааст. Тоҷирони гуногунзабон, мубаллиғин ва ҳоҷиён тавассути ин роҳ бо корвонҳо ҳаракат карда, робитаҳои байниминтақавӣ ва байнитамаддуниро ба роҳ мондаанд. Ёдгориҳои эпиграфӣ (сангнавиштаӣ), ки бо забонҳои гуногун ба мисли суғдӣ, бохтарӣ, форсӣ, сурёнӣ, тибетӣ, чинӣ ва санкритӣ навишта шудаанд, далелҳои равшани ин равобит ҳисобида мешавад. Дар

Роҳи бузурги абрешим на танҳо маҳсулоти тиҷоратӣ, балки мактабҳои ҳунармандӣ, равишҳои муд ва услубҳои бадеӣ паҳн шуда, муҳити мушаххаси этнофарҳангӣ ба вуҷуд омада буданд. Ин роҳ ба ташаккули тамаддуни ҳамгирову бисёрфарҳангии Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамсоя замина фароҳам оварда буд.

Бо вуҷуди аҳаммияти бузурги стратегӣ ва фарҳангӣ самти хатсайрҳои Роҳи бузурги абрешим доимӣ набуд. Он вобаста ба вазъияти сиёсӣ, омилҳои иқлимӣ ва ҷангҳои байнидавлатӣ тағйир меёфт. То ба имрӯз ягон хатсайри ягона ва дақиқи ин роҳ дар саросари Авруосиё пурра муайян нашудааст. Бо вуҷуди ин, якчанд минтақаҳои калидии кишоварзӣ ва мадании Осиёи Марказӣ, ки аз соҳили шарқии баҳри Каспий то кӯҳҳои Тиёншон тул мекашанд, ҳамчун воҳаҳои равшани шабакаи роҳҳо шинохта шудаанд. Ин минтақа воҳаҳои водиҳои Зарафшон ва Қашқадарёро дар бар гирифта, дар давраҳои қадим минтақаи ягонаи таърихиву фарҳангии суғдиёнро ташкил медод. Суғдиён на танҳо дар тиҷорат фаъол буданд, балки дар эҷоди равияҳои нави фарҳангӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва меъморӣ саҳми босазо гузоштаанд. Онҳо, инчунин дар тарвиҷ ва нашри мазҳабҳои гуногун, аз ҷумла зардуштия, будоия ва монавия ба минтақаҳои гуногуни Авруосиё нақши муҳим бозидаанд.

Академик Б.Ғ. Ғафуров қайд менамояд: «Соли 568 мелодӣ намояндаи мардуми Суғд бо номи Монияҳ ба ҳайси сардори ҳайати сафорати Ҳоқони ғарбии Турк ба Византия фиристода шуд. Ӯ тавассути шохаи шимолии Роҳи бузурги абрешим аз канори баҳри Каспий ва Қафқоз ба Константинопол (Истамбули ҳозира Ю.М.) сафар намудааст. Манбаъҳои чинии ҳамон давра аз ширкати овозхонон, раққосон ва навозандагон аз минтақаҳои Суғд ва Кабудон дар ҳайати сафоратҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ёдовар мешаванд, ки ин далели нуфузи

суғдиён дар равобити дипломатӣ ва фарҳангии асрҳои миёна мебошад» [12, с. 212].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар омӯзиши таърихи Роҳи бузурги абрешим бояд ба он таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, ин даврабандии фаъолияти он мебошад. Дар миёни муҳаққиқон вобаста ба марҳилаҳои ташаккули ин роҳ фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Яке аз намудҳои маъруфи даврабандии ташаккули ин роҳ аз ҷониби шарқшиноси маъруфи рус Е.И. Лубо-Лесниченко пешниҳод шудааст, ки асоси онро воқеаҳои таърихии Чин ташкил медиҳад. Аз ҷониби ӯ марҳилаҳои зерин ҳамчун давраҳои ташаккули Роҳи бузурги абрешим муайян гардидаанд:

«1. Давраи Роҳи нефритӣ – марҳилаи ибтидоии равобити тиҷоратӣ, ки асосан ба интиқоли маъдани нефрит аз минтақаи Ғарб ба Чин марбут аст;

2. Давраи фаъолияти Роҳи меридианӣ (ҷанубу ғарбӣ) – давраи шуруи мубодилаи молу коло ва фарҳангҳо дар масирҳои дохилии Осиё;

3. Давраи империяҳои мутамаркази Тсин ва Хан (асри III то м. – асри III мелодӣ) – марҳилаи густариши равобити байниминтақавӣ, ки бо ташаккули давлатдории мутамарказ ва амнияти роҳҳо тавъам буд;

4. Давраи парокандагии сиёсии Чин (асрҳои III-IV мелодӣ) – замони коҳиши фаъолият ва мураккаб гардидани ҳаракат дар роҳ, ки бо нооромии дохилӣ тавсиф мешавад;

5. Давраи гулгулшукуфии Империяи Тан (асрҳои VII-IX мелодӣ) – авҷи равнақи тиҷорат ва мубодилаи фарҳангӣ миёни Чин ва минтақаҳои дигар» [25, с. 24-35].

Дар ин даврабандӣ, ки асосан ба равандҳои таърихии дохилии Чин такя карда шудааст, бештари таваҷҷуҳ ба таъсири вазъи сиёсиву иқтисодии Чин ва фаъолияти Роҳи бузурги абрешим равона шудааст. Е.И. Лубо-Лесниченко бар он назар аст, ки ҳатто дар давраҳое, ки Чин истеҳсоли сермаҳсули абрешимро назорат намекард, равандҳои савдои байналмилалӣ ва табодули молу фарҳанг идома доштанд [25, с. 24-35].

Мавқеи муҳимми таҳқиқоти Е.И. Лубо-Лесниченко дар он ифода ёфтааст, ки тамоми равандҳои таърихии дохили Чин дар таносуб ва ҳамбастагӣ бо рушди равобити тиҷоратии байниминтақавӣ ва таъсири мутақобила бо дигар давлатҳо, аз ҷумла империяи Усмонӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дида мешаванд. Ҳарчанд дар ин даврабандӣ таърихи Чин ҷойгоҳи марказӣ дорад, муҳаққиқон эътироф менамоянд, ки он дар баробари ин равандҳои таърихии дигар кишварҳоеро низ, ки дар Роҳи бузурги абрешим ширкат доштанд, ба назар гирифтааст.

Дар таҳқиқи таърихи Роҳи бузурги абрешим масъалаи даврабандии фаъолияти он аҳаммияти калидӣ дорад. Баррасии ин раванд аз зовияҳои гуногун сурат гирифтааст ва муҳаққиқони зиёд хронологияи ташаккули онро бо дарназардошти вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва этнофарҳангии замонҳои мухталиф пешниҳод намудаанд.

Яке аз чунин даврабандиҳо ба шарқшиноси маъруфи рус Б.Я. Ставиский тааллуқ дошта, ӯ давраҳои зеринро ҳамчун марҳилаҳои асосии инкишофи Роҳи бузурги абрешим муайян кардааст:

«1. Давраи императорӣ (асрҳои I-IV мелодӣ) – ташаккули империяҳои бузурги Рум, Эрон, Кушон ва Хан, ки шароити мусоид барои тиҷорат ва робитаҳои байниминтақавӣ оварданд;

2. Давраи аввали асрҳои миёна (тоисломӣ ва асрҳои V-VIII мелодӣ) – коҳиши нисбии фаъолият дар заминаи ноороми сиёсӣ, вале идомаи муомилоти тиҷоратӣ дар шакли маҳдуд;

3. Давраи гул-гулшукуфоии тиҷорати асримиёнагӣ (асрҳои IX-XIII мелодӣ) – авҷи равобити таҷоратӣ ва фарҳангӣ бо иштироки фаъоли тоҷирони мусалмон ва густариши шабакаҳои роҳҳо;

4. Давраи баъди муғул (асрҳои XIII-XV мелодӣ) – марҳилаи дубораи тамаркузи минтақаҳо ва эҳёи савдо зери нуфузи давлати муғул» [116, с. 24].

Ин даврабандӣ бештар ба хронологияи воқеаҳои сиёсӣ ва ташаккули давлатдорӣ дар Осиёи Марказӣ рабт дошта, муносибатҳои таърихӣ ва сиёсӣ ба равандҳои ин роҳро фаро мегирад.

Дар миёни олимони варзидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ перомуни даврабандии ташаккули Роҳи бузуги абрешим таҳқиқотҳо анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Н. Неъматов дар чандин асарҳои худ ва ҳамчунин дар эҷодиёти шогирдонаш намудҳои алоҳидаи даврабандии таърихи Роҳи бузурги абрешимро пешниҳод намудааст. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ, таърихи мавҷудияти ин роҳ ба се марҳилаи асосӣ ҷудо мешавад:

«Марҳилаи I – Чин-Кушон-Порт (асри II то м.-асри IV мелодӣ) – давраи ибтидоии ташаккули равобити тиҷоратӣ миёни тамаддунҳои Шарқу Ғарб, ки қувваҳои асосии мутаҳаррик чиниҳо, бохтариҳо, суғдиён ва форсҳо буданд.

Марҳилаи II – Суғдӣ (асрҳои V-VIII мелодӣ) – давраи авҷи икишофи Роҳи бузурги абрешим, ки тоҷирони суғдӣ дар он нақши асосӣ доштанд. Муҳаққиқон ин марҳиларо ҳамчун замони шукӯҳ ва васеъшавии роҳ арзёбӣ мекунанд.

Марҳилаи III – Арабӣ (асрҳои IX-XII мелодӣ) – замони нуфузи тамаддуни исломӣ ва иштироки фаъоли тоҷирони мусалмон, ки барои таърихи тоҷикон аҳаммияти муҳим доштааст. Дар ин давра савдо бо фарҳангу дин ҳамоҳанг гашта, ба рушди илму маърифат, урфу одат ва адабиёт замина гузошт» [103, с. 99-100]. Дар таҳлили таҳқиқоти академик Н.Н. Неъматов дида мешавад, ки ӯ таърихи Роҳи бузурги абрешимро на танҳо дар доираи савдо, балки ҳамчун падидаи мураккаби фарҳангиву тамаддунӣ баҳо додааст. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо дар рушди таърихию иҷтимоии мардуми минтақа, аз ҷумла тоҷикон нақши муҳим бозидаанд.

Дар асрҳои миёна, хусусан замони ҳукмронии давлати Сомониён аҳаммияти Роҳи бузурги абрешим ба таври назаррас афзоиш ёфт. Ин

раванд натиҷаи густариши муносибатҳои тиҷоратӣ миёни Чин, хилофати Аббосӣ ва Византия (Руми Шарқӣ) буд, ки дар он давлати Сомониён нақши калидӣ бозидааст. Пас аз асри VIII мелодӣ, бо густариши дини ислом дар қаламрави Осиёи Марказӣ ин минтақа ба яке аз бахшҳои муҳимми Роҳи бузурги абрешим табдил ёфта буд. Дар натиҷа, таъсири фарҳангии он на танҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ, балки ба рушди санъат, забону адабиёт ва тамаддуни кишварҳои ҳамҷавор низ васеъ паҳн гардид.

Давлати Сомониён дар баробари пуштибонӣ аз рушди иқтисодиёт ва тиҷорат, инчунин нақши муҳиммеро ҳамчун мубаллиғи ислом ба самтҳои шимол ва шимолу шарқ, минтақаҳои аҳолинишини туркҳои кӯчӣ иҷро намудааст. Ин сиёсат на танҳо ба паҳншавии дини ислом мусоидат кард, балки заминаи муносиб барои густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ бо халқиятҳои гуногунро фароҳам овард.

Бостоншинос С.Ғ. Бобомуллоев менависад: «Яке аз иқдомҳои муҳимми амирони Сомонӣ дар ин замина бунёд ва таҳкими инфрасохтори Роҳи бузурги абрешим, аз ҷумла сохтмони корвонсаройҳои муҷаҳҳази асримиёнагӣ буд. Тибқи иттилооти муаррихи шинохта Истахрӣ то асри X мелодӣ дар қаламрави давлати Сомониён зиёда аз 10 ҳазор корвонсарой вуҷуд дошт, ки бо фосилаи якрӯзаи роҳ аз ҳам ҷойгир буданд. Ин корвонсаройҳо барои фароҳам овардани амният, истироҳат ва муомилоти самарабахши тоҷирон хизмат мерасониданд» [52, с. 370]. Ин иқдомҳо заминаи мустаҳкам барои вусъати савдои байниминтақавӣ ва таҳкими нуфузи фарҳангиву сиёсии давлати Сомониён дар доираи Роҳи бузури абрешим гардиданд.

Академик Н.Н. Неъматов дар баррасии нақши таърихӣ ва ҷаҳонӣ шудани Роҳи бузурги абрешим, абрешимро ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми низоми тиҷорати байналамилалӣ ва раванди ҷаҳонишавии ибтидои асрҳои миёна (асрҳои VI-VIII то асрҳои XIV-XVIII мелодӣ)

арзёбӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, маҳз тавассути ин роҳ арзишҳо, молҳо ва дастовардҳои фарҳангиву илмӣ дар ҳар як гӯшаи дунёи қадим ва дигар қисматҳои ҷаҳон паҳн гардида, ба ташаккули робитаҳои пойдор миёни тамаддунҳо мусоидат кардаанд. Роҳи бузурги абрешим заминаи хело хуб барои муколамаи байни Шарқу Ғарб гардид ва ба мардуми ин ду минтақа имкон дод, ки аз фарҳангу дониши якдигар бархурдор гардида, онро густариш диҳанд.

Аз миёни муҳаққиқони маъруфе, ки ба масъалаи даврабандии таърихии Роҳи бузурги абрешим таваҷҷуҳ кардаанд, академики ӯзбак Э.В. Ртвеладзе мақоми хосса дорад. Ӯ дар асарҳои хеш намунаи сеқисмаи даврабандии фаъолияти ин роҳро пешниҳод кардааст:

«Давраи I (асри II то м. – асрҳои II-VIII мелодӣ) – марҳилаи ибтидоии ташаккул ва густариши равобити тиҷоратӣ миёни Чин, Осиёи Марказӣ, Эрон ва кишварҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин.

Давраи II (нимаи дуюми асри VIII – ибтидои асри XIII мелодӣ) – марҳилаи шукуфоии муносибатҳои иқтисодиву фарҳангӣ дар шароити нуфузи дини ислом ва давлатдории мутамаркази хилофати Аббосӣ.

Давраи III (нимаи дуюми асри XIII – асри XV мелодӣ) – марҳилаи таъсиргузории омилҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ, аз ҷумла истилои муғул, ки ба шаклу муҳтавои робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ таъсир расониданд» [111, с. 34-37].

Ба ақидаи Э.В. Ртвеладзе бо ташаккули саноати истеҳсоли ватании абрешим дар қаламрави Осиёи Марказӣ, Эрон ва кишварҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин аҳаммияти марҳилаи аввали Роҳи бузурги абрешим тадриҷан коҳиш ёфт. Ӯ қайд менамояд, ки дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Эрон ва кишварҳои баҳри Миёназамин истеҳсоли ватании абрешим ба роҳ монда мешавад, ки ин боиси ба анҷом расидани марҳилаи аввали Роҳи бузурги абрешим мегардад. Дар солҳои минбаъда на абрешим, балки молҳо ва ҳадафҳои дигар дар Роҳи бузурги абрешим

накши асосиро мебозиданд [111, с. 34]. Ӯ инчунин, қайд менамояд: «Тағйироти моҳиятии фаъолияти ин роҳ дар натиҷаи забти Осиёи Марказӣ аз ҷониби арабҳо ва таваққуфи тулонӣ дар робита бо Чин сурат гирифтааст» [111, с. 35]. Давраи дуюми фаъолияти Роҳи бузурги абрешим, ки аз ҷониби ин муҳаққиқ муфассал таҳлил шудааст, ба се марҳилаи асосӣ тақсим мешавад.

Академик Э.В. Ртвеладзе ин марҳилаҳоро чунин шарҳ додааст: «Марҳилаи аввал (нимаи дуюми асри VIII – охири асри IX мелодӣ) – дар ин давра нуфуз ва қудрати воқеии хилофати Аббосӣ аз Помир дар шарқ то Мағриб дар ғарб ҳифз мегардид. Мавҷудияти як маркази сиёсӣ ва динии қавӣ, инчунин паҳншавии дини ислом ба равнақи робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамуданд. Дини ягона ҳамчун омили муттаҳидсозанда амал карда, шиддати фаъолияти тиҷоративу ҳамгироии фарҳангиро афзоиш медод ва ба самтгирии роҳҳои тиҷоратӣ таъсири мусбат мерасонид.

Марҳилаи дуюми фаъолияти Роҳи бузурги абрешим аз рӯйи ақидаи академик Э.В. Ртвеладзе ба охири асри IX ва ибтидои асри XI мелодӣ рост меояд. Дар ин давра дар қаламрави Осиёи Марказӣ давлати мустақили Сомониён ташаккул меёбад. Дар амал нуфузи хилофати Аббосӣ дар ин қаламрав ба сатҳи муайян коҳиш меёбад ва нақши роҳбарӣ ба дасти ҳукуматҳои маҳаллӣ мегузарад. Дар ин шароит робитаҳои тиҷоративу фарҳангӣ дар доираи Роҳи бузурги абрешим шакли нисбатан мустақил касб карда, тавассути ташаббусҳои давлатҳои минтақа рушд мекарданд.

Марҳилаи сеюм (оғози асри XI – ибтидои асри XIII мелодӣ)-ро дарбар гирифта, бо тағйироти ҷиддӣ дар сохтори сиёсии давлатҳои Осиёи Марказӣ алоқаманд аст. Дар ин марҳила нақши асосиро сулолаҳои туркнажод Қарахониён, Ғазнавиён ва Хоразмшоҳиён ба зимма мегиранд, ки ба ҷойи сулолаҳои эронинажод ва маҳаллии пешин вориди

саҳнаи сиёсӣ гардида буданд» [111, с. 35]. Ивазшавии элитаҳои сиёсӣ ба коҳиши шиддати муносибатҳои тиҷоратӣ дар роҳҳои суннатии хушкӣ мусоидат намуд. Аз тарафи дигар дар ҳамин марҳила нақши роҳҳои нақлиёти баҳрӣ ва самти шимолии хушкӣ, яъне равобити тиҷоратӣ бо ҷаҳони славянӣ ва Аврупои Шимолу Ғарбӣ рӯ ба афзоиш мениҳад. Оғози равандҳои нави тиҷорат ва табодули фарҳангӣ тавассути самтҳои дигар, муҳтавои робитаҳои миёни Шарқу Ғарбро тағйир медиҳад.

Академик Э.В. Ртвеладзе дар ҳамин замина барқароршавии Роҳи бузурги абрешимро ҳамчун шоҳроҳи байниқитъавӣ, ки кишварҳои Шарқи Дурро бо Аврупо мепайваст, асоснок кардааст. Ӯ ин барқароршавиро ба ду омил марбут медонад:

1. Таъсиси империяи муғул, ки фазои умумии сиёсӣ ва амниятро дар саросари Авруосиё фароҳам овард;

2. Фаъолияти тоҷирони Генуя ва Венетсия, инчунин мубаллиғони католикӣ аз Аврупо, ки робитаҳои мустақими тиҷоратӣ ва мазҳабиро бо кишварҳои Шарқ густариш медоданд.

Ҳамин тавр, марҳилаи сеюм, ки онро Э.В. Ртвеладзе таҳлил намудааст, тағйироти мураккаби геосиёсӣ ва иқтисодиро таҷассум мекунад, ки дар онҳо таҷовузи қувваҳо дар миқёси минтақа ва ҷаҳон дигаргун шуда, роҳҳои нав ва стратегияҳои тиҷорат ташаккул меёбанд.

Муҳаққиқ С.С. Тиллоев низ дар таҳқиқоти худ оид ба Роҳи бузурги абрешим маълумот дода, даврабандии сеқисмаи онро пешниҳод намудааст. Ӯ таърихи рушди Роҳи бузурги абрешимро дар қисмати Осиёи Марказӣ ба се марҳилаи асосӣ тақсим кардааст:

«Марҳилаи I – Кушонӣ-Портӣ (асри II то м. – асри IV мелодӣ). Ин марҳила марбут ба давраи ташаккули ибтидоии робитаҳои байниқитъавӣ буда, бо иштироки ориётаборон – форсҳо, бохтариҳо, суғдиён, фарғонагиҳо ва сакоиҳо тавсиф меёбад. Ба ақидаи С.С. Тиллоев маҳз дар ҳамин давра мардуми Осиёи Марказӣ ба фазои васеи тиҷоратӣ

ва фарҳангии байналмилалӣ роҳ ёфта, дар ташаккули низоми мураккаби табодули молу дониш саҳм гузоштаанд.

Марҳилаи II (асрҳои V-VIII мелодӣ) – давраи шукуфоии равобити байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Роҳи бузурги абрешим дар ин замон тавсеа ёфта, аз дохили Чин, Сибир ва Шарқи Дур то ба кишварҳои баҳри Миёназамин, Ҳиндустон, империяи Византия, ғарби Африқо ва Аврупои Ҷанубӣ тул мекашид. Самти шимолии роҳ дар ин давра васеъ шуда, аз Суғд тавассути Уструшани Ғарбӣ ба Чоч, Исфиҷоб ва Ҳафтрӯд пайваст шуда, бо шохаи суғдӣ-уструшанӣ-фарғонагӣ мепайваст. Ин масири роҳҳо равобити байниминтақавиро ба сатҳи хеле баланд расонд.

Марҳилаи III (асрҳои IX-XII) – дар ин марҳила робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба самтҳои нав густариш меёбанд. Муносибатҳои зич бо давлатҳои водии Волга, аз ҷумла хазарҳо ва булғорҳо, ҳамчунин бо Киев ва дигар князигариҳои славянии Аврупои Шарқӣ мустаҳкам мегарданд. Дар минтақаҳои дур, аз дарёҳои Кама ва Ока то соҳилҳои Балтик истеҳсоли тангаҳо ва маҳсулоти филизӣ ба роҳ монда шуда буд. Тоҷирони Осиёи Марказӣ ба минтақаҳои Чжурчжен ва Шарқи Дур сафар намуда, бо Ҳиндустон низ робитаи тиҷоратиро тақвият мебахшанд» [142, с. 21-30].

Таҳлили ақидаҳои С.С. Тиллоев нишон медиҳад, ки маҳз рушди марҳила ба марҳилаи Роҳи бузурги абрешим дар ташаккули равобити Шарқу Ғарб, рушди тиҷорати байналмилалӣ ва тақвияти ҳамкориҳои фарҳангиву иқтисодӣ саҳми ҳалкунанда доштааст. Тавре маълум гардид, маҳз дар асрҳои IX-XII мелодӣ робитаҳои тиҷоратӣ бо давлатҳои славянӣ рушд мекунад.

Бостоншинос Г.Р. Каримова бо такя ба таҳқиқоти васеи бостоншиноси рус Б.Я. Ставиский ва бо истифода аз сарчашмаҳои қадимаи эронӣ, юнонӣ, румӣ ва манобеи асримиёнагии чинӣ, форсӣ ва арабӣ ба тавсифи шохаҳои Роҳи бузурги абрешим, ки аз қаламрави Тоҷикистон

мегузаштанд, пардохтааст. Дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳо аз ҷониби ин бостоншинос чаҳор шохаи асосии Роҳи бузурги абрешим, ки тавассути минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон мегузаштанд, муайян гардидаанд:

«1. Шохаи Суғдӣ – ин шоха аз Самарқанд оғоз ёфта, тавассути Панҷакент, Вағаштон (Наврӯзшоҳ) ва шаҳракҳои Варз (Айнӣ), Бунҷикат (Шаҳристон), Истаравшан, Ҳаватак, Куркат, Хуҷанд, Конибодом ва Исфара идома меёфт. Ин шоха яке аз самтҳои муҳимми тиҷорат ва фарҳанги байниминтақавӣ ба шумор мерафт, ки Суғдро бо водии Фарғона мепайваст.

2. Шохаи Қаротегинӣ (Рашт) – ин шоха дар «Дастури ҷуғрофӣ» - и Батламиус (асри II мелодӣ) низ зикр ёфтааст. Он аз Тирмиз (дар ҳудуди Ӯзбекистон) оғоз гардида, тавассути Регар (ҳоло Турсунзода), Ҳисор, Душанбе, Андигон (Кофарниҳон), Вошгирд (Файзобод), Дарбанд (Сариҷар), Гурканд (Ғарм), Ҳоит, Лахш, водии дарёҳои Сурхоб ва Қизилсӯ ба самти Дарутқурғон (Қирғизистон) ва водии Олой то Қошғар (Чин) мерасид. Ин шоха алоқаи мустақими минтақаҳои маркази Тоҷикистонро бо Чин таъмин мекард.

3. Шохаи Хатлонӣ – ин шоха аз роҳи Қаротегинӣ ҷудо гардида, ба ҷануб ҳаракат мекард. Шохаи мазкур аз Душанбе ба самти Тамлиёт (Данғара), Бурбон (Данғара), Мунк (Ховалинг), Ҳулбук (Қурбоншаҳид), Рустак (Сайёд), Фархор, Ковбанҷ (Панҷ), Ҳаловард (Ҷалолиддини Балхӣ), Леваканд (Бохтар) ва Қубодиён идома ёфта, ба Балх (Афғонистон) пайваст мешуд. Аз он ҷо роҳ ба шохаи ҷанубии Роҳи бузурги абрешим мепайваст. Аз миёни шаҳрҳои дар боло зикргардида шаҳри Ҳулбук ҳамчун маркази маъмурию фарҳангии давраи Сомониён дар ин шоха аҳаммияти хосса дошт

4. Шохаи Ҷанубӣ (Роҳи бузурги Помир) – ба ақидаи бостоншинос А. Зеленский, ин шоха бо номи «Роҳи бузурги Помир» машҳур аст. Он аз

Балх (Афғонистон) оғоз ёфта, тавассути Барпанҷа (Шуғнони Афғонистон) ба Хоруғ мерасид ва аз ин ҷо роҳ ба се шоха тақсим мешуд:

1. Шохаи Вахон – аз Ишкошим тавассути Лангар ва водии Вахондарё ва Тошқурғон (Чин) мерафт.

2. Шохаи Шуғнон – аз Хоруғ тавассути Сучон, Ҷилондӣ, Мурғоб ва гузаргоҳи Қулма ба самти Тошқурғон тул мекашид.

3. Шохаи сеюм-роҳро ба самти Рашт пайваст мекард ва аз Сариҷар, Тавилдара (ҳоло Сангвор), Қалъаи Хумб, водии дарёи Панҷ, Қалъаи Рохарв (Ванҷ), Язғулом ва Қалъаи Вомар (Рӯшон) то Хоруғ идома меёфт» [73, с. 20-21].

Ин чаҳор шоха ба таври мукаммал шабакаи васеи робитаҳои тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва қавмшиносиро дар қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон таъмин менамуданд. Мавқеи ҷуғрофии ин роҳҳо на танҳо барои иқтисоди минтақа, балки барои густариши фарҳанг, дин ва ҳунармандӣ нақши ҳалкунанда бозидаанд. Пас аз омӯзиши муфассали сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ, муҳаққиқон ба ин натиҷа расидаанд, ки алоқаи савдо ва равобити байниминтақавӣ тавассути шоҳроҳҳое, ки аз Помир ва минтақаҳои атрофи он мегузаштанд, аз асри I то м. ба таври самарабахш фаъолият мекарданд [11-М, с. 106]. Ин роҳҳо на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ доштанд, балки ҳамчун василаи муҳимми мубодилаи фарҳангӣ, интиқоли динҳо ва ҳунарҳо, инчунин, густариши тамаддунҳои гуногун миёни Шарқу Ғарб хизмат мекарданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили фикру ақидаҳои олимони дохиливу хориҷӣ роҷеъ ба даврабандии фаъолияти Роҳи бузурги абрешим маълум гардид, ки миёни онҳо назари ягона вуҷуд надорад. Фикру ақидаҳои олимон гуногун буда, ҳар як муҳаққиқ вобаста ба заминаи методологӣ, манбаъҳои таърихӣ ва самти пажуҳиши худ марҳилаҳои ташаккули ин роҳро ба таври хос муайян намудааст. Доир ба ин масъала Б.Я. Ставиский, Н.Н. Неъматов, Э.В. Ртвеладзе, Г.Р.

Каримова, С.С. Тиллоев ва дигарон фикру ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд. Бо вуҷуди ин, қисме аз даврабандиҳои аз ҷониби муҳаққиқон анҷом додашуда бо каме ҷузъиёт аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, ақидаҳои олимон Е.И. Лубо-Лесниченко ва Э.В. Ртвезадзе ба ҳам монанд буда, танҳо аз ҷиҳати хронологӣ аз ҳам тафовут доранд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки Роҳи бузурги абрешим як падидаи мураккаби таърихӣ буда, таҳлили даврабандии он бояд бо дарназардошти равандҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва геосиёсии ҳар давра анҷом дода шавад.

### 1.2. Долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд

Барои таҳияи номинаҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим, аз соли 1987 инҷониб ЮНЕСКО тадбирҳои муҳим ва густурдаеро амалӣ намудааст. Дар ҳамин сол ин ниҳоди байналмилалӣ барномаҳои даҳсолаи байналмилалии «Омӯзиши комплексии Роҳи абрешим – роҳи муколама»-ро роҳандозӣ намуд, ки дар доираи он як силсила чорабиниҳои илмӣ ва фарҳангӣ татбиқ карда шуданд. Аз ҷумла, конфронсу семинарҳои илмии байналмилалӣ, экспедитсияҳои муштараки бостоншиносӣ ба кишварҳои воқеъ дар канори шоҳроҳҳои гуногуни Роҳи бузурги абрешим, барқарорсозии ёдгориҳои таърихиву меъморӣ, таҳияи филмҳои ҳуҷҷатӣ ва нашри маводди илмӣ, аз ҷумла рисолаву мақолаҳо ба роҳ монда шуданд.

Марҳилаи муҳимтарини ин раванди таҳқиқотӣ таъсиси муассисаҳои махсуси илмӣ барои омӯзиши ин падидаи таърихӣ ба шумор меравад. Дар ин миён Институти байналмилалии таҳқиқоти Осиёи Марказӣ (минбаъд-ИБТОМ), ки дар шаҳри Самарқанд ҷойгир аст, нақши калидӣ бозида, бо дастури омодасозии номинаи силсилавии «Долони Роҳи абрешими Зарафшон – Қароқум» баромад намуд. Барои татбиқи марҳилавии омодасозии ҳуҷҷатҳои пешбарии номинавӣ нақшаҳои зерин барои иҷро таҳия карда шуданд:

1. Таҳияи ҳуҷҷатҳои ягонаи асосӣ, ки аз омодасозии нақшаҳои топографӣ, гузаронидани аксбардории саҳроӣ ва ҳавоӣ, таҳияи асоси библиографӣ ва ҳисоботҳои матнӣ бо истифода аз маводди бойгонии илмӣ иборат аст.

2. Иҷрои вазифаҳои муҳимми амалии ҳифзи мерос, аз ҷумла муайянсозии минтақаҳои муҳофизатӣ бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ ва моддии объектҳо, таҳияи сохтор ва механизмҳои муассир барои идоракунӣ ва нигоҳдории объектҳои мерос. Марҳилаи ниҳоии таҳияи номинаҳо бо мақсади пешниҳод ва воридсозии онҳо ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО [3-М, с. 56].

Созмони Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО соли 1988 лоиҳаи омӯзиши ҳамаҷонибаи роҳҳои абрешимро ҳамчун як бахши муҳимми даҳсолаи байналмилалии рушди фарҳанг роҳандозӣ намуд. Мақсади асосии ин лоиҳа инъикоси равобити мураккаби байни Шарқу Ғарб буд. Лоиҳа дар асоси таҳқиқотҳои илмии байналимилалӣ, баргузории семинару маҷлисҳо ва бо истифода аз равиши серсоҳа таҳия гардида, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи Роҳи бузурги абрешим замина гузошт.

Яке аз дастоварди муҳим дар ин самт соли 2014 ворид шудани шабакаи долони «Чанъан – Тиёншон» ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО буд. Ин масир, ки тулаш наздики 5000 км аст, аз шаҳри Сиани Чин оғоз ёфта, тавассути кӯҳҳои Тиёншон ба Қазоқистон ва Қирғизистон мегузарад. Ин долон 33 мавзеи таърихӣ – фарҳангии арзишманд, аз ҷумла пойтахтҳои қадим, маҷмааҳои қасрҳо, қалъаҳо, маъбадҳои ғорҳои буддоӣ, манораҳои хабардиҳӣ ва қисматҳое аз Девори бузурги Чинро дар бар мегирад. Таҷрибаи андӯхташуда дар таҳияи номинаҳои силсилавӣ имкон фароҳам овард, ки заминаи муносиб барои лоиҳаҳои нави омӯзиш ва ҳифзи муштараки халқҳои Осиёи Марказӣ гузошта шавад.

Институти байналмилалии таҳқиқоти Осиёи Марказӣ, ки дар шаҳри Самарқанд фаъолият мекунад, аз ибтидо ба омодасозии номинаи силсилавии фаромилии «Роҳи бузурги абрешим» машғул гардида, корҳои худро дар заминаи таҳқиқи долонҳои гуногуни хатсайр ба роҳ монд. Илова бар ин, ИБТОМ дар таҳияи дархости таъсиси номинаи силсилавии нав бо номи «Санъати сангии Осиёи Марказӣ» фаъолона иштирок дорад. Аз ҷумла, баландкӯҳи Устюрт ҳамчун лоиҳаи муҳимми оянда пешниҳод шудааст, ки метавонад нахустин объекти омехтаи табиию фарҳангӣ дар минтақа бошад ва ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардад.

Долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд яке аз масирҳои муҳимми Роҳи бузурги абрешим ба шумор меравад, ки дар тули таърих, хусусан дар замони асрҳои миёна ба авҷи баланди рушди худ расида буд. Ҳарчанд корвонҳои тиҷоратӣ ва сафоратҳо ҳамеша аз масири ягона намегузаштанд ва нуктаҳои мобайнӣ тағйир ёбанд ҳам самти асосии ҳаракат аз Шарқ ба Ғарб ҳамеша нигоҳ дошта мешуд. Ин долон дар тӯли таърих аз қаламрави се кишвари муосир – Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Туркманистон мегузашт. Қисмати тоҷикистонии долони мазкур ҳудуди се ноҳияи вилояти Суғд: Панҷакент, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳро фаро мегирад. Масоҳати умумии минтақаи таҳқиқшуда дар ин кишвар тақрибан 10 ҳ. км$^2$ мебошад [123, с. 224].

Дар доираи лоиҳаи сесолаи Фонди мақсадноки ЮНЕСКО/Ҷопон (феврали соли 2011-июни соли 2014), ки ба дастгирии талабот ва расмиёти ҳуҷҷатузорӣ оид ба номинаҳои силсилавӣ ва фаромиллӣ бахшида шудааст, якчанд кори муҳим амалӣ гардид. Лоиҳа ба марҳилаи нави аввалини таҳияи ду номинаи Роҳи бузурги абрешим нигаронида шуда, ба таъмини талаботҳои ягонаи ҳуҷҷатгузорӣ, таҳияи харитаҳо, гузаронидани таҳқиқоти саҳрой ва арзёбии фарҳангӣ мусоидат намуд.

Яке аз муҳимтарин рӯйдодҳо дар доираи ин лоиҳа баррасии номзадҳо дар Иҷлосияи 38-уми Кумитаи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО (15-25 -июни соли 2014, шаҳри Давҳаи Қатар) буд. Дар иҷлосия долони «Чанъан – Тиёншон», ки бо иштироки ҷумҳуриҳои Чин, Қазоқистон ва Қирғизистон таҳия шуда буд, расман ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Марҳилаи дуюми лоиҳаи Фонди мақсадноки ЮНЕСКО/Ҷопон як талоши зарурӣ ва давомдор барои дастгирии ҳуҷҷатгузорӣ ва эҳёи иқтидор дар доираи лоиҳаи ҳифз ва идораи Роҳҳои абрешими Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Лоиҳа расман санаи 8-уми апрели соли 2015 дар ҷаласаи 4-уми Кумитаи ҳамоҳангсозии номинаҳои силсилавии мероси ҷаҳонии Роҳи бузурги абрешим оғоз гардид.

Соли 2014 номинаи «Роҳи абрешим: долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд» ҳамчун мероси ҷаҳонӣ ба давлатҳои иштирокдор ҷиҳати таҳкиму такмил ва пешбарӣ баргардонида шуд. Дар ҳамин замина дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи ҷорӣ Маркази мероси ҷаҳонӣ дар ҳамкории зич бо дафтари ЮНЕСКО дар Тошканд, ҳамроҳ бо ИБТОМ ва идораи ёдгориҳои таърихии Ӯзбекистон машварати коршиносон ва намояндагони Шурои байналмилалӣ оид ба ёдгориҳо ва ҷойҳои тамошобоб (минбаъд-ИКОМОС) баргузор намуд.

Дар давраи моҳи ноябри соли 2015 (23-27-уми ноябр) ҷаласаи чоруми Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба пешбарии силсилавии мероси ҷаҳонии Роҳи бузурги абрешим дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон баргузор гардид [155, с. 17]. Ҳадафи асосии ҷаласа баррасии супоришҳои техникии Кумитаи ҳамоҳангсозӣ буд, ки ба масъалаҳои зерин дахл дошт:

– омӯзиши вазъи нигоҳдории аввалин номинаи силсилавии фаромиллии Роҳи абрешим шабакаи хатсайри долони Чанъан – Тиёншон, ки бо иштироки Қазоқистон, Чин ва Қирғизистон ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидааст;

– баррасии вазъи кунунии номинаи силсилавии фаромиллии Роҳи абрешим долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд (Тоҷикистон ва Ӯзбекистон);

– пешрафтҳо дар таҳияи номинаҳои нав барои воридшавӣ ба рӯйхати мероси ҷаҳонӣ, аз ҷумла шохаи Осиёи Ҷанубии Роҳи абрешим (бо иштироки Бутан, Ҳиндустон, Чин ва Непал) ва долони Роҳи абрешим Фарғона-Сирдарё (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон);

– баррасии дигар ташаббусҳои марбут ба Роҳи бузурги абрешим, ки аз ҷониби Афғонистон, Эрон, Туркманистон ва Туркия пешниҳод шуда буданд.

Ҳамзамон, дар ҷаласа натиҷаҳои марҳилаи якуми лоиҳаи Фонди мақсадноки ЮНЕСКО/Ҷопон (2011-2014), ки ба дастгирии талаботҳо ва тартиби ҳуҷҷатгузории номинаи силсилавии фаромилии Роҳи бузурги абрешим дар Осиёи Марказӣ равона шуда буд, арзёбӣ гардид. Ҳамчунин, лоиҳаи марҳилаи дуюм бо номи «Дастгирии мероси ҷаҳонии Роҳи бузурги абрешим дар Осиёи Марказӣ» барои солҳои 2015-2018 расман ифтитоҳ гардид. Дар поёни ҷаласа иштирокдорон эҳтиёҷоти эҳтимолии рушди минбаъдаи таҳқиқоти мавзуии ИКОМОС оид ба Роҳи бузурги абрешимро, ки минтақаҳои Осиёи Шарқӣ ва Ғарбиро фаро мегирад, баррасӣ карданд.

Бо дарназардошти санаи эҳтимолии ҷаласаи минбаъда 1-уми феврали соли 2017 вохӯрӣ барои муаррифии расмии номинаи баргардонидашудаи фаромиллии пешбарии долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд дар доираи Роҳи бузурги абрешим ташкил карда шуд. Дар натиҷаи мувофиқати иштирокдорон ва бо пешниҳоди Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки бо ЮНЕСКО ҳамкорӣ мекард, қарор шуд, ки ҷаласаи навбатии Кумитаи роҳбарикунандаро то охири соли 2016 дар Эрон баргузор намоянд.

Т. Вилямс, ки яке аз муҳаққиқони омӯзиши мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешем ба ҳисоб меравад, оиди қарорҳои ҷаласаи мазкур маълумот дода менависад: «Дар миёни 16 банди асосии ҷамъбасти маҷлиси машваратии Алмаато бандҳои зерини муҳим зикр гардиданд:

1. Аз раванди минбаъдаи номинаи «Роҳи бузурги абрешими долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд» аз ҷониби ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон маълумот пешниҳод карда шавад. Ҳамчунин, аз омода намудани ҳуҷҷатҳои номзадӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Туркманистон барои долонҳои Роҳи абрешим, ки аз қаламраваш мегузарад, иттилоъ дода шавад.

2. Мусоидат ба машваратҳои зич ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо байни ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар раванди омодасозии долони Фарғона – Сирдарёи Роҳи абрешим барои воридшавӣ ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО» [155, 17].

Аз 14 то 18 июни соли 2016 дар шаҳри Тошкенти Ӯзбекистон ҷаласаи миссия ва коршиносон оид ба муҳокима ва мувофиқаи чораҳои минбаъда барои пешбарии номинаи долони «Роҳи абрешим: Панҷакент – Самарқанд – Пайканд» баргузор гардид. Дар ин ҷаласа намояндагон ва коршиносон аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ИКОМОС (аз ҷумла, Сюзан Дениер аз Британияи Кабир ва Гуо Жан аз Чин) ширкат доштанд [155, с. 24]. Барномаи вохурӣ аз муҳокимаи се рӯза ва сафари дурӯза ба объектҳои дахлдор иборат буд. Иштирокдорон тавсияҳо ва қарорҳои Кумитаи мероси ҷаҳонӣ оид ба таҳқиқи муқоисавӣ, арзиши барҷастаи универсалӣ (АБУ) ва такмили маълумот роҷеъ ба ҳар як ёдгориро баррасӣ намуда, ба хулосае омаданд, ки бояд ин масъалаҳо муфассалтар ва дақиқтар пайгириву такмил дода шаванд.

Коршиносони миллӣ мавзеъҳои қад-қади дарёи Зарафшонро ҳамчун минтақаҳои саҳмгузори арзиши барҷастаи универсалии тамоми номина пешниҳод карданд, ки метавонанд ба он илова шаванд. Дар раванди

ҷаласа намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Раззоқов дар бораи тағйири хатти марзҳо ва минтақаи буферии Панҷакент, ки мувофиқи тавсияҳои дахлдори ИКОМОС сурат гирифтааст, маълумот дод. Дар ин миссияи машваратӣ коршиносон аз Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бо ҳамкории коршиносони ИКОМОС таваҷҷуҳи махсусро ба пешниҳоди маълумоти муфассал, аз ҷумла ҷойгиршавии иншоотҳо ва усулҳои идоракунии онҳо зоҳир намуданд.

Санаи 14 ноябри соли 2016 дар шаҳри Қизилӯрда (Қазоқистон) ҷаласаи коршиносон оид ба омода намудани номинаи силсилавии фаромиллии Мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим долони Фарғона – Сирдарё баргузор гардид. Ин ҷаласа дар асоси созишномаи Алмаато, ки 24-25 ноябри соли 2015 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида буд, ташкил гардид [155, с. 26]. Ҳамзамон, ҷаласаи чоруми Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба пешниҳоди номинаи силсилавии мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон баргузор шуд. Ҷаласа бо ҳамкории Маркази мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, Комиссияи миллии Қазоқистон оид ба ЮНЕСКО ва Кумитаи миллии Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар Алмаато ташкил гардид.

Ҳадафи асосии вохӯрии коршиносон дар Қизилӯрда (Урдаи тилоӣ) муайян намудани роҳҳои ояндаи рушди силсилавӣ ва фаромиллии номинаҳои долони Фарғона – Сирдарёи Роҳи абрешим буд. Дар ҷаласа намояндагони ҳукумат ва коршиносон аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, инчунин, намоядагони ЮНЕСКО ва мушовирони байналмилалӣ барои баррасии имкониятҳои ҳамкории техникӣ ва рушди минбаъда ширкат доштанд. Инчунин, иштироки намояндагони Федератсияи Россия дар ҷаласа қабул гардид.

Дар ҷаласаи Қизилурда дастурҳои умумӣ ва ҳамоҳангсозии раванди пешбарии номина дар долони Фарғона – Сирдарё баррасӣ шуданд. Ин ҷаласа имконият фароҳам овард, ки ин масъала аз ҷониби чор давлат пешниҳод гардад ва мунтазам мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода

шавад. Илова бар ин, дар ҷаласа аломатҳои эҳтимолӣ ва изҳороти арзиши барҷастаи универсалии номинаи силсилавии долони Фарғона – Сирдарё мавриди таҳлил қарор гирифт. Ҷаласаи коршиносон бо қабули барномаи чорабиниҳои минбаъдаи Қизилурда ба итмом расид, ки дар он натиҷаҳои асосии вохӯрӣ ҷамъбаст ва камбудиҳои мавҷуда дар мавриди лоиҳаи Роҳи абрешим, аз ҷумла номинаҳои долонҳои Панҷакент – Самарқанд – Пайканд ва Фарғона – Сирдарё, муайян карда шуданд.

Дар давраҳои минбаъда низ барои тезонидани корҳои омода намудани номинаи долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим семинарҳо баргузор карда шуданд. 29 ноябри соли 2016 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон семинари зерминтақавӣ оид ба арзёбии таъсир ба мероси фарҳангии ҷаҳонӣ, табиӣ ва омехта баргузор гардид [155, с.28]. Ба иштирокдорони семинар супориш дода шуд, ки ба методҳои омодашуда дар доираи экспертизаи бостоншиносӣ бо диди нав назар кунанд. Аз ҷумла, қобилиятҳои сканерҳои АРТЕК ва EBA 3D намоиш дода шуданд. Ин тадбирҳо имкон фароҳам меоранд, ки ҳам объектҳои бузург, аз қабили ҳайкалҳо, ҳафриёти бостоншиносӣ ва осори гуногун нусхабардории электронӣ карда шаванд. Мубодилаи афкор бо коршиносони Осиёи Марказӣ ва татбиқи минбаъдаи усулҳои нави нигоҳдорӣ барои ҳифзи шумораи зиёди бозёфтҳои нодир дар минтақа, мусоидат намуд ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ имконият дод, ки мероси фарҳангии минтақаро тавассути усулҳои гуногуни визуалӣ (видеоӣ), ки дар раванди ҷаласа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ба таври васеъ муаррифӣ намоянд.

Санаи 24 майи соли 2017 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ҷаласаи зерминтақавии Осиёи Марказӣ бо мавзуи таҳкими идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии дониш: Ташаббусҳои сайёҳии устувор ва рушди он баргузор гардид. Дар ҷаласа тақрибан панҷоҳ иштирокдор аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, аз

ҷумла коршиносон, намояндагон ва масъулони бахшҳои ҳифзи мерос, сайёҳии устувор, боғҳои миллии кишварҳо ва Коммисияҳои миллии ЮНЕСКО, ҳамчунин, намоядагони ЮНЕСКО ва мушовирони байналмилалӣ иштирок намуданд. Иштирокдорон талабот ва меъёрҳои идоракунӣ ва рушди сайёҳии устуворро дар минтақаҳои ҳудуди Роҳи абрешим бо иштироки мувозинати ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор баррасӣ намуда, ташаббуси рушди сайёҳии устуворро дар доираи Роҳи абрешим дастгирӣ намуданд. Ҷаласа бо қабули манифест (баёния) – и Алмаато, ки натиҷаҳои асосии маҷлиси машваратиро ҷамъбаст кард, бо муваффақият ба анҷом расид.

Муҳаққиқ Т. Вилямс менависад: «Пас аз анҷоми ҷаласа бо иштироки ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва ҳамчун идомаи ҷаласаи 4-уми Кумитаи роҳбарикунандаи номзадҳои силсилаи мероси Роҳи абрешим (ноябри 2015), рӯзҳои 13-14 сентябри соли 2017 нишасти зерминтақавии Осиёи Марказӣ оид ба таҳияи стратегияҳои идоракунии долонҳои мероси Роҳи абрешим дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид. Ҳадафи вохӯрӣ баррасии пешрафтҳо дар таҳияи нақшаҳои идоракунӣ аз ҷониби чор кишвари минтақа барои қисматҳои таркибии минтақаҳои долонҳои мероси Роҳи абрешим буд» [155, с. 35].

Дар нишасти мазкур пешрафти ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар доираи номинаи долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд қайд гардид. Ҳамзамон, пешрафт дар таҳияи ҳуҷҷатҳои дахлдор барои номинаи силсилавии фаромиллии Роҳи абрешим долони Фарғона – Сирдарё, ки аз ҷониби ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон намояндагӣ ва пешниҳод шудааст, қайд карда шуд. Зарурати касби ризоияти расмии гурӯҳи корӣ оид ба номинаи долони Фарғона – Сирдарё мутобиқи созишномаи Алмаато, ки дар ҷаласаи 4-уми Кумитаи ҳамоҳангсозии номинаҳои силсилавии

фаромиллии мероси Роҳи абрешим моҳи ноябри соли 2015 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон қабул гардидааст ва нақшаи чорабиниҳои Қизилӯрда (соли 2016) таъкид гардид. (расми 2)

Ҷаласаҳо ва нишастҳоиserминтақавӣ, ки солҳои 2015-2017 дар шаҳрҳои Қизилӯрдаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардиданд, барои омода намудани номинаҳои долонҳои Фарғона – Сирдарё ва Панҷакент – Самарқанд – Пайканд корҳои назаррасеро ба анҷом расонида, қарорҳои дахлдор қабул карданд. Бо мақсади такмили минбаъдаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар заминаи омода намудани долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд дастуру супоришҳои иловагӣ дода шуданд. Аз ин лиҳоз иқдоми пешгирифтаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти ҳифз ва нигоҳдории ёдгориҳои таърихии нодир, ки дар ҳудуди Роҳи бузурги абрешим ҷойгиранд, нақши муҳим ва саривақтӣ дошта, метавонад умри ёдгориҳои мазкурро ба муддати садсолаҳои дигар дароз кунад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ҷаласаҳо ва нишастҳои дар Осиёи Марказӣ баргузор гардида, оиди омӯзиши масоили марбут ба долонҳои мероси Роҳи бузурги абрешим такони ҷиддӣ бахшиданд. Маҳз дар ҳамин ҷаласаҳо масъалаи ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид намудани долонҳои Фарғона – Сирдарё ва Панҷакент – Самарқанд – Пайканд баррасӣ гардиданд. Аммо соли 2019 бо ҳамроҳ гардидани Туркманистон ба номинаи силсилавии долони Панҷакент-Самарқанд-Пайканд номи долон ба долони Зарафшон – Қароқум иваз карда шуд, ки перомуни ин масъала дар зербоби дигар маълумоти муфассал дода хоҳад шуд.

Ҳамин тавр, омӯзиши масоили марбут ба раванди омода намудани долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим яке аз унсурҳои асосии ҳифзи арзишҳои таърихи куҳанбунёди халқи тоҷик ба шумор меравад. Зеро ҳадафи асосии омода намудани номинаи ёдгориҳои

долонҳои мероси бостоншиносӣ ин ҳафзу нигоҳдории онҳо аз хатари нестшавӣ ба шумор меравад. Баргузории ҷаласаву семинарҳо дар кишварҳои гуногун, раванди омода намудани номинаи долони Панҷакент – Самарқанд – Пайкандро тезонид. Барои омода намудани ин номина мутахассисони дохиливу хориҷӣ заҳмати зиёд кашидаанд. Аммо, бо вуҷуди ин ҳама мушкилоти мавҷуда онҳо тавонистанд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, долони мазкурро, ки бо ҳамроҳ гардидани Туркманистон ба номина номаш ба Зарафшон – Қароқум иваз карда шуд, ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО пешниҳод намоянд.

### 1.3. Долони Зарафшон – Қароқум ва ворид гардидани он ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО

Тавре дар боло қайд карда шуд, номинаи силсилавии долони Зарафшон – Қароқум дар аввал ҳамчун долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд омода карда мешуд. Пас аз ҳамроҳ гардидани Ҷумҳурии Туркманистон ба ин номина, номи долон аз Панҷакент – Самарқанд – Пайканд ба Зарафшон – Қароқум иваз карда шуд. Барои ворид намудани долони Зарафшон – Қароқум ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО корҳои зиёд ба анҷом расонида шуданд.

Ҷаласаи навбатии номзад ба мероси ҷаҳонии Роҳи абрешими Туркманистон, ки аз 9 то 18 октябри соли 2018 дар шаҳри Ашқободи Туркманистон баргузор гардид, имкониятҳои ҳамкории минбаъда бо лоиҳаи Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро баррасӣ намуда, тамдиди долон ба шаҳри Марв ҳамчун долони эҳтимолии Зарафшон – Қароқумро муҳокима кард [3-М, с. 57]. Дар ҷаласаи мазкур долони Фарғона – Сирдарё низ баррасӣ шуда, ба он баҳои баланд дода шуд. Пас аз гузаронидани маҷлисҳо ва музокироти сатҳи миллӣ қарор қабул гардид, ки ҳар як кишвари иштирокдор шумораи объектҳоро бознигарӣ ва коҳиш диҳад.

Санаи 2-юми октябри соли 2018 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ҷаласаи зерминтақавии ҳамоҳангсозии гурӯҳҳои корӣ оид ба номинаи силсилавии фаромиллии мероси Роҳи абрешими Фарғона – Сирдарё баргузор гардид. Рӯзҳои 3-4-уми октябри соли 2018 дар ҳамон ҷо семинари зерминтақавӣ оид ба стратегияи идоракунии долонҳои Роҳи абрешим таҳти унвони «Дастгирии мероси ҷаҳонии қад-қади Роҳи абрешим дар Осиёи Марказӣ (Марҳилаи II)» доир гардид. Қобили зикр аст, ки дар бахши дуюми номина, ки ба таҳияи фаромиллии долони Зарафшон «Роҳи абрешими долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд» дахл дошт, иҷрои вазифа ба котиботи ИБТОМ вогузор шуд.

Т. Вилямс оиди идомаи ҷаласаву семинарҳои минбаъда маълумот дода, қайд менамояд: «Ҳамчунин, рӯзҳои 26-27-уми июни соли 2019 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон семинари зерминтақавӣ оид ба таҳияи стратегияи ҳифз ва идоракунии долонҳои мероси Роҳи абрешим дар Осиёи Марказӣ баргузор гардид. Ин семинар аз ҷониби Маркази Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО бо ҳамкории мақомоти дахлдори Қазоқистон ва дафтари ЮНЕСКО дар Алмаато ташкил ва баргузор шуд» [155, с. 71].

Дар ҷаласаи мазкур ҳудуди 50 нафар намояндагон аз марказҳои миллии тамос ва коршиносони кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) иштирок намуданд. Ташкилкунандагони вохӯрӣ, инчунин намояндагони ЮНЕСКО ва коршиносони байналмилалиро аз Чин, Ҷопон ва Британияи Кабир, аз ҷумла коршиносони Маркази байналмилалии ҳифзи табиати ИКОМОС Сиан (IICC – Сиан), ки котиботи кумитаи ҳамоҳангсоз мебошад, даъват карда буданд. Иштирокдорон аз нуқтаи назари коршиносони байналмилалӣ оид ба кӯмаки техникии минбаъда ва ҳамкориҳои оянда муҳокима анҷом доданд.

Дар ҷаласа номинаи мероси ҷаҳонӣ барои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо унвони «Роҳи абрешим: долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд» ба давлатҳои иштирокдор баргардонида шуд, то тавсияҳои кумитаро бо дарназардошти пешниҳоди ИКОМОС ва Маркази мероси ҷаҳонӣ ба хубӣ иҷро намоянд. Ҳамзамон, дар доираи баррасии натиҷаҳои омодасозии номинаи «Долони Роҳи абрешим: Панҷакент – Самарқанд – Пайканд» ба доктор Дмитрий Воякин, директори ИБТОМ ва роҳбари Котиботи омодасозии лоиҳа маълумот пешниҳод шуд [155, с. 72].

Семинари пӯшидашавии Фонди боварии ЮНЕСКО/Ҷопон, ки 28-уми июни соли 2019 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон баргузор гардид, лоиҳаи хазинаи боварии мақсадноки ЮНЕСКО/Ҷопон «Дастгирии мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим дар Осиёи Марказӣ» (Марҳилаи II, 2015-2019)-ро мавриди баррасӣ қарор дод. Ин семинар имкон фароҳам овард, ки номзадҳои эҳтимолии иловагӣ, аз ҷумла долони Фарғона – Сирдарё, ки чор кишвар (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон)-ро муттаҳид менамояд ва долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд, ки се кишвар (Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон)-ро муттаҳид мекунад, баррасӣ ва омода карда шаванд.

Зимни мулоқот ҷонибҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон лоиҳаи аввалини интихоби объекти мувофиқашуда, барои номинаи долони Фарғона – Сирдарё (ҳудуди 30 объект)-ро муаррифӣ намуданд. Дар мавриди номинаи «Долони Роҳи абрешим: Панҷакент – Самарқанд – Пайканд» ҷонибҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва ҳамроҳшавии Туркманистонро ба раванди пешбарӣ бо мақсади васеъ намудани номина ба қаламрави Туркманистон, ки ба қитъаи Қароқуми Омул – Марв мансуб аст, ҷонибдорӣ карданд. Масъулияти ин кор ба дӯши ИБТОМ супорида шуда, ҳамчунин нақши котибот ва мақоми ҳамоҳангсозии ин номинаи мероси ҷаҳонӣ таъйин гардид. Ҳамзамон,

номгузории долон «Долони Зарафшон – Қароқум» тасдиқ карда шуд [155, с. 79].(расми 3)

Рӯзҳои 2-9 сентябри соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари омӯзишии миллӣ баргузор гардид, ки ба пажуҳиши усулҳои муосири ҳуҷҷатгузории мероси фарҳангӣ, аз ҷумла истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин (дронҳо) барои таҳқиқоти саҳроӣ ва ҳуҷҷатгузории рақамӣ бахшида шуда буд. Ин чорабинӣ дар доираи лоиҳаи «Дастгирии мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим дар Осиёи Марказӣ (Марҳилаи II)» бо ташаббуси ЮНЕСКО, Хазинаи мақсадноки Ҳукумати Ҷопон, Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО ва ИБТОМ ташкил ва баргузор гардид.

Дар семинар коршиносони маъруфи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла профессор Казуи Ямаучӣ (Донишгоҳи Тейко, Ҷопон), профессор Тим Вилямс (Коллеҷи донишгоҳии Лондон), Дмитрий Воякин (директори ИБТОМ), мутахассисони ИБТОМ – Фаррух Ҳабибуллоев ва Денис Сорокин, ҳамчунин коршиноси даъватшуда аз Қазоқистон ва намояндаи маркази «Экспертизаи бостоншиносӣ» иштирок доштанд. Мақсади асосии семинар таҳкими иқтидорҳои миллии мутахассисон дар самти ҳифз, ҳуҷҷатгузорӣ ва идоракунии мероси фарҳангии модӣ буд. [65, с. 190]. Семинар як иқдоми муҳимми дастгирӣ ба рушди қобилиятҳои миллии кишварҳои минтақа дар самти татбиқи Стандарти меъёрии ЮНЕСКО оид ба номинаҳои мероси ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Рӯзҳои 8-10-уми августи соли 2019 бо ташаббуси ИБТОМ ва дастгирии Коллеҷи Донишгоҳи Лондон дар шаҳри Истанбул мулоқоти сатҳи баланд ва байнидавлатии намояндагони расмии кишварҳои иштирокчии лоиҳаи муштараки фаромиллии номинаи «Роҳи абрешим: долони Зарафшон – Қароқум» баргузор гардид.

Дар ҷараёни ин ҳамоиш намояндагони кишварҳои манфиатдор омодагии худро барои ҳамкорӣ ва дастгирии пешниҳоди номинаи мазкур ба рӯйхати Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО баён намуданд [65, с. 191].

Ҳангоми ҷаласа созишномаи сеҷонибаи ҳамкорӣ, ки чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва техникии корро дар самти омодасозии номинаи муштарак танзим менамояд, ба имзо расид. Ҳамчунин, масъалаҳои муҳимми техникӣ ва равишҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои асосӣ барои пешниҳоди номина мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Дар ин замина ба зарурати таҳияи ҳуҷҷатгузории мукаммал, таъмини ҳамоҳангсозии сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, инчунин таъмини устувории идоракунии объектҳои меросӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид.

Рӯзҳои 23-25 сентябри соли 2019 дар шаҳри Ҳамадони Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаласаи шашуми Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба пешбарии номинаҳои силсилавии фаромиллии мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим баргузор гардид. Дар кори ҷаласа намояндагони кишварҳои узви Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳа, аз ҷумла Озарбойҷон, Чин, Ҳиндустон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Непал, Ҷумҳурии Корея, Федератсияи Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ширкат доштанд.

Масъалаҳои марбут ба густариши ҳамкорӣ байни кишварҳои аъзо, такмили механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва таҳкими идоракунии номинаҳо аз мавзуъҳои асосии ҷаласа буд. Иштирокдорон гузориши муфассал оид ба вазъи ҳифз ва идоракунии объектҳои Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, ки ба номинаи «Роҳи абрешим: шабакаи масирҳои долони Чанъан – Тиёншон» (Чин, Қазоқистон, Қирғизистон) вориданд, баррасӣ намуда, ҷиҳати такмили назорати мониторинг ва устуворсозии механизмҳои ҳамкорӣ пешниҳодҳои мушаххас намуданд.

Ҳамзамон, иштирокдорони ҷаласа ба арзёбии пешрафти кишварҳо дар мавриди таҳияи номинаҳои нав, аз ҷумла долони Зарафшон – Қароқум (Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон) таваҷҷуҳ зоҳир карда, кӯшишҳои муштараки ИБТОМ ва Коллеҷи Донишгоҳи Лондонро дар доираи лоиҳаи «Ёдгориҳои бостоншиносии Осиёи Марказӣ» ҷиҳати таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои номина баҳои мусбат доданд [3-М, с. 58].

Ҷаласа кори худро бо қарорҳои зерин ҷамъбаст кард:

1. Иштирокдорон ба чунин хулоса омаданд, ки гузориши пешрафт дар бораи вазъи нигоҳдорӣ ва идоракунии номинаи «Роҳи абрешим: Шабакаи масири долони Чанъан – Тиёншон» (Чин, Қазоқистон, Қирғизистон) то охири соли 2019 бояд расман пешниҳод гардад.

2. Дар робита ба долони Зарафшон – Қароқум, ки аз ҷониби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон пешниҳод гардид, вакилон омодагии худро ҷиҳати ҳамкорӣ ва такмили номина иброз намуда, изҳори умедворӣ карданд, ки Туркманистон низ дар номинаҳои муштарак ширкат хоҳад кард.

3. Кӯшишҳои ИБТОМ дар ҳамоҳангӣ бо Коллеҷи Донишгоҳи Лондон дар самти ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳияи асоси илмӣ барои ин долон ҳамчун намунаи устувори ҳамкории илмӣ ва байналмилалӣ қадршиносӣ гардид.

Дар ҷамъбасти ҷаласаи шашуми ҳамоҳангсозии лоиҳаи номинаи фаромиллии «Роҳи абрешим: долони Зарафшон – Қароқум» (23-25 сентябри соли 2019, Ҳамадон, Ҷумҳурии Исломии Эрон) иштирокдорони ҷаласа изҳори умедворӣ намуданд, ки Туркманистон дар оянда ба ташаббуси муштараки ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон оид ба номинаи фаромиллии «Роҳи абрешим: долони Зарафшон – Қароқум» ворид мегардад ва дар рушди минбаъдаи он саҳмгузор хоҳад буд.

Кӯшишҳои арзишманди Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии федералии Непал ҷиҳати омодасозии номинаҳо барои воридсозӣ ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар масирҳои Роҳи абрешим дар Осиёи Ҷанубӣ эътироф гардиданд. Дар ин замина дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубӣ низ ба иштироки фаъолона дар ин раванд ташвиқ гардиданд.

Аз кишварҳои аъзо даъват ба амал оварда шуд, ки машварат ва ҳамоҳангсозиро бо коршиносони сатҳи миллӣ ва минтақавии Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳти дастгирии

ИБТОМ тақвият бахшанд. Иштирокдорон зарурати тақвияти равандҳои ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳияи маълумоти илмиро дар кишварҳои минтақа бо истифода аз таҷрибаи ИБТОМ ва Коллеҷи Донишгоҳи Лондон дар доираи лоиҳаи «Ёдгориҳои бостоншиносии Осиёи Марказӣ» таъкид намуданд.

Ҷаласаи навбатии Кумитаи ҳамоҳангсозӣ баҳори соли 2021 дар Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид. Ҷаласа ҳамкориҳои сатҳи минтақавиро таҳким бахшида, фазои табодули таҷрибаи муваффақ, методологияи илмии ҳуҷҷатгузорӣ ва идоракунии мероси ҷаҳониро ба вуҷуд овард, ки заминаҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва муоширати муассирро байни кишварҳои аъзо фароҳам намуд [155, с. 80]. Ҷаласаи шашум як қадами муҳим дар роҳи ҳамгироии минтақавӣ ва густариши шабакаи ёдгориҳои мероси ҷаҳонӣ дар доираи Роҳи абрешим арзёбӣ гардид. Ин ташаббусҳо ба таҳкими ҳифзи мероси фарҳангии модӣ ва афзоиши ҳамкорӣ миёни кишварҳои минтақа мусоидат мекунанд.

Гузаронидани чунин ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ далели равшани таваҷҷуҳи доимии Кумитаи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ба долонҳои Роҳи бузурги абрешим ва аҳаммияти байналмилалии онҳо мебошад. Ҳалли масъалаҳои марбут ба ин долонҳо имконият фароҳам меорад, то чораҳои муассир ҷиҳати ҳифз, идоракунӣ ва таблиғи ёдгориҳои нодири таърихию фарҳангии ин масир андешида шаванд.

Ёдгориҳое, ки дар долони Зарафшон – Қароқум ҷойгир шудаанд, гувоҳи равшани муколамаи тамаддунҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим, анъанаҳои ғании фарҳангӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва диниро таҷассум мекунанд, ки барои рушди устувори муошират ва мубодилаҳо дар байни халқиятҳо аҳаммияти барҷаста доранд.

Академик Ю. Яқубов роҷеъ ба равобити тиҷоратии Суғд бо Чин маълумот дода менависад: «Бахусус, Суғд бо доштани равобити густурда бо Чин ва Византия яке аз марказҳои калидии тиҷоратӣ дар асрҳои

миёна ба шумор мерафт. Тоҷирони суғдӣ дар масирҳои тиҷоратии Роҳи абрешим ҳузури фаъол доштанд. Водии Зарафшон, ки яке аз муҳимтарин долонҳои Роҳи бузурги абрешим ба ҳисоб мерафт, дар маркази муколамаҳои тамаддунҳои гуногун ва муомилоти тиҷоратӣ қарор дошт. Яке аз хатсайрҳои асосии ин масир аз Панҷакент гузашта, ба самти болооби водии Зарафшон, яъне кӯҳистони Суғд мерасид ва ин минтақаҳоро ба марказҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ мепайваст» [128, с. 15].

Қисмҳои тоҷикистонии долони Зарафшон – Қароқум, ки қад-қади дарёи Зарафшон тул кашидаанд, ба се минтақаи ҷуғрофӣ ва таърихӣ тақсим мешаванд. Ин минтақаҳо ноҳияи Панҷакент дар ғарб, ноҳияи Айнӣ (Фалғар) дар марказ ва Кӯҳистони Мастчоҳ дар шарқ аз нигоҳи таърихӣ, фарҳангӣ ва бостоншиносӣ шоҳиди равшан ва муҳимтарини ҳаёти тамаддунофар дар долони Роҳи бузурги абрешим мебошанд.

Қисмати асосии ноҳияи Панҷакент дар як водии васеи лёссӣ (зардхок), ки сатҳҳои ҳамвор ва қобили зистро ташкил медиҳад, воқеъ гардида, байни ақсои ғарбии силсилакӯҳҳои Паси Олой, қаторкӯҳҳои Зарафшон дар ҷануб ва Туркистон дар шимол ҷойгир аст. Дар ин минтақа чор ёдгории таърихии номзадшуда ба рӯйхати мероси ҷаҳонӣ дохил шудаанд: Шаҳри бостонии Панҷакенти қадим, Санҷаршоҳ, Тоқсанкорез, мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро ва қалъачаи Тали Хамтӯда.

Ин маконҳо шоҳиди равшани ҳамгироии амиқи минтақа бо фарҳанги Суғди Самарқанд мебошанд. Дар деворнигораҳои Панҷакент роҳҳои чархдор, сохтори пулҳо ва манзараҳои тиҷоратӣ баёнгари робитаҳои фаррохи инфрасохторӣ мебошанд. Ҳуҷҷатҳои ёфтшуда аз қалъаи Кӯҳи Муғ аз сохтори устувори нақлиётӣ дар масирҳои Роҳи бузурги абрешим дарак медиҳанд.

Бостоншинос Ю. Яқубов қайд менамояд: «Робитаи маънавӣ ва иқтисодии байни Панҷакент ва болооби Зарафшон ҳеҷ гоҳ пурра қатъ

нагардида буд. Аз ҳама равшантар он дар ибтидои асри VIII, дар давраи фаъолияти ҳокими маъруфи Панҷакент Деваштич (706-722), мушоҳида мегардад. Аз нуҳ ёдгории пешниҳодшуда ба долон шаштои онҳо ба давраи ҳукмронии Деваштич ва арзишҳои бойгонии ҳуҷҷатии қалъаи Муғ марбутанд. Ин санадҳо беш аз даҳ маҳалли аҳолинишин аз кӯҳсори водии Зарафшон то воҳаи Панҷакент ва ҷанубу шарқи Самарқандро дар бар мегиранд» [48, с. 18]. Дар онҳо муносибатҳои устувори сиёсӣ ва иқтисодӣ, аз қабили боҷсупорӣ, ирсоли намоянда, мукотиба ва танзими меҳнат ҳуҷҷатӣ шудаанд. Масалан, ҳокими Мадрушкат (Ҳисорак) ба ҳокими Киштӯд мактуб фиристода, дар он аз ӯ хоҳиш мекунад, ки фалғорҳои фирорӣ, яъне коргарони сохтмон баргардонида шаванд. Ин нишон медиҳад, ки долон як низоми муташаккили идораи минтақавӣ ва иҷтимоиро ташкил медод.

Пас аз баргузории ҷаласаҳо ва семинарҳои машваратии тулонӣ билохира долони Зарафшон – Қароқум барои қабул гардидан ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО пешниҳод карда шуд. Рӯзҳои 10-25 сентябри соли 2023 дар шаҳри ар-Риёзи Арабистони Саудӣ, Иҷлосияи 45-уми Кумитаи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО баргузор гардид. Дар ҷараёни иҷлосия кумита дар асоси арзёбиҳои ИКОМОС номзадҳои пешниҳодшударо мавриди муҳокима қарор дод. Бо дарназардошти арзишҳои ҳамгироии амиқи фарҳангӣ ва таърихи муфассали ҳуҷҷатӣ, долони Зарафшон – Қароқум, ки аз қаламрави Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон мегузарад, ба таври расмӣ ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Долони Зарафшон – Қароқуми Роҳи бузурги абрешим, ки ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шуд, аз 31 мавзеъ иборат мебошад, ки дар се кишвар ҷойгир аст: аз 31 мавзеъи пешниҳодшуда 9-тои он дар Тоҷикистон, 15-то дар Ӯзбекистон ва 7-тои дигараш дар Туркманистон воқеъанд [150]. (расми 4)

Қайд кардан ба маврид аст, ки хатсайрҳои Роҳи бузурги абрешим, ки тавассути кишвари мо мегузарад, дар долонҳои он объектҳои таърихию фарҳангии сатҳи байналмиллалӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар долони «Зарафшон – Қароқум» 9 адад объектҳои таърихию фарҳангӣ, аз қабили «Панҷакенти қадим», «Шаҳраки Санҷаршоҳ», «Шаҳраки Ҳисорак», деҳкадаи «Гардани Ҳисор», «Қалъаи Муғ», «Қалъаи Кум», қалъачаи «Тали Хамтӯда», низоми обёрии «Тоқсанкорез» ва мақбараи «Хоҷа Муҳаммади Башоро» мебошад. Ин ёдгориҳо солҳои зиёд аз ҷониби муҳаққиқону бостоншиносони ватаниву хориҷӣ таҳқиқу кашф ва ҳафриёт гардидаанд. Ҳамзамон, аз ҷониби мутахассисони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Тоҷикистон парвандаҳои номинавии ёдгориҳои таърихию фарҳангии мазкур таҳияву такмил гардида, ба ЮНЕСКО барои ворид намудан ба феҳристи ҷаҳонӣ ирсол карда шуд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили муфассали маводди бостоншиносӣ ва адабиёти илмӣ маълум гардид, ки барои пешниҳод намудани ёдгориҳои болооби водии Зарафшон ба қисми тоҷикистонии долони Зарафшон – Қароқум, аз ҷониби олимони дохилӣ ва хориҷӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Аз ҷумла, барои омода намудани ёдгориҳо ба номинаи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО корҳои муҳимми илмӣ ва таҳқиқотиро н.и.т. Г.Р. Каримова, н.и.ф. П.Б. Луре ва доктори (PhD) М. Шенкар анҷом додаанд. Маҳз бо кӯшиш ва талошҳои ин олимон 9 ёдгории бостоншиносиву меъморӣ ва низоми обёрии болооби водии Зарафшон ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардиданд. Ворид гардидани долони Зарафшон – Қароқум ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО қадами муҳим дар ҳифзи мероси бостоншиносии болооби водии Зарафшон мебошад. Ин дастоварди беназир исботи

мавҷудияти маданияти ғании моддиву маънавӣ дар болооби водии Зарафшон мебошад.

## 1.4. Таҳлили таҷрибаи дохиливу хориҷии пешниҳоди номинаҳо ва ҳифзи меросӣ фарҳангӣ

Давоми беш аз понздаҳ соли охир ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг (ЮНЕСКО) кӯшишҳои густурдаеро ба роҳ монд, то ёдгориҳои таърихию фарҳангии ҷаҳонӣ мавриди ҳифз қарор гиранд. Як намунаи муҳим аз ин фаъолияти ҳамоҳанг ворид гардидани 33 объекти таърихӣ аз ҷумҳуриҳои Чин, Қазоқистон ва Қирғизистон ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар соли 2014 мебошад.

Бо вуҷуди ин, дастовардҳо, парвандаи ёдгориҳое, ки дар қаламрави Тоҷикистону Ӯзбекистон ҷойгиранд, дар чандин навбат аз ҷониби Кумитаи Мероси ҷаҳонӣ барои бознигарӣ ва такмил бозпас фиристода шуда буданд. Сабабҳои он бештар ба масоили техникии парвандаҳо, талаботи муосири идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии минтақавӣ марбут буданд.

Дар ҷаласаи 5-уми Кумитаи ҳамоҳангсозии номинаи силсилавии фаромиллии мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим, ки 29 марти соли 2018 баргузор гардид, як равиши нав ва мушаххас барои таҳияи хатсайри пешбарии ёдгориҳои масири Панҷакент – Самарқанд – Пайканд таҳия ва қабул гардид.

Муҳаққиқ Т. Вилямс менависад: «Баъдан, рӯзҳои 4-5 декабри соли 2018 бо иштироки намояндагони расмии ЮНЕСКО 11 кишвари аъзои Кумитаи ҳамоҳангсозии байниҳукуматии Роҳи абрешим, ду кишвари шарик, ИКОМОС, Коллеҷи Донишгоҳи Лондон ва ИБТОМ дар шаҳри Ашқободи Туркманистон ҷаласаи муҳимми минтақавӣ баргузор шуд. Натиҷаи асосии ин ҷаласаҳо шомилшавии расмии Ҷумҳурии Туркманистон ба лоиҳаи муштарак ва тасдиқи ИБТОМ ба ҳайси

котиботи ҳамоҳангсоз интихоб гардид. Се кишвари асосии лоиҳа Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон пас аз музокироти гуногун ва баррасии масири таърихии Роҳи бузурги абрешим дар қаламрави худ, номгузории расмии «Долони Зарафшон – Қароқум»-ро пазируфтанд, ки масири муҳим ва таърихии Панҷакент – Самарқанд – Пайкандро дар бар мегирад. Ин долон ба ҳайси як масири фарҳангӣ ва таърихии дорои арзиши ҷаҳонӣ эътироф шуда, дар оянда на танҳо ҳамчун манбаи омӯзиш ва таҳқиқ, балки ҳамчун унсури муҳимми рушди сайёҳӣ ва ҳамкории фарҳангӣ байни кишварҳои минтақа хизмат хоҳад кард» [155, с. 81].

Бо мақсади таҳияи муташаккили хатсайри номинавӣ ва пешбарии силсилавии фаромиллии мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим: долони Зарафшон – Қароқум, аз 30-юми март то 3-юми апрели соли 2020, бо ташаббуси ИБТОМ дар ҳамкорӣ бо Институти бостоншиносии Коллеҷи Донишгоҳи Лондон ҷаласаи онлайнӣ бо иштироки коршиносони се кишвар – Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон баргузор гардид. Ҷаласа бо дарназардошти вазъи эпидемӣ ва маҳдудиятҳои вобаста ба пандемияи COVID-19 ба шакли маҷозӣ баргузор шуд.

Дар ин нишаст коршиносони варзида ва мутахассисони соҳа ширкат варзиданд. Аз ҷумла, Г.Р. Каримова (Тоҷикистон), П.Б. Луре (Русия) ва М. Шенкар (Исроил) ба ҳайси мушовирони илмӣ даъват гардида, розигии худро барои иштирок дар таҳияи ҳуҷҷатҳои номинавӣ ва навиштани қисматҳои марбут ба ёдгориҳои воқеъ дар қаламрави Тоҷикистон иброз доштанд. Барои иҷрои ин марҳилаи муҳим, такя ба лоиҳаи таърихии таҳияи харитаҳои бостоншиносии Тоҷикистон, ки дар даврони шуравӣ оғоз гардида буд, сурат гирифт [16;17]. Дар асоси маълумоти мукаммали саҳроӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ, 77 ёдгорӣ сабти ном шуданд (Ҷадвали 1).

Пас аз таҳлили муфассал 9 ёдгорӣ интихоб шуданд, ки хронологияи ҷузъҳои муҳим ва фаъолияти давраҳои гуногунро дар тули «Долони Зарафшон – Қароқум» дар Роҳи бузурги абрешим намояндагӣ мекунанд. Аз ҷумла, қалъачаи Тали Хамтӯда – маҷмааи қалъаи антиқӣ ва шаҳрак бо қабристони мусулмонӣ дар наздикаш қалъаи салибшакл ба ёдгориҳои асрҳои I-IV мелодӣ тааллуқ дорад [77, с. 157]. Ин қалъача давраи пеш аз рушди босуръати шаҳрҳои Суғдро нишон медиҳад, мавҷудияти посбонони нозири ҳаракат дар роҳҳоро, ки дар қалъаҳои хурд ҷойгир буданд, инъикос мекунад. Ҳамчунин, қалъаи Абаргар дар кӯҳи Муғ аҳаммияти беназир дорад, зеро дар он бойгонии охирин ҳокими суғдӣ – шаҳри Панҷакент ва Суғд, яъне Деваштич пайдо шудааст [115, с. 220-230]. Дар ин қалъа тасдиқи хаттии мавҷудияти назорат аз болои роҳҳои кӯҳистон ба даст оварда шудааст.

Дар доираи номинаи «Долони Зарафшон – Қароқум» панҷ қисми таркибии Роҳи бузурги абрешим дар ҳудуди Тоҷикистон фаро гирифта шудаанд: гузаргоҳи Зарафшон – Қароқум, шаҳраки Ҳисорак, қалъаи Кум, деҳкадаи Гардани Ҳисор ва шаҳраки Санҷаршоҳ, ки ҳама дар ҷануби шаҳри қадимаи Панҷакент ҷойгир мебошанд. Ин иқдом як қадами назаррас дар роҳи ба расмият даровардани мероси таърихию фарҳангии Тоҷикистон ва мусоидат ба воридсозии онҳо ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ба шумор меравад. Интихоби ҳадафмандона ва илмии ёдгориҳо, инчунин, ҷалби коршиносони сатҳи байналмилалӣ, имконият медиҳад, то парвандаи номинавӣ бо сифати баланди илмӣ ва техникӣ омода гардад.

Гурӯҳи таҳиягарони лоиҳа маводди комили илмиро барои асоснок кардани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии минтақа дар рӯйхати номздҳои мероси ҷаҳонӣ омода намуданд [154]. Ин мавод равиши консептуалии дарки равандҳои этнофарҳангӣ, иҷтимоию сиёсии Суғдро дар давраи фаъолияти Роҳи абрешим баён мекунанд ва имкон медиҳанд,

ки бо вуҷуди мушкилоти ҳифз ва истифодаи ин ҷузъи муҳимми мероси таърихию фарҳангӣ, барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нав, аз ҷумла бунёди мамнуъгоҳҳои фарҳангӣ ё мамнуъгоҳҳои мураккаби табиию фарҳангӣ дар минтақа истифода шавад.

Бостоншинос Г.Р. Каримова менависад: «Таҳлили намунаи харитасозии шохаҳои Роҳи бузурги абрешим дар қитъаи Зарафшон нишон медиҳад, ки ин роҳҳо монанди хатсайрҳои муосири алоқаи нақлиётӣ аксаран аз тариқи минтақаҳои хушк ва беоб мегузаранд. Дар шароити хушксолии минтақаи шимолии Тоҷикистон, шохаи асосии Роҳи бузурги абрешим дорои хусусияти обӣ-ҳавзӣ мебошад, ки дар он ҳам марказҳои таърихии фарҳангҳои шаҳрӣ ва ҳам кӯчманчиён ташаккул ёфтаанд» [16, с. 78].

Объектҳои таърихӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи долони Зарафшон – Қароқум ворид мебошанд, дар қисмати болооби водии Зарафшон воқеъ буда, дар ҳудуди се ноҳияи вилояти Суғд ҷойгиранд. Ин ноҳияҳо бо таърих ва фарҳанги ғании худ минтақаҳои муҳим ва хос мебошанд. Дар ҳар як ноҳия ёдгориҳое ҷойгиранд, ки дар илми бостоншиносӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҷойи дигар Г.Р. Каримова роҷеъ ба ёдгориҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим маълумот дода менависад: «Шаҳри Панҷакенти қадим, ки дар ҳудуди болооби водии Зарафшон ҷойгир шудааст, маркази асосии тиҷорат ва муҳимтарин шаҳри Суғди қадим ба шумор мерафт. Ёдгориҳои қалъаи Кӯҳи Муғ, қалъаи Кум ва деҳкадаи Гардани Ҳисор дар ноҳияи Айнӣ барои омӯзиши таърихи минтақа аҳаммияти бузурги илмӣ доранд. Ёдгории шаҳраки Ҳисорак, ки дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, ҷойгир шудааст, барои дарки масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа нақши муассир дорад» [16, с. 79 ]. Ноҳияҳои мазкур маҷмуи комили минтақаҳои таърихии болооби водии Зарафшонро дар

бар гирифта, дар ҳифзи мероси фарҳангии Роҳи бузурги абрешим ва рушди сайёҳӣ нақши муҳим доранд.

Дар доираи номинаҳои силсилавӣ он ҷузъҳое, ки имконияти сабти алоҳида ҳамчун моликияти мероси ҷаҳонӣ доранд, ба таври иловагӣ муҳофизат мегарданд. Ин равиш имконият медиҳад, ки объектҳои дохилшуда аз хатари таъсироти номатлуб ба мисли сохтмони роҳҳо ва дигар иншоот дар қаламрави ёдгорӣ эмин нигоҳ дошта шаванд. Номзадҳои силсилавӣ ҳамчунин шароити ташаккули муносибати ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшуда ба мероси умумиро фароҳам меоранд ва барои дастрасӣ ба маблағгузории бештари байналмилалӣ ва миллӣ, аз ҷумла барои таҳқиқотҳои илмӣ мусоидат менамоянд.

Бо таҷрибаи ғании ИБТОМ муайян шудааст, ки барои таҳияи муваффақонаи номинаҳои силсилавӣ омилҳои асосӣ вуҷуд доранд. Пеш аз ҳама таъсиси кумитаи ҳамоҳангсоз муҳим аст, ки намояндагии ҳамаи тарафҳоро таъмин намуда, маблағгузории байниҳалқавӣ ва миллиро танзим мекунад. Ҳамчунин, зарур аст, ки тарафҳо расман шартнома имзо намоянд, ки дар он уҳдадориҳои онҳо барои нигоҳдории ҷузъҳои номзадшуда, ҳамкории муштарак барои ҳалли масъалаҳои умумӣ ва амалан риояи принсипҳои баробариро муайян мекунад. Дар ин раванд, зарурати мавҷудияти котиботи мустақил ва ғайрисиёсӣ хеле муҳим аст, ки тавонад муколамаи байни кишварҳои иштирокчиро баробарона ва самаранок роҳбарӣ намояд.

Барои фаҳмиши беҳтар ва омӯзиши равандҳои омодасозии номинаҳои силсилавии «Долони Зарафшон – Қароқум» (Панҷакент – Самарқанд – Пайканд, тибқи варианти якуми номи лоиҳа) ин таҷрибаи амалӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар ҷаҳони муосир давлатҳо талош мекунанд, ки ёдгориҳои беназир ва мероси бойи таърихии худро эҳтиёт ва муаррифӣ намоянд. Яке аз созмонҳои муҳим дар ин соҳа ИКОМОС мебошад. Равиши роҳандозии

«Долонҳои меросӣ» маҳз бо ташаббуси ИКОМОС пешниҳод гардидааст ва бори аввал ин пешниҳод соли 2011 дар ҷаласаи Ашқобод мавриди баррасӣ ва қабул қарор гирифт.

Пас аз татбиқи лоиҳаи фонди боварии ЮНЕСКО/Ҷопон дар самти дастгирии стандартҳо ва расмиёти ҳуҷҷатгузории силсилавӣ ва фаромилии мероси ҷаҳонии Роҳи абрешим дар Осиёи Марказӣ (феврали 2011 – феврали 2015) мақомоти Чин бо ҳамроҳии ИКОМОС, ИБТОМ ва Маркази байналмилалии ҳифзи табиати ИКОМОС – Сиан таҳияи ду номинаҳои Роҳи Бузурги абрешимро барои Чин ва минтақаи Осиёи Миёна дастгирӣ намуданд. Дар соли 2013 ду номинаи силсилавӣ ва фаромиллии Роҳи бузурги абрешим муаррифӣ шуданд.

Бояд зикр намуд, ки пас аз қабули лоиҳаҳои мазкур аз ҷониби ҷумҳуриҳои Чин, Қазоқистон ва Қирғизистон 33 ёдгории мероси Роҳи бузурги абрешим (22 адад аз ҷониби Чин, 8 адад аз Қазоқистон ва 3 адад аз Қирғизистон) омода гардиданд, ки дар иҷлосияи 38-уми Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО моҳи июни соли 2014 ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардиданд. Лоиҳаи дуюми пешниҳодшуда, ки ба долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд дахл дошт, аз ҷониби ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар якҷоягӣ пешниҳод гардида, бо машварат ва дастгирии ИКОМОС ва Маркази мероси умумиҷаҳонӣ барои таҳкими ҳуҷҷатгузорӣ ба кишварҳои узв ирсол карда шуд [3 - М, с. 55-56].

Роҳандозӣ намудани семинару ҷаласаҳо барои баррасӣ ва муҳокимаи санаду лоиҳаҳое, ки ба мероси умумиҷаҳонии Роҳи бузурги абрешим дахл доранд, хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад. Бо ин роҳ мо метавонем ёдгориҳои нодиреро, ки ба ин давраи муҳимми таърихӣ мансубанд, аз нобудшавӣ ҳифз намоем. Сайёҳони асри XIX, ки ба ин минтақа сафар карда буданд, ҳамеша ба омезиши нодири шукуҳи табиӣ ва фаъолияти меҳнати инсон тааҷҷуҳи зиёд зоҳир мекарданд. Болооби

водии Зарафшон хотираи таърихӣ ва далели ҳамзистии гурӯҳҳои этникии дорои решаҳои ирсӣ бо хусусиятҳои фарҳангии гуногун мебошад. Дар ин минтақа метавон равандҳои равнақи этнофарҳангӣ, ки дар кӯҳистони Суғд дар асрҳои миёна рӯй додаанд, ҳамзамон ҳамзистии ҷамъиятҳои зардуштӣ, буддоӣ ва насрониро мушоҳида намуд.

Омили ташкилкунандаи маҷмааи таърихии шаҳристонии Суғд – шаҳри Панҷакент аст, ки ҷузъҳои он ба мисли қаср, маъбад, маҳаллаҳо, қалъа, шаҳракҳо, манораҳо, масҷидҳо, мақбараҳо, маҷмуи биноҳо ва низомҳои бузурги обёрӣ (корезҳо) ҷудо шудаанд. Панҷакент дар ибтидои асри VIII мелодӣ бо нуқтаҳои зиёди буриши роҳҳо ба як қисми низоми ягонаи сиёсӣ ва иқтисодӣ табдил ёфта буд. Масалан, шаҳристони Ҳисорак ҳамчун маркази муҳимми нақлиётӣ шинохта шудааст, ки хатсайрҳои муҳимро бо хатсайрҳои дигари минтақа пайваст менамуд: хатсайри Ғарм ба ҷануб аз Вулғун, хатсайри шимолӣ бо Сойи Саббағ ва хатсайри ғарбӣ ба қаламрави ҳамвории Суғдиён мебаромад [86, с. 66].

Қисми муҳимми минтақаи номинавӣ низоми обёрӣ мебошад, ки яке аз беҳтарин намунаҳои он шабакаи чоҳҳои корези Тоқсанкорез, воқеъ дар ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд аст. Роҷеъ ба он бостоншинос Г.Р. Каримова маълумот дода, қайд кардааст: «Ин шабака беҳтарин низоми обтаъминкунӣ барои ҳавзаи дарёи Зарафшон ба ҳисоб мерафт. Корезҳои ин минтақа бо низомҳои корез ё канати Эрон ва воҳаи Турфон, ки ба рӯйхати мероси ҷаҳонӣ дохил мебошанд, фарқ мекунанд. Ин объект намунаи барҷастаи истифодаи технологияи анъанавии обёрӣ буда, ба асрҳои VI-XII мелодӣ тааллуқ дорад ва дастоварди бузурги техникӣ ва илмӣ дар он замонҳост» [74, с. 79]. Ҳамчунин, Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро намунаи нодири таҳаввули меъмории сабки мусулмонӣ мебошад, ки дар он сабки меъмории миллӣ ба таври равшан ба назар мерасад ва барои омӯзиши таърихи меъмории минтақа аҳаммияти калон дорад [72, с. 294].

Дар ҳудуди шохаи тоҷикистонии долони Зарафшон – Қароқум ёдгориҳои таърихӣ хеле зиёданд ва қисми муҳимми таърихи инсоният дар ин минтақа амалӣ шудааст. Роҳи бузурги абрешим ҳамчун василаи пайвасткунандаи истеҳсолот ва фарҳангҳои Шарқу Ғарб ба тамаддунҳои гуногун имконият дод, ки муколамаи сулҳомез ва тиҷоратӣ рушд кунанд, ғанӣ шаванд ва ҳамзистӣ намоянд.

Дар ин тиҷорат аҷдодони мо – суғдиён нақши муҳим бозида, давраи шукуфоии он ба асрҳои V-VII мелодӣ рост меояд. Марҳилаи навбатии болоравии тиҷорат дар замони Сомониён, яъне асрҳои IX-X мелодӣ ва баъдан як давраи дигаре аз шукуфоӣ дар замони Темуриён, яъне асрҳои XIV-XVI мелодӣ мушоҳида мешавад. Бо ин ҳол дар асри XVI бо рушди босуръати тиҷорати баҳрии Аврупо бо Ҳиндустон ва Чин, роҳҳои қадимаи тиҷорати хушкӣ бо гардиши бузурги мол ба баҳр кӯчиданд.

Бояд тазаккур дод, ки долони Зарафшон – Қароқум намунаи беназири ҳамкории инсон бо табиат мебошад, ки дар он иншоот ва низомҳои идоракунии захираҳои об ва инфрасохтор дар кӯҳҳо, даштҳои хушк, воҳаҳо, водиҳои ҳосилхез ва минтақаҳои биёбон, ки дар тули асрҳо барои фаъолияти ин роҳ мусоидат кардаанд, ба хубӣ таҷассум ёфтаанд. Таҷрибаи ташаккули «номинаҳои силсилавӣ» оғози муносибати комплексӣ ба ҳифзи мероси умумӣ аст, ки бояд дар тамоми манотиқи меросӣ дастгирӣ ва густариш ёбад.

Таҳлили таҷрибаи дохилӣ ва байналмилалӣ дар самти таҳияи номинаҳои мероси фарҳангии ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки дар даҳсолаҳои охир муносибат ба ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ аз шакли анъанавии муҳофизати объектҳои алоҳида ба низоми мукаммали идоракунии ёдгориҳои таърихӣ ва номинаҳои силсилавии фаромиллӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина имрӯз ҳангоми арзёбии арзиши объектҳои таърихӣ, на танҳо аҳаммияти таърихию меъмории онҳо, балки робитаи функсионалӣ, муҳити табиӣ, низоми идоракунӣ, ҳолати

ҳифз, нақши иҷтимоӣ ва имконияти рушди устувори онҳо низ ҳамчун меъёрҳои асосӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки таҳияи номинаҳои силсилавии фаромиллӣ яке аз шаклҳои мукаммалтарини ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ мебошад. Афзалияти асосии чунин номинаҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо на як ёдгории алоҳида, балки тамоми низоми таърихии ташаккулёфта, робитаи байни объектҳо, муҳити фарҳангӣ ва рушди тамаддунҳоро дар доираи як консепсияи илмӣ муттаҳид менамоянд. Аз ҳамин ҷиҳат, консепсияи «Долонҳои меросӣ», ки бо ташаббуси ИКОМОС пешниҳод гардидааст, дар рушди назарияи ҳифзи мероси фарҳангӣ марҳилаи навро оғоз намуд. Ин консепсия барои омӯзиши мероси Роҳи бузурги абрешим аҳаммияти махсус дошта, имкон фароҳам овард, ки роҳҳои қадима ҳамчун фазои ягонаи таърихию фарҳангӣ, иқтисодӣ ва тамаддунӣ мавриди таҳқиқ қарор гиранд.

Таҳқиқи таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки омодасозии номинаи силсилавии фаромиллии «Роҳи бузурги абрешим: долони Зарафшон – Қароқум» яке аз муҳимтарин дастовардҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Агар дар солҳои аввал ҳуҷҷатҳои номинавии пешниҳодшуда, бинобар номукаммал будани асосноккунии илмӣ, норасоии нақшаҳои идоракунӣ ва мутобиқ набудан ба талаботи техникии ЮНЕСКО аз ҷониби Кумитаи мероси ҷаҳонӣ барои бознигарӣ баргардонида мешуданд, пас дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, иштироки фаъоли коршиносони хориҷӣ ва татбиқи талаботи муосири ЮНЕСКО сифати таҳияи парвандаҳои номинавӣ ба маротиб беҳтар гардид. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки муваффақияти номинаҳои ҷаҳонӣ на танҳо аз арзиши худи объект, балки аз сатҳи омодагии илмӣ, ташкилӣ ва идоракунии он вобастагӣ дорад.

Ҷаласаҳои Кумитаи ҳамоҳангсоз, ки солҳои 2018-2020 баргузор гардиданд, барои ташаккули асосҳои методологии лоиҳа аҳаммияти ҳалкунанда доштанд. Дар ин марҳила номи расмии «Долони Зарафшон – Қароқум» қабул гардида, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ба ҳайси иштирокчиёни баробарҳуқуқи номинаи фаромиллӣ, механизми ягонаи ҳамкориро таъсис доданд. Ин таҷриба бори дигар собит намуд, ки ҳифзи мероси фаромиллӣ танҳо дар асоси ҳамоҳангсозии сиёсати фарҳангии давлатҳо, тақсимоти дақиқи масъулият, фаъолияти мунтазами кумитаи ҳамоҳангсоз ва мавҷудияти котиботи мустақили байналмилалӣ самаранок буда метавонад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, яке аз муҳимтарин натиҷаҳои ин раванд истифодаи маҷмуи васеи маълумоти экспедитсияҳои бостоншиносӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ, харитаҳои бостоншиносӣ, маводди бойгониҳо ва сарчашмаҳои хаттӣ мебошад. Дар асоси таҳлили муқоисавии ин маълумот аз байни 77 ёдгории ба қайд гирифташуда, танҳо 9 объекти дорои арзиши байналмилалӣ интихоб гардиданд. Ҳамин тавр, сохтори номина имкон дод, ки рушди таърихии долони Зарафшон аз давраи антиқӣ то охири асрҳои миёна, ҳамчун як низоми ягонаи тамаддунӣ пешниҳод гардад.

Таҳлили хусусиятҳои илмии объектҳои интихобшуда нишон медиҳад, ки ҳар яке аз онҳо марҳилаи муайяни рушди ҷомеаи Суғди қадим ва фаъолияти Роҳи бузурги абрешимро таҷассум менамояд. Қалъачаи Тали Хамтӯда ташаккули шабакаи аввали муҳофизати роҳҳои тиҷоратиро инъикос намуда, Қалъаи кӯҳи Муғ бо бойгонии Деваштич яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои хаттии таърихи охири давлати Суғд ба ҳисоб меравад. Панҷакенти қадим ҳамчун маркази сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳунармандии Суғд тамоми низоми шаҳрсозии минтақаи болооби водии Зарафшонро муаррифӣ менамояд. Ҳисорак, Санҷаршоҳ, Гардани Ҳисор ва Қалъаи Кум рушди инфрасохтори роҳҳои кӯҳистон ва

назорати ҳаракати корвонҳоро нишон медиҳанд. Тоқсанкорез бошад, намунаи нодири муҳандисии гидротехникии асрҳои VI-XII мелодӣ буда, дар як қатор бо шабакаҳои машҳури обёрии Эрон ва Осиёи Марказӣ арзёбӣ мегардад. Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро низ яке аз намунаҳои барҷастаи ташаккули меъмории мусулмонии Осиёи Марказӣ мебошад.

Таҷрибаи омодасозии номинаи мазкур нишон медиҳад, ки истифодаи равишҳои байнисоҳавӣ яке аз омилҳои асосии муваффақият мебошад. Дар таҳияи ҳуҷҷатҳои номинавӣ бостоншиносон, таърихшиносон, меъморон, мутахассисони GIS, нозирони ҳифзи ёдгориҳо, ҳуқуқшиносон ва намояндагони мақомоти давлатӣ иштирок намудаанд. Ин таҷриба собит менамояд, ки масъалаҳои муосири ҳифзи мероси фарҳангӣ берун аз доираи як илм қарор дошта, танҳо дар асоси ҳамгироии донишҳои гуногун ҳал мешаванд. Аз таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ инчунин бармеояд, ки номинаҳои силсилавӣ нисбат ба номинаҳои анъанавӣ дорои афзалиятҳои назаррас мебошанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки муносибати комплексӣ ба ҳифзи мерос ташаккул ёбад, механизмҳои ягонаи мониторинг ва идоракунӣ таъсис дода шаванд, маблағгузории байналмилалӣ васеъ гардад, ҳамкориҳои илмӣ тақвият ёбанд ва рушди устувори сайёҳии таърихӣ таъмин карда шавад. Дар баробари ин, чунин номинаҳо сатҳи масъулияти давлатҳоро нисбат ба ҳифзи мероси муштараки башарият баланд бардошта, ба густариши дипломатияи фарҳангӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат менамоянд.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқ метавон хулоса намуд, ки болооби водии Зарафшон аз ҷумлаи минтақаҳои нодири таърихию фарҳангии Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар он тамоми унсурҳои асосии фаъолияти Роҳи бузурги абрешим аз ҷумла, шаҳрҳои қадима, роҳҳои тиҷоратӣ, қалъаҳои муҳофизатӣ, низомҳои муҳандисии обёрӣ ва ёдгориҳои меъморӣ то имрӯз боқӣ мондаанд. Ин маҷмуа арзиши байналмилалӣ

дошта ба талаботи асосии Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиии ҷаҳон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи номинаи силсилавии фаромиллии «Роҳи бузурги абрешим: долони Зарафшон – Қароқум» нишон медиҳад, ки дар кишвар заминаҳои илмӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ташаккул ёфтаанд. Ин таҷриба на танҳо барои ворид намудани ёдгориҳои болооби водии Зарафшон ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО аҳаммияти амалӣ дорад, балки ҳамчун намунаи методологии таҳияи номинаҳои минбаъдаи мероси фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хизмат мекунад. Дар баробари ин, татбиқи чунин таҷриба имконият медиҳад, ки масъалаҳои ҳифзи мероси бостоншиносӣ, рушди сайёҳии таърихӣ, баланд бардоштани сатҳи идоракунии ёдгориҳо, ҷалби сармоягузории байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои илмӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ боз ҳам густариш ёбанд. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи сиёсати давлатӣ дар самти таҳияи номинаҳои силсилавӣ ва фаромиллӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳифзи мероси таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб равад. Зеро маҳз чунин равиш имконияти ҳифзи ҳамаҷониба ва истифодаи устувори мероси нодири таърихию фарҳангии кишварро таъмин менамояд.

# БОБИ 2. МЕРОСИ БОСТОНШИНОСИИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ДАР БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН

## 2.1.Тавсифи объектҳои мероси бостоншиносии Роҳи абрешими шохаи тоҷикистони долони Зарафшон – Қароқум

Дар асрҳои миёна қад-қади соҳили чапи дарёи Зарафшон роҳи машҳури тиҷоратӣ мегузашт, ки шаҳрҳои Фароб, Пайканд, Бухоро, Тавовис, Кармина ва Самарқандро ба ҳам мепайваст. Ин роҳ яке аз бахшҳои муҳимми Роҳи бузурги абрешим ба шумор мерафт ва ба хотири мақоми баланди стратегӣ ва иқтисодии худ бо номи «Шоҳроҳ» ё «Роҳи шоҳ» маъруф буд. Дар забонҳои эронӣ ин истилоҳ маънои «Роҳи подшоҳӣ»-ро ифода мекунад ва дар маънои маҷозӣ ҳамчун «Роҳи асосӣ», яъне роҳи васеъ ва умумӣ фаҳмида мешавад [139, с. 134].

Роҳи асосӣ дорои шохаҳои сершуморе буд, ки роҳҳои аҳаммияти байниминтақавидошта ба ҳисоб мерафтанд. Яке аз чунин шохаҳо дар водии Зарафшон ҷойгир буд. Мавҷудияти ин роҳҳоро ёдгориҳои таъриxиву фарҳангие тасдиқ менамоянд, ки дар доираи номинаи силсилавии «Долони Зарафшон – Қароқум» ҳамчун қисмате аз Роҳи бузурги абрешим пешниҳод шудаанд.

Дар қаламрави Тоҷикистон, дар асоси маълумоти манбаъҳои хаттӣ, асарҳои илмӣ ва экспедитсияҳои бостоншиносӣ то имрӯз ҳазорҳо объекти мероси бостоншиносӣ ошкор гардидаанд. Масалан, танҳо дар вилояти Суғд, тибқи таҳқиқоти коршинос Н.Т. Раҳимов то соли 2021 – 446 ёдгории бостоншиносӣ ба қайд гирифта шудаанд [35]. Аксари ин ёдгориҳо қабрҳои кӯрғонӣ (гӯрхонаӣ) мебошанд. Ҳамзамон, чандин ёдгориҳои манзилӣ, аз ҷумла шаҳрҳои қадим ва деҳкадаҳо низ ошкор шудаанд, ки шумораи онҳо ба даҳҳо адад мерасад.

Дар болооби водии Зарафшон дар давраи аз охири солҳои 50-ум то аввали солҳои 80-ум чандин шаҳр, маҳалҳои аҳолинишин, қалъа ва оромгоҳҳои марбут ба Суғди қадим ошкор ва мавриди таҳқиқ қарор

гирифтаанд. Илова бар ин, дар минтақа коргоҳи кулолгарӣ ва ёдгориҳои марбут ба коркарду истихроҷи оҳану маъдани дигар низ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз рушди баланди ҳунармандӣ ва иқтисодиёти замон шаҳодат медиҳанд [16, с. 68-75].

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди ёдгориҳои бостоншиносӣ ба қайди ҳифзи давлатӣ гирифта шудаанд. Аз ҷумла, дар вилояти Хатлон 573 ёдгорӣ [39] ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 289 ёдгории бостоншиносӣ сабт гардидаанд [9;10].

Дар водии Зарафшон зиёда аз 700 ёдгории бостоншиносӣ муайян ва ба харитаи бостоншиносии минтақавӣ ворид гардидаанд [16;17]. Аз ин миқдор якчанд ёдгории муҳим барои таҳлили коршиносон интихоб шуданд. Дар ҳудуди болооби водии Зарафшон тибқи маълумоти манбаъҳои китобшиносӣ ва ҳисоботҳои экспедитсияҳои бостоншиносӣ, 77 ёдгорӣ ба чаҳорчӯбаи хронологии Роҳи бузурги абрешим, бахши «Долони Зарафшон-Қароқум» (асри II то м. – асри XIV мелодӣ) мансуб дониста шудаанд (Ҷадвали 2). Аз ин шумора 9 ёдгорӣ ба давраи фаъолияти мустақими Роҳи бузурги абрешим тааллуқ дошта, аз ҷумла Панҷакент, Санҷаршоҳ, Қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ, Кум, Мадм – Гардани Ҳисор, Ҳисорак ва ғайраро дар бар мегиранд (Ҷадвали 3). Ёдгориҳои боқимонда ҳамчун ёдгориҳои дорои аҳаммияти минтақавӣ арзёбӣ мешаванд.

Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии ҷуғрофӣ нишон медиҳанд, ки қисми зиёди ёдгориҳо дар минтақаҳои кӯҳдоман (53 ёдгорӣ) ва дар дараҳои танги ҳосилхез (24 ёдгорӣ) ҷойгиранд. Ин ёдгориҳо асосан дар ҷараёни дарёи Зарафшон ва шохобҳои он – Фондарё ва Моғиёндарё воқеъанд. Тибқи мушаххасоти корбурдӣ, ки барои таҳлили муқоисавии дохилӣ дар ҳудуди Тоҷикистон истифода шудааст, ёдгориҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Таъиноти мазҳабӣ дорои 5 объект, аз ҷумла 1 мақбара, 3 манора ва 1 макони маросимӣ;
2. 31 объект дорои таъйиноти инфрасохторӣ, ки аз онҳо 24 ёдгории мудофиавӣ, 2 сохтори деворҳои мудофиавӣ ва 5 шабакаи обёрӣ мебошанд;
3. 32 маҳали аҳолинишини дорои хусусияти тиҷоратидошта;
4. 9 шаҳри марказӣ [154].

Дар робита ба аксари ёдгориҳои бостоншиносӣ, минтақаҳои муҳофизатӣ муайян ва ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон, таҳқиқоти бостоншиносӣ бештар хусусияти муҳофизатӣ-нигоҳдориро касб намудааст. Бо вуҷуди ин, шумораи зиёди ёдгориҳо зери таҳдиди ҷиддии нобудшавӣ қарор дошта, бархе аз онҳо беназорат мондаанд ё дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Масалан, дар вилояти Суғд, бинобар фаъолияти сохтмони корхонаҳои саноатӣ ва таъсири омилҳои антропогенӣ (инсонӣ) чандин ёдгориҳои муҳимми таърихӣ, ба мисли қабати мадании шаҳристони Саразм, шаҳракҳои қадимии Гардани Ҳисор, Ҳисорак, Сарвода ва дигар мавзеъҳои бостонӣ дучори харобшавӣ гардидаанд. Дар вилояти Хатлон, раванди нобудшавии ёдгориҳои бостоншиносӣ дар натиҷаи фурӯ рафтани соҳили обанбори Роғун идома дорад. Илова бар ин, ҳолатҳое мавҷуданд, ки баъзе ёдгориҳо амалан аз байн рафтаанд [39].

Бо мақсади арзёбӣ ва муайянсозии имконияти шомил намудани ёдгориҳои бостоншиносӣ ба низоми намоишии мероси Роҳи бузурги абрешим, як раванди интихоби ибтидоӣ амалӣ карда шуд. Ин раванд дар асоси меъёрҳои зерин ба роҳ монда шуд:

– мутобиқати хронологӣ ба давраи фаъолияти Роҳи бузурги абрешим дар қаламрави Тоҷикистон (асри II то м. – асри XIV мелодӣ);
– дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқоти илмию бостоншиносии ёдгориҳо.

Ҳамзамон, ба низоми намоишгоҳӣ ворид кардани ёдгориҳои боқимонда аз тамоми қабатҳои маданӣ ва хронологӣ аз давраи қадим

(антиқа) то давраи охири асрҳои миёна пешбинӣ гардидааст, ки ҳадафи асосии он бозсозии пайдарпайи таърихи Роҳи бузурги абрешим дар минтақа мебошад.

Дар натиҷаи интихоби ибтидоӣ 77 объекти дорои аҳаммияти таърихӣ ва бостоншиносӣ барои таҳқиқоти муфассал муайян карда шуд. Дар ин гурӯҳ чандин ёдгории маъруф ва дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ дохиланд. Аз ҷумла, шаҳристони Панҷакенти қадим, Санҷаршоҳ, Тали Хамтӯда, Тоқсанкорез ва мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро дар ноҳияи Панҷакент, деҳакада ва қалъаҳои қадимаи Абаргари кӯҳи Муғ, Гардани Ҳисор, Кум дар ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Ҳисорак дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ.

Ҳамаи ёдгориҳои муайянгардида дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар масири яке аз муҳимтарин роҳҳои тиҷоратии ҷаҳон Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буда, таърихи бисёрасраи ин роҳро инъикос мекунанд. Мавқеи ҷуғрофӣ ва нақши ин ёдгориҳо дар рушди муносибатҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа аҳаммияти хосса доранд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои интихоб ва арзёбии коршиносон, аз маҷмуи ёдгориҳои бостоншиносию фарҳангии қаламрави Тоҷикистон, 9 ёдгории дорои аҳаммияти таърихӣ барои омодасозӣ ва пешниҳод ба доираи ҳифз ва намоиши мероси Роҳи бузурги абрешим муайян карда шудаанд. Ин ёдгориҳо давраҳои мухталифи таърихиро фаро гирифта, бозгӯи рушди пайвастаи тамаддуни минтақа дар тули ҳазорсолаҳо мебошанд.

**Шаҳри Панҷакенти қадим**, ки масоҳати умумии он 32,87 га-ро дар бар мегирад ва бо ҳудуди муҳофизатӣ 79,115 га иҳота шудааст, ҳамчун яке аз муҳимтарин ёдгориҳои таърихию фарҳангии замони суғдиён дар асрҳои V-VIII мелодӣ эътироф гаридааст (Ҷадвали 4). Махсусан, маркази шаҳр масоҳати тақрибан 13-18 га-ро ишғол менамояд. Минтақаи муҳофизатӣ ибтидо дар масофаи 100 метр аз марзи ёдгорӣ муайян

гардид, вале соли 2002 бо таҳияи шиносномаи ёдгорӣ, он ба таври назаррас васеъ гардида, 20,615 га-ро дар бар гирифт. М. Абдусаломов оиди мавқеи ҷойгиршавии ёдгорӣ маълумот дода навиштааст: «Ёдгории Панҷакенти қадим 1,5 км дуртар дар қисми ҷанубии шаҳри Панҷакенти имрӯза ҷойгир мебошад» [1, с. 30-31].

Ин шаҳр яке аз бузургтарин ёдгориҳои бостоншиносии Тоҷикистон ба шумор рафта, тибқи Қарори Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон №13/27 аз 30 августи соли 1960 таҳти муҳофизати давлатӣ қарор гирифтааст. Пас аз гузашти солҳо, соли 1969 тасмим гирифта шуд, ки шаҳри бостонии Панҷакенти қадим ба осорхонаи кушоди саҳрой табдил дода шавад. Ёдгории Панҷакенти қадим тибқи Қарори Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 31 декабри соли 1972 ба феҳристи расмии ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии кишвар ворид гардида, бо Қарори №112 аз 4 апрели соли 1979 ҳамчун ёдгории миллӣ эълон шудааст.

Ёдгории мазкур боқимондаҳои меъморӣ ва санъати нодири суғдиёнро дар бар гирифта, ҳамчун намунаи барҷастаи шаҳрсозии Осиёи Марказӣ дар давраи қабл аз ислом арзёбӣ мегардад. Оиди ин масъала Б.И. Маршак маълумот дода, қайд кардааст: «Деворнигораҳо, ки дар хонаҳои иқоматии шаҳрвандон, бахусус тоҷирони сарватманд ҷойгир будаанд, дар бораи ҳаёти фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии суғдиён маълумоти беназир медиҳанд. Дар байни тасвирҳо қаҳрамонҳои машҳури достонҳои «Шоҳнома», ба монанди Рустами Достон ва Симурғ ба таври барҷаста инъикос ёфтаанд» [26, с. 43-46]. Яке аз хусусиятҳои муҳимми Панҷакент дар он аст, ки асарҳои санъати тасвирӣ, асосан на дар маъбадҳо ё ёдгориҳои расмии динӣ, балки дар манзилҳои иқоматӣ ёфт шудаанд. Ин раванд, ки ба зиндагии ҳаррӯза ва фарҳанги шахсии сокинон марбут аст, шаҳрро ба як манбаъи муҳим барои омӯзиши ҷомеаи Суғди бостонӣ табдил додааст

Дар давоми беш аз 79 соли таҳқиқотҳои бостоншиносӣ, муҳаққиқон зерсохти мураккаби шаҳрро ошкор намуданд, ки аз қисмҳои маҳалҳои

иқоматӣ, кӯчаҳо, маъбадҳо, куҳандиз, қасрҳо, маҳаллаҳои берунишаҳрӣ ва оромгоҳҳо иборат мебошад. Хонаҳои иқоматӣ, аксаран ду ё сеошёна буда, бо тарҳи меъморӣ ва унсурҳои ороишии мураккаб сохта шудаанд.

Таҳқиқоти илмии Панҷакенти қадим дар ибтидо ҳамчун шакли боздид ва тавсифи харобаҳо маҳдуд мегардид. Мавриди зикр аст, ки аввалин ҳафриёти бостоншиносиро дар Панҷакенти қадим В.Р. Чейлитко гузаронидааст. Дар бораи ҳафриётҳои гузаронидаи ӯ дар асари аллома Б.Ғ.Ғафуров «Тоҷикон» чунин омадааст: «В.Р. Чейлитко солҳои 1934-1937 ҳавзаи болооби Зарафшонро таҳқиқ намуда, аз ҷумла дар Панҷакенти қадим андак ҳафриёт гузаронид. Аз ахбори мухтасару беробитаи рӯзномаҳо дар бораи ин ҳафриёт маълумоти муфассал гирифтан мумкин нест, вале шубҳае нест, ки натиҷаи ин ҳафриёт хеле хуб буд» [12, с. 264]. Дар идома қайд кардан зарур аст, ки соли 1936 аз ҷониби В.Р. Чейлитко дар Қайнартеппа 1,5 км дуртар аз шаҳри Панҷакент ду қабри мансуб ба зардуштиҳо кашф гардид. Қабрҳои дарёфгардида мутааллиқи асрҳои V-VIII мелодӣ мебошанд. В.Р. Чейлитко дар бораи дафни ҷасадҳои зардуштӣ чунин ақидаронӣ кардааст: «Зардуштиҳо ҷасадҳои худро дар зарфҳои лойӣ (хумҳо) ё қуттиҳои лойи – устухондонҳо (оссуарийҳо) мегӯрониданд. Ӯ қайд мекунад, ки чунин устухондонҳо аз баҳри Миёназамин то Осиёи Марказӣ маълуманд, лекин дар Панҷакент навъи нави устухондонҳо кашф гардид, ки гирдшакл аст» [146]. Тули солҳои 1946-1952 таҳқиқоти васеъ зери роҳбарии А.Ю. Якубовский сурат гирифт, ки дар асари худ «Маводҳо ва таҳқиқоти экспедитсияи Суғд» [136;137] натиҷаҳои таҳқиқотро муфассал нашр кардааст. Ӯ аввалин шуда таҳқиқоти илмии муназзамро анҷом дода, нақшаи ёдгориро тартиб дод.

Аз соли 1953 таҳқиқоти бостоншиносӣ дар водии Зарафшон таҳти роҳбарии олимони маъруф, аз ҷумла В.Л. Воронина [60, с. 193-215], О.И. Смирнова [114, с. 224-231], А.М. Беленитский [49, с. 47-57], О.Г.

Болшаков [55, с. 88-120], Б.И. Маршак [27] ва В.И. Распопова [34] идома ёфта, то имрӯз низ равшангарии ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва фарҳанги шаҳрро таъмин менамояд. Мавқеи ҷуғрофии Панҷакенти қадим дар баробари шохаҳои болооби дарёи Зарафшон боиси ташаккули зерсохти мураккаби шаҳрсозӣ гардидааст. Дар ҳудуди ёдгорӣ теппаҳои сершуморе мавҷуданд, ки ҳамчун работҳои канорӣ амал мекунанд ва баландии онҳо аз 3 то 10 метр фарқ мекунад.

Таҳқиқоти бостоншиносӣ, ки дар тули чанд даҳсола ба таври пайваста анҷом дода шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки Панҷакенти қадим як ёдгории бостонии қабатдор мебошад. Қабатҳои мадании ёдгорӣ ба ду давраи асосӣ тақсим мешаванд:

1. Давраи антиқа – марбут ба замони ташаккули аввалин зинаҳои шаҳрсозии Панҷакент;

2. Давраи асрҳои миёна – ифодаи зиндагии аҳолии суғдиён дар замони ҳокимияти ихшидҳо ва густариши истиқомат дар болооби Зарафшон.

Дар ҳудуди ёдгорӣ маҷмааи меъмории гуногун, аз ҷумла қасрҳо, хонаҳои истиқоматӣ, маъбадҳо, коргоҳи косибӣ, қабристонҳо ва работҳо мавриди омӯзиши бостонишносӣ қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни ҳафриётҳо ашёи истеҳсоли маҳаллӣ ва инчунин бозёфтҳои воридшуда аз қаламрави кишварҳои Осиёи Марказӣ, Чин ва Миср ёфт шудаанд, ки гувоҳи робитаҳои густурдаи тиҷоративу фарҳангӣ мебошанд [58, с. 99-132; 50, с. 5-10; 54, с. 155-192].

Панҷакенти қадим дар асрҳои миёна аз марказҳои муҳимми иқтисодию фарҳангии минтақа шинохта шуда, нақши миёнаравиро дар байни шаҳрҳои Суғд, Бухоро ва Самарқанд иҷро мекард. Мавқеи ҷуғрофии он, ки дар масири роҳҳои шарқиву ғарбии Роҳи бузурги абрешим қарор дошт, имкон медод, то шаҳр ба маркази муҳимми муомилоти тиҷоратӣ ва мубодилаи фарҳангӣ табдил ёбад. Бозёфтҳои сершумор, ки дар ҷараёни ҳафриётҳо аз ҳудуди шаҳр пайдо шудаанд, аз

ҷумла молҳои воридотӣ аз Чин ва Миср гувоҳӣ медиҳанд, ки Панҷакенти қадим робитаҳои васеъ ва густурдаи иқтисодию фарҳангиро бо марказҳои асосии Шарқу Ғарб барпо карда буд. Ин бозёфтҳо, на танҳо баёнгари табодули молу ашё, балки далели рӯшани ҳамкориҳои илмӣ, динӣ ва фарҳангии мардумони гуногун мебошанд, ки тавассути Панҷакенти қадим амалӣ мегардиданд. Дар баробари аҳаммияти иқтисодию сиёсӣ, Панҷакенти қадим намунаи барҷастаи шаҳрсозии Осиёи Марказии пешазисломӣ ба ҳисоб меравад. Нақшаи шаҳр, тарҳи меъморӣ ва зерсохти мураккаби он, ки аз қисмҳои манзилӣ, қасрҳо, маъбадҳо ва кӯчаҳои бо тартиби муайян сохташуда иборат буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки сокинонаш дорои ҷаҳонбинии пешрафтаи шаҳрсозӣ буданд.

Хулоса, Панҷакенти қадим на танҳо як ёдгории бостоншиносӣ, балки як маркази дорои аҳаммияти байналмилалӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим аст. Мавқеи ҷуғрофӣ, робитаҳои тиҷоратию фарҳангӣ, намунаи барҷастаи шаҳрсозӣ ва осори нодири меъморию бадей, онро ба як нуқтаи калидӣ табдил додаанд, ки на танҳо мардуми Суғд, балки тамоми шабакаи тамаддуни башариро ба ҳам мепайваст. Аз ин рӯ Панҷакенти қадим ҷойгоҳи арзишмандро дар таърихи рушди тамаддуни Шарқу Ғарб ишғол мекунад ва ҳамчун намунаи олии муколамаи фарҳангҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим шинохта мешавад.

**Санҷаршоҳ.** Ёдгории давраи аввали асримиёнагии Санҷаршоҳ дар асрҳои V-VIII мелодӣ ташаккул ёфта, яке аз намунаҳои боризи рушди шаҳрсозии Суғд дар замони қабл аз ислом ба шумор меравад. Масоҳати умумии шаҳрак 6,789 га-ро ташкил дода, дорои як ҳудуди муҳофизатӣ бо масоҳати 20,05 га мебошад (Ҷадвали 5).

Ваҷҳи тасмили «Санҷаршоҳ» ё «Санҷартеппа» ба бошандагони имрӯзаи маҳал, ки ӯзбакон ҳастанд, алоқаманд аст ва ин номро ба яке аз

салотини салҷуқӣ Султон Санҷар - Муиззиддин Абуҳорис Аҳмад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ (давраи ҳукмрониаш 1118-1157) марбут медонанд.

Номи аслӣ ва пешинаи ёдгории Санҷаршоҳ то ҳол маълум нест. Ҷолиб он аст, ки дар ҳуҷҷатҳои аз қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ ёфтшуда, зикр намешавад ва ин ҳолат шарҳи номи мазкурро душвор мекунад. Роҷеъ ба маънои аслии ин мафҳум П.Б. Луре менависад: «Сӯҷина номи деҳаи муосирест, ки дар самти шимол ва ғарб аз ёдгорӣ ҷойгир аст. Эҳтимол меравад, ки он аз калимаи суғдии swcynk («сӯхта») реша мегирад. Бо вуҷуди ҳамаи ин топоними мазкур дар ҳуҷҷатҳои қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ зикр нашудааст. Ҳарчанд ки дар онҳо даҳҳо номи деҳаҳои хурди болооби водии Зарафшон оварда шудаанд» [154, с. 483].

Ёдгории мазкур дар нақша росткунҷаи дарозрӯя буда, аз шарқ ба ғарб тул кашидааст. Он дорои қалъаи (диж)-и ҳокимшин, шаҳристон, работ ва қабристон (ҳоло қариб, ки боқӣ намондааст) буда, таҳқиқоти бостоншиносӣ дар он идома дорад. Шаҳрак аз се қисми асосӣ иборат буд:

1. Куҳандиз (қалъаи марказӣ): маркази маъмурӣ ва ҳарбӣ.
2. Шаҳристон: қисмати асосии истиқоматӣ ва маъмурии аҳолӣ.
3. Работ: минтақаи иқтисодӣ ва бозорӣ.

Дар замони истилои араб қисматҳое аз он оташ зада шудааст. Шоҳиди ин воқеа осори сӯхташуда дар деворҳо ва фаршҳои баъзе биноҳо мебошанд, ки зимни ҳафриёти бостоншиносӣ маълум гардиданд. Баъд аз тахриби шаҳрак, он тадриҷан зери қабатҳои хок монд ва дар шакли теппаи табиӣ зуҳур намуд. Ёдгорӣ соли 1947 аз ҷониби бостоншиноси маъруф О.И. Смирнова кашф гардид. Зимни ҳафриёт тангаҳое ёфт шуданд, ки солҳои 720-728 мелодӣ зарробӣ шудаанд. Баъд аз ин давра аҳолӣ шаҳракро тарк намуда, ба маҳалли наве, ки дар масофаи 2 км дуртар ҷойгир аст, кӯчидаанд. Аз солҳои 2001-2003 ва 2008 то имрӯз ҳафриёти мунтазами бостоншиносӣ дар ҳудуди ёдгорӣ идома

дорад. Диссертант низ аз соли 2020 ба ҳайси узви гурӯҳи ҳафриётӣ дар таҳқиқоти ёдгорӣ ширкат меварзад.

Яке аз муҳимтарин кашфиётҳо дар доираи ҳафриёт се дастхатти арабӣ мебошад, ки ба асрҳои VIII-IX милодӣ, давраҳои аввали паҳншавии ислом дар минтақаи мазкур, мансубанд. Дастхатҳо, чун анъанаи ҳуҷҷат-ҳои исломӣ, бо ҷумлаи «Бисмиллоҳ-ир-Раҳмон-ир-Раҳим» оғоз мешаванд. Яке аз онҳо иборат аз 13 сатр буда, бо хатти кӯфии тезнавис навишта шудааст [153, с. 191-192]. Ин дастхатҳо феълан мавриди омӯзиши хатшиносони Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қарор доранд. Дар натиҷаи омӯзиш маълум гардид, ки онҳо дар варақаҳои алоҳидае, ки аз пӯсти ҳайвонот омода гардидаанд, навишта шудаанд. Дар дастхати аввал калимаҳои «Тавҳид», «Аллоҳу Холид», «ал-Ҳақ» ва «ал-Азим» ба таври равшан хонда мешаванд [82, с. 84-85]. Ин санадҳо шояд аввалин намунаҳои навиштории истифодаи хатти арабӣ дар минтақа бошанд. Аҳаммияти ин дастхатҳо дар он аст, ки дар Осиёи Марказӣ танҳо як санади муқоисавии дигари ҳамзамон то ин вақт маълум буд – дастхати Қалъаи Муғ, ки соли 1933 аз ҷониби шарқшиноси маъруф А.А. Фрейман кашф гардида буд. Он санад низ ба ибтидои паҳншавии дини ислом ва замони ҳукумати Деваштич мансуб аст.

Бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов қайд менамояд: «Аз маҳалли ёдгорӣ, бозёфтҳои зиёди модӣ, аз ҷумла сиккаҳо ба даст оварда шудаанд, ки гувоҳи рушди баланди фарҳангии суғдиёнанд. Арзишмандтарини онҳо иборатанд аз оинаи чинӣ, куртаи кӯдакона аз пахта ва ашёҳои рӯзгор дар ҳолати хуби ҳифзшуда. Ин бозёфтҳо гувоҳи робитаҳои тиҷоративу фарҳангии Суғд бо Чин ва дигар минтақаҳо мебошанд ва ҳамзамон, нишон медиҳанд, ки мардум дар зиндагии рӯзмарраи худ аз маҳсулоти дохилӣ ва воридотӣ васеъ истифода мебурданд» [83, с. 158-164].

Дар давраи мавҷудияти худ (асрҳои V-IX мелодӣ) шаҳристони Санҷаршоҳ ҳамчун маркази тиҷоратии минтақавӣ хизмат мекард. Минтақаи работ (минтақаи бозорӣ ва иқтисодӣ) нишон медиҳад, ки шаҳр қисми фаъол ва амалӣ дар мубодилаи молҳо дошт. Молҳое, ки аз тариқи шоҳроҳ мегузаштанд: абрешим, маҳсулоти бофандагӣ, маснуоти заргарӣ ва зиннатӣ, маснуоти оҳанин, асбобҳои рӯзгор ва қоғаз (аз Чин), зарфҳои шишагӣ ва сафолин (аз Эрон ва Байнаннаҳрайн).

Ёдгории аввали асримиёнагии Санҷаршоҳ на танҳо маркази тиҷорат, балки пайвандгари фарҳангҳо, динҳо ва забонҳо низ буд:

1. Забон ва фарҳанги суғдӣ дар ин ҷо нуфузи амиқ дошт ва ҳамчун забони дипломатӣ ва тиҷоратии Роҳи бузурги абрешим хизмат мекард.

2. Бозёфти дастхатҳо бо хати арабӣ, ки аз аввалин намунаҳои паҳншавии Ислом дар Суғд аст, шаҳодати омезиши фарҳангии маҳаллӣ бо фарҳанги арабӣ-исломӣ мебошад.

Чунин мавқеъ ба шаҳрак имкон медод, то нақши миёнаравии байни фарҳанги Шарқу Ғарбро бозад. Мавҷудияти куҳандиз (қалъаи марказӣ) дар тарҳи шаҳрак нишон медиҳад, ки Санҷаршоҳ на танҳо маркази иқтисодӣ, балки пойгоҳи муҳимми низомӣ ва назоратӣ низ буд.

Дар маҷмуъ, Санҷаршоҳ ҳамчун як нуқтаи калидӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷойгоҳи бузург дорад. Он маркази мубодилаи тиҷоратӣ ва фарҳангӣ, маркази густариши фарҳанги суғдӣ ва баъдан исломӣ ва ҳамчунин, ифодагари равандҳои глобалии он давра буд.

**Шаҳраки Ҳисорак**. Ёдгории бостоншиносӣ, ки дар рӯ ба рӯйи деҳаи муосири Мадрушкат, дар ҳудуди ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст [85, с. 229], бо номи шаҳраки Ҳисорак шинохта шудааст ва яке аз ёдгориҳои муҳимми таърихию фарҳангии минтақа маҳсуб мешавад. Ин ёдгорӣ ҳамчун баландтарин маркази шаҳрии бостонӣ дар болооби водии Зарафшон шинохта шуда, аҳаммияти ҷуғрофӣ ва таърихии он қобили таваҷҷуҳ аст.

Ёдгории Ҳисорак бори аввал соли 1948 аз ҷониби кормандони Экспедитсияи бостоншиносии Суғду тоҷик (минбаъд-ЭБСТ) О.И. Смирнова ва В.Л. Воронина мавриди омӯзиш қарор гирифт. Баъдан, соли 1953 ин маконро бостоншиноси маъруф А.М. Манделштам [89, с. 31-37] боздид намуд. Масоҳати умумии шаҳрак 7 га-ро дар бар мегирад ва бо дарназардошти ҳудуди муҳофизатӣ то 52,927 га мерасад. Ёдгории Ҳисорак дар баландии 2250 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, боқимондаҳои меъмории асрҳои VII-VIII милодиро дар худ ҳифз намудааст (Ҷадвали 6). Унсурҳои боқимондаи ин давра шаҳодат медиҳанд, ки шаҳрак дар гузашта маркази муташаккили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ будааст. Шаҳрак дар доманаи ҳамвори димоғаи водии дарёи Зарафшон ҷойгир буда, аз самти шимолу ғарб ба дараи васеъ мепайвандад, ки тавассути он дарёи Мастчоҳ ҷорӣ мегардад. Аз шарқ дара ва дарёчаи Валғун ин мавзеъро иҳота кардаанд. Баландии шаҳрак нисбат ба сатҳи рӯд тақрибан 150 метрро ташкил медиҳад, ки шароити мувофиқро барои назорат ва дифоъ фароҳам овардааст.

Аз тарафи ҷануби шаҳрак ҷариҳои жарф мавҷуданд, ки тавассути онҳо роҳҳои асосӣ ба самти деҳаи Падаск мегузаранд. Дар ин мавзеъ нишонаҳои истеҳкомҳои қадима дида мешаванд. Ин роҳҳо ба соҳили дарёи Мастчоҳ мебаранд ва эҳтимолан, дар замонҳои гузашта барои иртибот ва ҳаракати кӯҳгардон низ хизмат мекарданд.

Дар ҷануби ин ҷариҳо қуллаҳои баланд ва манзараҳои зебои қаторкӯҳҳои Зарафшон аёнанд. Аз нуқтаи баланди шаҳрак, роҳҳо ва деҳаҳои атроф Мадрушкат, Падаск, Лангар, Валғун ва Истошон равшан дида мешаванд. Мавқеияти хуби ҷуғрофӣ шаҳракро ба макони мувофиқ барои таъсиси дидбонгоҳҳо ва назорати роҳҳои тиҷоратӣ табдил додааст.

Ҳафриёти бостоншиносӣ дар шаҳраки Ҳисорак соли 1998 оғоз ёфта, аз ҷониби Экспедитсияи муштараки бостоншиносии Русия ва

Тоҷикистон таҳти роҳбарии Б.Я. Ставиский ва Ю.Я. Яқубов анҷом дода шуданд [135, с. 153-158].

Диж, ки масоҳати тахминан 200х300 м-ро фаро мегирад, аз куҳандиз ва маҳалла, ки дар поёни он ҷойгир аст, иборат мебошад. Куҳандиз ба се бахш тақсим мешавад, ки онҳо бо рахнаҳои табиии релеф аз ҳам ҷудо гардидаанд. Муҳимтарин натиҷаи ҳафриёти соли 1998 кашфи бинои бузурги меъмории дорои хусусияти қасрӣ дар қалъа буд. Деворҳои ин сохтмон бо нақшунигорҳои муҳршуда ва пораҳои чӯбҳои кандакоришуда бо ороиши набототӣ зеб дода шуда буданд. Ин бозёфтҳо шаҳодати мавҷудияти меъмории мураккаб ва зебои суннатии суғдӣ мебошад. Бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов оиди ҳафриёти бостоншиносии соли 2008, ки дар ҳудуди ёдгорӣ гузаронида шуд, маълумот дода, навиштааст: «Соли 2008 кормандони Экспедитсияи Панҷакент ҳангоми боздид аз ёдгории Ҳисорак ва таҳқиқи қисмҳои боқимондаи сохтмонҳо, маводди рӯйизаминӣ, аз ҷумла пораҳои сафол ва дигар бозёфтҳои фарҳангиро ҷамъоварӣ карданд» [79, с. 316-317].

Мавқеи ҷуғрофии Ҳисорак аҳаммияти стратегӣ ва тиҷоратӣ дошт. Тоҷирони суғдӣ аз ин нуқта имкони ҳаракат ба самтҳои гуногунро дар доираи як рӯз доштанд: ба шимол то водии Фарғона, ба ҷануб то болооби рӯди Вахш ва сарзамини Бохтар ва ба самти ғарб то шаҳрҳои Панҷакент ва Самарқанд тавассути рӯди Зарафшон. Ин мавқеъ шаҳракро ба як нуқтаи муҳимми Роҳи бузурги абрешим табдил дода буд.

Дар натиҷаи омӯзиши маводди бостоншиносӣ оиди ёдгории мазкур метавон чунин хулосабарорӣ намуд: «Ёдгории бостоншиносии шаҳраки Ҳисорак як маркази муҳимми таърихӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим мебошад ва дар равандҳои таърихӣ, фарҳангиву иқтисодии Осиёи Марказӣ нақши калидӣ доштааст.»

Ҳамин тавр, шаҳраки бостонии Ҳисорак на танҳо ҳамчун як маркази зист, балки ҳамчун қалъаи муҳимми стратегӣ ва нуқтаи тиҷоратӣ дар

даврони Роҳи бузурги абрешим шинохта мешавад. Омӯзиши минбаъдаи ин ёдгорӣ метавонад дар таҳқиқи равандҳои шаҳрсозӣ, рушди иқтисодӣ ва робитаҳои фарҳангии минтақа дар асрҳои миёна саҳми арзанда гузорад.

**Гардани Ҳисор.** Ёдгории Гардани Ҳисор (масоҳати 1 га бо ҳудуди муҳофизатӣ 12,28 га) 1 км дуртар аз деҳаи Мадм, 12 км шарқтар аз қалъаи Кӯҳи Муғ ва 5 км дуртар дар қисмати ғарбии деҳаи Кум ҷойгир шудааст [47, с. 126] (Ҷадвали 7). Аз назари таърихӣ ва ҷуғрофӣ ҷойгиршавии ин деҳа аҳаммияти махсус дорад, зеро минтақаи мазкур дар масири ҳаракати муҳоҷирон, лашкарҳо ва тоҷирон байни водии Зарафшон ва қаламрави поёнобии Суғд воқеъ буда, дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад.

Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Гардани Ҳисор маҷмуи зиёди ёдгориҳои муҳимми таърихиро ошкор кардааст, ки қасрҳо, манзилҳои одӣ ва манзилҳои хоҷагидориро дар бар мегиранд. Гардани Ҳисор як деҳкадаи пурра ҳаффорӣ шуда ва хуб таҳқиқшудаи давраи суғдӣ мебошад, ки ба таҷзия ва омӯзиши ҳаёти мардуми Суғд кӯмак мекунад.

Бостоншиносон дар Гардани Ҳисор маълумоти фаровоне дар бораи ҳаёти мардуми одии Суғди асрҳои VII-VIII мелодӣ ба даст овардаанд. Маълумот дар бораи шумораи сокинон, андозаи манзилҳо, ҳаҷми пахш ва нигоҳдории ҳосил, маҳсулоти истеҳсолшуда ва савдо байни минтақаҳо муайян гардидааст.

Гардани Ҳисор яке аз махзанҳои нодири таърихи минтақа ба шумор меравад, ки то ба имрӯз ҳамчун ягона деҳаи асримиёнагии халқи тоҷик дар вилояти Суғд ва дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ҳафриёт гардидааст. Ин таҳқиқот бо талоши бостоншинос Ю.Я. Яқубов ба таври мукаммал анҷом ёфтааст. Ӯ қайд менамояд: «Корҳои васеи ҳафриётӣ дар ёдгории Гардани Ҳисор дар ду марҳила – солҳои 1964-1966 ва 1971-1974 ба роҳ монда шуданд. Дар натиҷаи ин таҳқиқот ёдгорӣ ба таври мукаммал омӯхта шуд ва маводди арзишманди илмӣ ҷамъоварӣ гардид. Аллакай

дар соли 1964 маълумоти мухтасари бунёдӣ ва заминавӣ оид ба натиҷаҳои ҳафриёт дар нашриёҳои илмӣ ба табъ расид» [130, с. 363].

Ёдгории Гардани Ҳисор, ки дар баландии стратегии роҳи қадимаи корвонгузари минтақаи куҳии Суғд ҷойгир шудааст, намунаи барҷастаи деҳаҳои асримиёнагии барвақт дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ мебошад. Ин деҳа дорои сохтори иҷтимоӣ ва меъмории рушдёфта буда, аз ду бахши асосӣ иборат аст:

1. Кӯшк – макони нишасти деҳхудо ва маркази маъмурӣ.

2. Деҳистон – манзилгоҳи табақаҳои гуногуни деҳа.

Қаср дар болои як таҳкурсии дузинадор, ки тақрибан сеяки ҳудуди деҳаро ишғол менамояд, бунёд ёфтааст. Таҳкурсӣ шакли салибӣ дошта, бинои асосӣ бар он қарор гирифтааст ва он 4 метр баландӣ дорад. Қаср дорои ду қабат буда, мутаассифона, қабати дуюм то замони мо боқӣ намондааст.

Бостоншинос Ю. Яқубов менависад: «Дар қабати якум толоре бо андозаи 64 $м^2$ мавҷуд буда, бо 4 сутун ва сақфи ҳамвор пӯшонида шудааст. Дар дохили толор маъбади оташ ва чанд хонаи иқоматии бошукӯҳ ҷойгир аст. Деворҳо аз похса ва хишти хом бунёд ёфта, бо тасвирҳои гуногун бо усуле, ки дар қасрҳои Панҷакенти қадим низ мушоҳида мешаванд оро ёфта буданд. Сутунҳо ва болорҳо бо нақшу нигори гуногун зеб дода шуда буданд. Дар гирди девори толор суфаҳо мавҷуданд. Дар суфаи марказӣ, нишонаи тахти кадхудо то имрӯз боқӣ мондааст. Осори боқимонда, аз ҷумла чӯбҳои сӯхтаи бо нақш, аз боҳашаматии қаср ва ҷойгоҳи иҷтимоии соҳибони он шаҳодат медиҳанд» [48, с. 82-85].

Дар қисмати поёнии деҳа, яъне деҳистон, 22 манзили истиқоматӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳар хона аз 1 то 5 утоқ иборат буда, дар баробари хонаҳои сеутоқи тоҷирон ва деҳхудо, ҳуҷраҳои соддаи

кишоварзони камбизоат низ ба қайд гирифта шудаанд. Масалан, як кулбаи маъмулӣ чунин таркиб дорад:

1. Роҳрав: даромадгоҳи асосӣ, ки дар пеши он оташдон, танӯр ва суфачае барои дегу табақ ҷойгир шудааст.

2. Утоқи миёна: дорои суфаи калон барои нишастан, хоб рафтан ва хӯрдан.

3. Қисмати ақиб: хамбаҳо (анборҳо) барои нигоҳдории ғалла ва маводди ғизоӣ, ки ба таври гаҷандова ҳифз шудаанд.

Гаҷандоваи хамбаҳо барои муҳофизат аз хатари мушон истифода мешуд ва инчунин барои тоза ва хушк нигоҳ доштани ғалладонагиҳо кӯмак мекард. Ин тартиби зиндагӣ ва сохтори иҷтимоии деҳа нишон медиҳад, ки дар деҳаҳои кӯҳистони Суғд низ меъморӣ, нигаҳдории захираҳо ба таври мураттаб ва пешрафта рушд ёфта будааст. Бозёфтҳои деворнигораҳо, маъбади оташ ва тарзи ҳаёти кишоварзӣ нишон медиҳанд, ки дар асрҳои VII-VIII мелодӣ мардуми минтақа дорои фарҳанги устувор ва ниҳодҳои иҷтимоию маъмурии рушдёфта буданд. Дар давраи асримиёнаи барвақтӣ, биноҳои иқоматии деҳкадаи Гардани Ҳисор аз хонаҳои сеутоқӣ ва дуутоқӣ иборат буданд, ки ҳар яке бо таъйиноти мушаххас сохта шуда буданд.

Гардани Ҳисор дар масири корвонгарди кӯҳӣ, ки минтақаи Фалғар (ҳоло ноҳияи Айнӣ)-ро бо Панҷакент ва минтақаҳои болооби водии Зарафшон мепайваст, ҷойгир аст. Ин роҳ ҳарчанд шохаи асосии шоҳроҳ набошад ҳам, як масири муҳимми дохилиминтақавӣ ва паҳнкунандаи фарҳангу молу колоҳо будааст. Ин роҳ ба корвонҳо имкон медод, то аз шаҳрҳои Самарқанд ва Панҷакент ба кӯҳистон ва бозорҳои дохилӣ ҳаракат намоянд.

Гардани Ҳисор на танҳо як ёдгории бостоншиносист, балки дар гузашта деҳаи доимӣ бо қаср, маъбад ва манзилҳои кишоварзон буд. Ба корвонҳо ва тоҷирон чунин нуқтаҳои амн барои истироҳат, таъминоти

обу ғизо, иваз кардани ҳайвонот ва молҳои ниёзи аввал хело муҳим буданд. Мавҷудияти кушки деҳхудо, маъбади оташ ва низоми мураттаби манзилҳо нишон медиҳад, ки деҳа омодаи хизматрасонӣ ба мусофирон ва савдогарон будааст.

Гардани Ҳисор ҳамчун деҳкада дар кӯҳистони Суғд, намунаи равшани зиндагии мардуми минтақа дар даврони пешин буда, дар робитаи мустақим бо Роҳи бузурги абрешим қарор дошт. Ҳамзамон, ин маҳал ба ҳайси нуқтаи миёнарави тиҷоратӣ ва фарҳангӣ миёни минтақаҳои марказӣ ва кӯҳистон хидмат карда, дар ҳамгироии мардумони кӯҳистон ба шабакаи ҷаҳонии савдо нақши муҳим бозидааст. Сохтори хонаҳо, тарзи истифодаи ҳуҷраҳо ва масолеҳи маҳаллӣ далели дониши амалӣ ва таҷрибаи хуби меъмории аҳолии он дар ибтидои асрҳои миёна буда, мутобиқшавии онҳо ба муҳити табиӣ ва ниёзҳои иҷтимоиву фарҳангиро инъикос менамояд.

**Қалъачаи Тали Хамтӯда.** Ёдгории Тали Хамтӯда 2,113 га-ро дар бар гирифта бо ҳудуди муҳофизатиаш 15,396 га аст (Ҷадвали 8). Ин ёдгорӣ боқимондаи як қасри салибшаклро дар бар гирифта, ба асрҳои I-VI мелодӣ мансуб аст. Бо ташкили экспедитсияи бостоншиносии суғдӣ-тоҷикӣ дар болооби водии Зарафшон соли 1946 бо ибтикори А.Ю. Якубовский, қалъачаи Тали Хамтӯда ҳамчун объекти таҳқиқотӣ интихоб гардид [136, с. 47-48].

Бостоншинос А.Ғ. Пӯлотов роҷеъ ба мавқеи ҷойгиршавии ёдгорӣ маълумот дода навиштааст: «Қалъачаи Тали Хамтӯда, ки ба давраи антиқа тааллуқ дошта, дар масофаи 32 километр ҷанубу шарқии шаҳри Панҷакент, дар доманакӯҳи қаторкӯҳи Зарафшон ҷойгир аст. Ёдгории мазкур дар маҳалли омезиши сойҳои Сойи Мазор ва Сойи Сероб, дар самти шимолии деҳаи Ғусари ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ қарор дорад» [151]. Аз нигоҳи бостоншиносӣ, чунин минтақаҳои наздимарзӣ ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки ин ҳолат аҳаммияти омӯзиши ёдгории таърихии Тали Хамтӯдаро боз ҳам бештар менамояд.

Пеш аз оғози ҳафриёт, Тали Хамтӯда ба шакли як теппаи байзамонанд ба назар мерасид, ки дар қисми шимолу ғарбии майдончае бо андозаи тахминан 70х80 метр ҷойгир буд. Баландии теппаи мазкур аз сатҳи замини атроф тақрибан 5 метр ва қутри он тахминан 20 метрро ташкил медод. Дар асоси шакли теппа, метавон тахмин кард, ки мо бо ёдгории як шаҳраки бостонӣ рӯ ба рӯ ҳастем ва он дорои як қалъаи хурди болобаромада ва алоҳида буда, эҳтимолан аҳаммияти низомӣ ё маъмурӣ доштааст. Ёдгории Тали Хамтӯда бори аввал соли 1985 аз ҷониби бостоншинос А.И. Исоқов кашф гардид. Ӯ дар теппаи марказии ин ёдгорӣ гумона (шурф)-и омӯзишӣ гузошт. Кофтуковҳои минбаъда зери роҳбарии шогирди ӯ Ш.Ф. Қурбонов идома ёфт ва дар се давраи таҳқиқоти саҳроӣ: давраи якум (1988), давраи дуюм (1990) ва давраи сеюм (1991), қисми асосии теппаи марказӣ пурра таҳқиқ карда шуд [23, с. 72].

Дар ҷараёни корҳои ҳафриётӣ, ба ғайр Ш.Ф. Қурбонов боз донишҷӯёни факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) бо роҳбарии дотсенти кафедраи бостоншиносӣ У. Пӯлодов ширкат доштанд. Илова бар ин, дар солҳои 1988 ва 1990 гурӯҳи бостоншиносони Эрмитаж (Осорхонаи давлатии ш. Санкт – Петербург) таҳти роҳбарии д.и.т. Б.И. Маршак – сарвари экспедитсияи бостоншиносии Панҷакент иштирок намуда, корҳои андозагирии меъморӣ ва омӯзиши дақиқи сохторро анҷом доданд [23, с. 74]. Бо дарназардошти релеф ва натиҷаҳои ҳафриёт, муайян гардид, ки ҳарчанд қисми зиёди бино дар ҳолати вайроншавӣ қарор дорад, вале нақшаи умумии он аз нав барқарор карда шуд. Маълум гардид, ки бинои асосӣ нақшаи салибшакл дошта, дуошёна будааст.

Бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов таъкид менамояд: «Таҳлили тарҳи меъмории қалъа гувоҳӣ медиҳад, ки дар девори ҳимоявӣ се манораи шакли чоркунҷа дар самтҳои шарқ, ғарб ва ҷануби долони марказӣ ҷойгир шудаанд. Дар самти шимолии долон ду ҳуҷраи хурди росткунҷа

мавҷуд аст ва болотар аз онҳо, дар шимол, як манораи росткунҷа дар болои пандус (сатҳи шебдор) ҷой гирифтааст. Бо дарназардошти ҳаҷм ва сохтори қалъа, метавон тахмин кард, ки ин иншоот барои иқомати тақрибан 40 муҳофиз пешбинӣ шуда ва эҳтимолан, зиёда аз се ду ҳиссаи онҳо дар камонварони ҳирфаӣ буданд» [23, с. 78].

Бо вуҷуди сохтмони мураккаби мудофиавӣ ва тарзи меъмории низомӣ, татбиқи самараноки ин низом дар шароити воқеии амалиёти ҳарбӣ душвор менамуд. Аз ин рӯ, қалъа бештар ҳамчун иншооти рамзии дифоӣ ва намоишии иқтидори низомӣ дар муҳити деҳот хизмат кардааст, на ҳамчун пойгоҳи муҳимми ҷангӣ.

Хулоса, қалъачаи Тали Хамтӯда равандҳои ҳамгироии фарҳангҳои пешрафтаи водии Суғд ва минтақаҳои кӯҳии атрофро инъикос мекунад. Қаср дар муҳити деҳотӣ сохта шуда, ҳамзамон, вазифаҳои муҳофизатӣ ва макони зистро иҷро мекардааст. Дар ҳудуди ёдгорӣ ашёи гуногун, ба монанди чоркунҷаҳои гилини сохтмонӣ, нишонаи тирҳо, асбобҳои мусиқӣ ва зарфҳои сафолӣ, аз ҷумла кӯзаҳо, пиёлаҳо, хумҳо, ҷомҳо ва дегҳо пайдо шудаанд.

Сохтори меъмории ёдгории Тали Хамтӯда бо деворҳои муҳофизатӣ, манораҳо, роҳрав ва тарҳи салибшакли бино нишон медиҳад, ки ин қалъа ҳамчун маркази низомӣ ва шояд маъмурӣ хизмат мекард. Роҳи бузурги абрешим, чун як шабакаи васеи тиҷоратӣ, на танҳо молиётро интиқол медод, балки бо худ фарҳанг, дин, ҳунар ва забонҳоро низ мебурд. Нуқтаҳои муҳофизатӣ ва қалъачаҳо дар гӯшаҳои кӯҳӣ на танҳо бехатарии роҳҳоро таъмин мекарданд, балки дар иртиботи байни минтақаҳо низ саҳм доштанд. Мавҷудияти чунин қалъача дар масири Роҳи бузурги абрешим нишон медиҳад, ки тамаддуни маҳаллӣ дар давраи антиқа фаъолона дар муоширати ва табодули фарҳангӣ ширкат дошт.

Ин гуна қалъачаҳо дар сарҳади минтақаҳои кӯҳӣ ва ҳамворӣ ҳамчун маркази мубодилаи фарҳангию мазҳабӣ хизмат мекарданд. Масалан, ҳудуди Панҷакент ва атрофи он ҳамчун нуқтаи калидии Суғди бостонӣ бо ҷаҳони шарқӣ ва юнону бохтарӣ иртибот дошт. Аз ҷиҳати илмӣ, ёдгории Тали Хамтӯда яке аз қалъачаҳои таҳқиқшуда дар минтақаи марзии кӯҳӣ ва ҳамворӣ мебошад. Омӯзиши он барои барқарорсозии нақшаи роҳҳои қадим, шакли истеҳкомҳо, вазъи амниятии минтақа ва инчунин, тарҳи меъмории қалъаҳои хурд дар давраи антиқа аҳаммияти хос дорад.

Ёдгории мазкур на танҳо шоҳиди як нуқтаи дифоӣ дар замони қадим аст, балки яке аз равандҳои бунёди қалъаҳои хурд, ташаккули тартиботи маъмурӣ ва рушди иқтисод дар минтақа гувоҳӣ медиҳад.

Ёдгории Тали Хамтӯда ҳамчун як қалъаи хурд дар масири Роҳи бузурги абрешим:

– маркази муҳимми амниятӣ ва назоратӣ дар долонҳои кӯҳии роҳҳои тиҷоратӣ буд;

– шаҳодат аз меъмории мураккаби дифоии давраи антиқа аст;

–маркази иртиботи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар сарҳадди минтақаҳои ҷуғрофӣ мебошад;

– аз нигоҳи бостоншиносӣ, барои барқарорсозии нақшаи тиҷорат ва муҳофизати роҳҳои қадим арзиши зиёд дорад.

**Қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар)** – ёдгории муҳимми таърихӣ бо масоҳати 3,127 га ва ҳудуди муҳофизатии 19,913 га мебошад, ки 3 км дуртар аз деҳаи Хайробод, дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ ва дар қисми кӯҳии болооби рӯдхонаи Зарафшон ҷойгир аст (Ҷадвали 9). Ин мавзеъ дар байни мардум бо номи «Қалъаи Муғон» низ шинохта мешавад, ки маънояш «Қалъаи зисти зардуштӣ» мебошад. Дар манбаъҳои таърихии арабӣ, аз ҷумла дар осори таърихнигори маъруф Табарӣ, ин қалъа бо номи «Абаргар» зикр шудааст [16, с. 64].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аҳли деҳаи Хайробод (воқеъ дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ) аз давраҳои қадим маконеро мешинохтанд, ки онро «Қалъаи Муғ» меномиданд. Дар адабиёти илмӣ ин ном ба шакли «Қалъаи кӯҳи Муғ» маъмул гаштааст. Дар ибтидои соли 1930 аҳолии деҳа ба ин макон зиёд рафтуомад доштанд ва ниҳоят баҳори соли 1932 як чӯпони маҳаллӣ бо номи Ҷӯраалӣ Маҳмадалӣ дар он ҷо як сабад ёфт, ки дар дохили он як порчаи абрешимӣ бо навиштаҷоти ношинос ҷой дошт. Хатти ин навишта аҷиб ва барои мардуми деҳа, ҳатто ба шахсони босаводи деҳаи Урметан номаълум буд. Тирамоҳи ҳамон сол ин хабар ба котиби Кумитаи ҳизбии ноҳия Абдулҳамид Пӯлодӣ расид. Ӯ арзиши баланди таърихӣ доштани бозёфтро ҳис карда, онро фавран ба шаҳри Душанбе ирсол намуд [2-М, с. 128].

Маҳз дар ҳамон сол, бо ташаббуси Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, бо қарори Президиуми Академияи илмҳои ИҶШС дар шаҳри Душанбе Базаи тоҷикистонии Академияи илмҳо таъсис ёфт. Аввалин роҳбари он шарқшиноси маъруфи С.Ф. Олденбург таъйин гардид. Мутахассисони база муайян намуданд, ки навиштаҷот ба яке аз забонҳои қадимӣ, эҳтимолан суғдӣ тааллуқ дорад. Баҳори соли 1933 нусхаи дастнавис ба эроншиноси маъруфи шуравӣ А.А. Фрейман пешниҳод шуд. Ӯ ба таври қатъӣ муайян кард, ки матн ба забони суғдӣ ва хатти суғдӣ навишта шудааст [119, с. 4]. Бо кӯшишҳои А.А. Фрейман рамзи хатти суғдӣ кушода шуд. Матнҳои арабиро бошад олимони машҳур И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская хонда шарҳ доданд. Таҳқиқоти минбаъда дар соли 1957 бо иштироки гурӯҳи нави олимон В.А. Лившитс [24], О.И. Смирнова ва профессор М.Н. Боголюбов [6] идома ёфт.

Доир ба пайдо гардидани дастхатҳо ва ашёҳои маданияти модӣ аз Қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар), муаррих Ҳ. Камол чунин изҳори ақида намудааст: «Моҳи майи соли 1933 дар дижи Муғ А. Пӯлодӣ ва баъдан А.И. Василев нахуст мустақилона ва баъдан моҳи ноябри соли 1933 дар

ҳайати экспедитсияи Академияи фанҳои Иттиҳоди Шуравӣ таҳти роҳбарии А.А. Фрейман ҳафриёт гузарониданд. Дар натиҷа аз ин диж 81 санади дастнавис ёфт шуд, ки забони як санади дар чарм навишташуда муайян нагардид ва 80 адади он чунин шиносоӣ шуданд: 25 санад дар коғази нафиси намунаи чинӣ (22-тои он бо забони суғдӣ, ки пушти 5-тои он матн бо забони чинӣ дорад), 32 санад дар чарм (29-тои он ба забони суғдӣ) ва 23 санад дар чӯб (шохаҳои маҷнунбед, ҳама ба забони суғдӣ). Аз ҷумлаи ин санадҳо ду санад дар чарм ба забони арабӣ навишта шудааст, ки И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская онҳоро бахшҳое аз як санад меҳисобанд. Ҳашт санад ба забони чинӣ иншо шудаанд, ки онҳоро муҳаққиқ А.С. Поляков шиносоӣ намуд» [2-М, с. 128]. Пас аз рамзкушоии матнҳои суғдӣ, маълумоти фаровон дар бораи сохтори идорӣ (аз ҷумла, вазифаи «фрамондар» маъмури баландпояи маҳаллӣ), ҳуқуқи занон, шартномаҳои никоҳ, муомилоти пулии суғдӣ, ҷойҳои зист (шаҳракҳо), ҷойномҳо ва муносибатҳои сиёсиву тиҷоратии мардуми суғд бо арабҳо, туркҳои ғарбӣ ва чиниён ба даст омад.

Таҳқиқоти дақиқи матнҳои ёфтшуда имкон дод, ки санаи бунёди Қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар) ва давраи истеҳсоли ашёҳои он аниқ муайян гардад. Калиди фаҳмиши ниҳоии он як ҳуҷҷати арабӣ буд, ки дар матни он олимон В.А. Крачковская ва И.Ю. Крачковский номи «Дивасти»-ро хондаанд. Тибқи маълумоти маъхазҳои таърихӣ, суғдиён бо номҳои «Диваштич» ё «Диваштак» маъруф буданд ва ин ном дар сарчашмаҳои таърихӣ оид ба истилои арабҳо дар Осиёи Миёна зикр мешавад. И.Ю. Крачковский пас аз даҳ соли таҳқиқот, дар китоби худ «Над арабскими рукописями» [22] (Таҳқиқот дар бораи дастхатҳои арабӣ) ин воқеаро ба таври хеле равшан ва бо санҷишҳои дақиқ тасвир намудааст. Дар хулоса, вай таъкид мекунад, ки: «Дар ҳақиқат, номи Диваштич калиди тамоми кор гардид, яъне на танҳо хатти арабиро фаҳмонд, балки барои омӯзиши ҳуҷҷатҳои суғдӣ заминаи мустаҳкам фароҳам овард. Диваштак ҳокими суғдиён буд ва маҳз боқимондаҳои бойгонии ӯ дар Қалъаи кӯҳи Муғ

(Абаргар) ба дасти экспедитсия афтодааст. Номи дигар волии араб, ки Дивaштич мактубро ба вай ирсол карда буд, ба осонӣ муайян шуд ва ҳамин ном имкон дод, ки санаи мактуб аниқ карда шавад он соли садуми ҳиҷрӣ, яъне тақрибан солҳои 718-719 мелодӣ мебошад» [76, с. 64]

Ин натиҷаҳо на танҳо ҷиҳати таъйини давраи таърихии Қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар) мусоидат намуданд, балки саҳми арзандае дар фаҳмиши равандҳои сиёсиву иҷтимоии Осиёи Марказӣ дар асри VIII мелодӣ гузоштанд.

Масоҳати қалъа аз шимол ба ҷануб 19,5 метр ва аз ғарб ба шарқ 18,5 метрро ташкил медиҳад. Қисми ҷанубии қалъа бар заминаи сангӣ, аз порчаҳои варақсанги сиёҳ сохта шуда, дар баъзе мавзеъҳо ба баландии се метр мерасад. Қисми шимолӣ бошад, дар замини шағалдор ҷойгир аст. Аз самти шарқ ба девори ҷанубии қалъа девори ҳавлие зам карда шудааст. Ҳавлии қалъа, ки дар канори ҷанубӣ ҷойгир аст, аз ғарб ба шарқ 11 метр, аз ҷануб ба шимол дар канори шарқӣ 60 метр, аз шарқ ба ғарб дар канори шимолӣ 23 метр ва аз шимол ба ҷануб дар канори ғарбӣ 40 метр тӯл дорад [16, с. 65].

Майдончаи болои кӯҳ дар замонҳои гузашта бо девори сангине иҳота шуда буд, ки қалъаро қариб фатҳнопазир мегардонд. Дар ҳамин майдонча харобаи як иморат ба назар мерасад, ки эҳтимолан дуошёна будааст. Ҳангоми оғози ҳафриёти бостоншиносӣ танҳо харобаҳои ошёнаи якум маълум буданд. Ошёнаи якум чор хонаи дарозу борик дошт, ки паҳнои ҳар яке аз 1,9 то 2,25 метр буд ва ин хонаҳо ба дарозии пурраи бино рост меомаданд. Дар тарафи шимоли ин хонаҳо як долони бориктари кундаланге ҷойгир буд, ки ҳамаи чор хонаро ба ҳам мепайваст ва аз он долон даре ба берун кушода мешуд. Таҳкурсии деворҳо аз хишти пухта ва қисми болоии он сардеворҳо аз хишти хом бунёд ёфта буданд. Худи иморат ҳаҷман хурд буда, ҳеҷ гуна зебу ороиш надошт ва як қалъаи муқаррарии дидбонӣ ба шумор мерафт.

Инчунин, ҳангоми ҳафриёт аз ин ёдгории таърихӣ теъдоди 400 ашёи фарҳанги модӣ, мисли пораҳои матоъ, чарм, маснуоти кулолӣ, таҷҳизоти низомӣ (тир ва сипар) ва 6 сикка (як сиккаи нуқра ва боқимонда мис, ки дар мобайнашон сӯрох доранд) ба даст омад. Муқаррар гардид, ки ба шарофати хоки махсуси ин дараи кӯҳӣ асноде, ки дар рӯйи чарм ва коғаз навишта шудаанд, дар хум (сабад) пас аз гузашти сенздаҳ аср комилан ҳифз гардидаанд.

Муҳаққиқон муайян карданд, ки иқлими хушки махсуси дараи кӯҳӣ сабабгори ҳифзи аъло ва бепоёни аснодест, ки рӯйи чарм ва коғаз навишта шудаанд. Ҳатто пас аз гузашти зиёда аз сенздаҳ аср, онҳо дар зери замин тақрибан беосеб боқӣ мондаанд. Ба хусус, сафолот ва ашёи бофташуда, аз қабили сабадҳо, ки боҳунар ва ҳавсалаи беназир офарида шудаанд, диққати зиёдеро ба худ ҷалб мекунанд. Тарзи бофти ин сабадҳо бо бофандагии тоҷикони Помир шабоҳати зиёд дорад.

Ҳамчунин, ашёи чӯбини аз ҳудуди ёдгорӣ дарёфтгардида, аҳаммияти махсус доранд. Масалан, карсону табақҳо, тугмаву сагакҳо, белу қошуқҳо бо маҳорати баланд сохта шудаанд. Яке аз ашёи нодир сандуқчаи чӯбине мебошад, ки бо чарми тунуки сиёҳ рӯйкаш шудааст ва дар сарпӯшаш нақши аҷоиби ситораҳои ҳаштгӯшаи сурх кашида шудааст. Дигар бозёфти нодир сипари чӯбин аст, ки рӯкашаш бо чарм пӯшида шуда, дар рӯйи он тасвири рангини асп ва савори мусаллаҳ нақш зада шудааст. Матоъҳои ёфтшуда асосан аз пахта, абрешим ва пашм мебошанд. Хусусан, сарпушакҳои тӯрии пахтагӣ, ки бофта шудаанд, беназир буда, намунаи беҳамтои санъати тӯрбофии тоҷикон – суғдиҳо мебошанд.

Аз асбобҳои ҷангӣ, ғайр аз сипари ёдшуда (ки эҳтимол сипари ҷангӣ набуда, балки сипари маросимӣ бошад), ғилофи чӯбини ханҷар, пайконҳои оҳанӣ ва тирҳои гуногун низ ба даст омадаанд. Ҳамчунин, ашёи шишагӣ, шаш дона танга ва боқимондаҳои зироат пайдо шудаанд.

Ин бозёфтҳои фаровон аввалин маълумоти муфассал дар бораи хусусиятҳои маданияти моддии суғдиён мебошанд. Бозёфтҳои хаттӣ, ки дар қалъа ёфт шудаанд, боиси он гардиданд, ки ин ёдгории таърихӣ ҳамчун бозёфти беназири давра шинохта шавад. Пас аз кушодани рамзи хаттҳои суғдӣ, маълум шуд, ки ин матнҳо метавонанд дар бораи таърих ва маданияти маънавии суғдиён маълумоти зиёдеро ба гардиши илмӣ пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки бисёре аз деҳаҳои болооби дарёи Зарафшон аз қабили Урметан, Мадм, Вешканд, Кум, Зерobод, Искодар, Дар – Дар, Варз, Дарғ, Похут, Вашан, Вешист ва ғайра то асри VII мелодӣ бо ҳамин номҳо ё бо шаклҳои наздик ба онҳо мавҷуд будаанд. Ин далел аз идомаёбии анъанаҳои маҳаллӣ ва устувории иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи суғдӣ дар тули асрҳо шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр Қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар), ки дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ ҷойгир аст, на танҳо як ёдгории таърихӣ ва маданиии барҷаста, балки як нуқтаи муҳимми стратегӣ ва иқтисодӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим буд. Ин қалъа, ки ҳамчун паноҳгоҳ ва маркази маъмуриву сиёсӣ барои ҳокимони суғдӣ, аз ҷумла Деваштич хизмат кардааст, дар муҳофизат ва идораи минтақаи Панҷакент ва атрофи он нақши калон бозидааст.

Илова бар ин, кашфиёти хаттӣ ва модӣ аз қалъа нишон медиҳанд, ки суғдиён бо дигар халқиятҳо, ба монанди арабҳо, чиниҳо ва туркҳои ғарбӣ робитаҳои сиёсӣ ва тиҷории пойдор доштаанд. Қобили зикр аст, ки то кашфи дастхатҳои суғдии Қалъаи Абаргар мо ягон далели қонеъкунанда дар бораи таъйиди вуҷуди хат ва забони суғдӣ надоштем. Маҳз ҳамин ёдгорӣ имкон дод, то донишмандони муосир тамоми равандҳои муҳимми таърихии асри VIII мелодӣ ва пешравии арабҳоро дар Осиёи Марказӣ ба хубӣ омӯзанд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар) дар масири Роҳи бузурги абрешим на танҳо ҳамчун қалъаи низомӣ ва маъмурӣ, балки ҳамчун маркази ҳаёти иҷтимоӣ,

иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми Суғд нақши беназир ва ҳалкунанда доштааст.

Дар баробари таҳқиқоти зиёди бостоншиносӣ дар ёдгории мазкур, ҳанӯз ҳам масоили ҳифзи он ба таври комил ҳалли худро наёфтааст. Доир ба ин масъала бостоншинос А.Ғ. Пӯлотов чунин менависад: «Ҳифзи ёдгорӣ метавонад ҳамчун омили калидӣ, барои рушди сайёҳии бостоншиносӣ ва кӯҳӣ дар минтақа хизмат намояд. Мавқеъ дар наздикии шоҳроҳи асосӣ, рӯ ба рӯйи манбаи об (оби Тоғмат) ва дар баландии доманакӯҳҳои қаторкӯҳи Зарафшон будан, ин ёдгориро ба объекти ҷолиб ва дастрас барои сайёҳон табдил медиҳад. Осорхонакунонии қалъаи кӯҳи Муғ на танҳо барои тамошобинон ва сайёҳон, балки барои ҷомеаи илмӣ низ аҳаммияти калон дорад» [106, с. 60]. Аз гуфтаҳои А.Ғ. Пӯлотов бармеояд, ки дар ҳақиқат Қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ бо мавқеи хуби ҷуғрофӣ метавонад барои ҷалби сайёҳон хизмат расонад.

**Қалъаи Кум** – масоҳати он 0,888 га-ро ташкил дода, бо ҳудуди муҳофизатӣ 11,113 га-ро фаро мегирад ва дар 6 километрии ҷануби қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ ҷойгир аст (Ҷадвали 10). Ин мавзеъ то ба имрӯз номи таърихии худро ҳифз намудааст ва дар баландиҳои хати шимолии деҳаи имрӯзаи Кум қарор дорад.

Дар нимаи дуюми солҳои 40-ум ва 50-ум А.Ю. Якубовский ва шогирдону кормандони ӯ корҳои бостоншиносиро дар болооби водии Зарафшон идома доданд. Дар тули чанд мавсими саҳроӣ, ҳафриёти қалъаи Кум аз ҷониби бостоншинос Ю. Яқубов гузаронида шуд [126, с. 41]. Ин қалъа бо мавқеи табиии хеле баланд, бартарияти худро дар минтақа таъмин менамуд. Қалъа аз ду қисм иборат буд: қисми баландтар, ки қисмҳои асосӣ дар он қарор доштанд ва қисми пасттар, ки зоҳиран барои ҳавлӣ ва биноҳои хоҷагӣ пешбинӣ гардида буданд.

Кофтуковҳо дар қалъаи Кум аз ҷониби гурӯҳи экспедитсияи «Зарфшон» таҳти роҳбарии Б.Я. Ставиский ва Ю. Яқубов соли 1963 оғоз ёфтанд. Ин корҳои бостоншиносӣ хусусияти иктишофӣ доштанд ва танҳо чанд рӯз идома ёфтанд. Кофтуковҳо дар қисми шарқии бинои № 4, ки соли 1939 аз ҷониби В.Р. Чейлитко кашф шуда буд, сурат гирифтанд [16, с. 51].

Пас аз як таваққуфи нисбатан кӯтоҳ, дар соли 1975 корҳои ҳафриётӣ дар қалъаи Кум аз нав оғоз шуданд. Дар ин ҷо биноҳо дар ду майдончаи кӯҳӣ ҷойгир шудаанд. Дар қисми поёнӣ, эҳтимолан биноҳои хоҷагидорӣ, хизматӣ ва манзилҳои хизматгорон воқеъ буданд, ки то ҳол кофтуковҳо дар он маҳдуд ба гумонаҳои (шурф) иктишофӣ мебошанд. Дар қисми болоии кӯҳ маҷмааи ғании маросимӣ воқеъ аст, ки пурра ҳаффорӣ шудааст. Дар худи қуллаи кӯҳ бинои махсуси даромадгоҳ ҷойгир буда, он бо зинапояи сангин ба даромадгоҳ пайваст аст.

Дар асоси ин биноҳо, сохтмонҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла анборҳо барои нигоҳдории ғалла ва меваҳо кашф шуданд. Дар болои таҳкурсӣ ҳуҷраҳои боҳашамат, ба монанди толори калон, маъбади хонагӣ (монанди манзилҳои ашрофи қадимаи Панҷакент), айвонҳо, роҳравҳо, ҳуҷраҳои истиқоматӣ ва анборҳои хонагӣ бо шумораи умумии зиёда аз 24-то пайдо шудаанд.

Академик Ю. Яқубов қайд менамояд: «Дар натиҷаи корҳои ҳафриётии солҳои 1966-1969, қисми зиёди қалъаи Кум, махсусан дар қисмати шимолӣ (ҳуҷраҳои 4-9) ва ғарбӣ (ҳуҷраҳои 1, 2, 10), инчунин дар марказ (ҳуҷраҳои 3, 12) ҳафриёт гузаронида шуд. Соли 1970 корҳои ҳафриётӣ дар се биное, ки соли 1969 оғоз шуда, пурра ба анҷом нарасида буданд, идома ёфтанд» [127, с. 174]. Биноҳои таҳқиқшуда, таъйиноти гуногун дошта, асосан бо санг ва хишти хом бунёд гардидаанд. Сокинони қалъа ин биноҳоро бо мақсади иқомат ва нигоҳдории анвои хӯрока истифода мебурданд.

Бостоншинос Ю.Яқубов оиди санагузории ёдгории мазкур маълумот дода менависад: «Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ, оғоз ва марҳилаи аввалини сохтмони ёдгории қалъаи Кум ба асрҳои VII-VIII мелодӣ рост меояд. Дар ин ҷо боқимондаҳои қалъа, кӯшк, манзилҳои зист ва анборҳои нигоҳдории маводди ғизоӣ пайдо шуданд. Соли 722, дар пайи ҳуҷуми арабҳо ва бар асари маҷбурии ихроҷ, суғдиён бо раҳбарии Деваштич Панҷакентро тарк намуда, ба ин қалъаи мустаҳкам паноҳ бурданд» [127, с. 185].

Дар деҳаи Кум ҷанги хунин миёни арабҳо ва суғдиён ба вуқуъ пайваст, ки пас аз мағлубият суғдиён ба қалъаи кӯҳи Муғ ақибнишинӣ намуданд. Маълумоти хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ аз қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ имкон медиҳанд, ки вазъи сиёсию низомӣ ва муқовимати қаҳрамононаи мардуми кӯҳистони Суғд ба таври муфассал баён карда шаванд.

Қалъаи Кум, монанди қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ, дар маконе ҷойгир шудааст, ки ба он танҳо тавассути роҳи танг ва пайроҳа дастрасӣ имконпазир аст. Академик Ю. Яқубов менависад: «Андозаи қалъаи Кум имконият фароҳам меовард, ки дар сурати хатари эҳтимолӣ, маҳсулот барои давраи тулонӣ захира шавад. Ғайр аз ин, мавқеи ҷойгиршавии он имкон медод, ки ҳатто бо теъдоди ночизи қувваҳо, қалъа бар зидди душманон муқобилият карда тавонад. Таҳқиқоти минбаъдаи қалъа дар деҳаи Кум, имконият фароҳам хоҳад овард, ки нақши воқеии он дар ҷанги соли 722 ва аҳаммияти стратегии он ба таври дақиқ муайян гардад» [48, с. 165].

Хулоса, Қалъаи Кум яке аз ёдгориҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳангии минтақаи кӯҳистони Суғд дар масири Роҳи бузурги абрешим маҳсуб мешавад. Ин қалъа на танҳо ҳамчун нуқтаи стратегӣ барои ҳимоят ва назорат бар минтақа хизмат мекард, балки дар таҳкими амнияти шоҳроҳ ва рушди тиҷорати байниқитъавӣ нақши муҳим дошт.

Қалъаи Кум дар мавқеи маҳдуди кӯҳистонӣ, қарор дошт, ки танҳо тавассути роҳи танг ва теппаҳо дастрасӣ ба он имконпазир буд. Ин мавқеи табиӣ, қалъаро дар баробари ҳуҷумҳои эҳтимолӣ ва амнияти тиҷоратӣ бо қувваҳои ночиз, муҳофизат карданро мумкин месохт. Мақоми стратегии қалъа имкон медод, ки ҳаракати тоҷирон ва аҳолии минтақа зери назорат ва муҳофизат қарор гирад.

Дар давраҳои гуногуни таърихӣ, ки минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба ҷангҳо ва зӯроварӣ дучор мешуданд, қалъаҳои муҳим мисли Кум ба таври муассир амнияти иқтисодиро таъмин мекарданд. Қалъаи Кум, бо биноҳои мустаҳкам ва анборҳои фаровон, имконият дошт, ки захираҳои молӣ ва ғизоро дар ҳолатҳои зарурӣ нигоҳ дорад ва аз талафоти онҳо пешгирӣ кунад. Ин омил ба рушди устувори иқтисодии минтақа мусоидат мекард.

Ҳамин тавр, Қалъаи Кум ҳамчун ёдгории таърихӣ, яке аз нуқтаҳои калидӣ дар Роҳи бузурги абрешим маҳсуб мешавад. Ҷойгиршавӣ ва тарҳи мустаҳками он имкон додааст, ки нақши муҳим дар ҳифзи роҳҳои тиҷоратӣ, рушди иқтисодии минтақа ва муқовимат дар баробари таҳдидҳои ҳарбӣ бозад. Таҳқиқоти минбаъдаи бостоншиносӣ ва таърихӣ метавонад моҳияти амиқтар ва нақши ин қалъаро дар таърихи Осиёи Марказӣ равшантар созад. Қалъаи Кум то ба имрӯз дар ҳолати қаноатбахши ҳифз қарор дорад, дар ҳоле ки қалъаи Муғ хеле хуб ҳифз шудааст. Ҳар ду ёдгорӣ ҳамчун осори моддии таърихӣ, арзиши баланди илмӣ ва фарҳангӣ дошта, Кум ҳамчун ёдгории бостоншиносӣ намунаи аслии мероси моддии Суғд ба ҳисоб меравад.

**Низоми обёрии Тоқсанкорез** – масоҳаташ 102,038 га-ро ташкил дода, дорои ҳудуди муҳофизатии 147,847 га буда, дар ҳавзаи дарёи Зарафшон, наздикии шаҳри Панҷакент ҷойгир аст (Ҷадвали 11). Ин ёдгории муҳандисии қадимӣ, яке аз намунаҳои нодири низоми сунъии обёрӣ маҳсуб ёфта, то имрӯз дар ҳолати нисбатан хуб боқӣ мондааст.

Низоми обёрии Тоқсанкорез аз шабакаҳои анъанавии корезҳое, ки бештар дар минтақаҳои доманакӯҳӣ сохта мешаванд, фарқ мекунад. Ба ҷои истифода аз наҳрҳо ё обравҳои зеризаминӣ, ин низом як галереяи муҳандисии дохиликӯҳӣ мебошад. Ин тарзи ҷойгиршавӣ имкони интиқоли обро тавассути монеаҳои табиӣ ба минтақаҳои кишоварзӣ фароҳам овардааст.

Низоми обёрии Тоқсанкорез ҳамчун намунаи равшани ҳамоҳангии инсон бо муҳити табиӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, арзёбӣ мегардад. Ин шабака муддати тулонии таърихӣ аз асри VI то асри XII мелодӣ ва ҳатто то солҳои 1930 фаъолона истифода бурда мешуд, ки гувоҳи устувории он ва нақши калидиаш дар рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаи Панҷакент мебошад.

Низоми обёрии Тоқсанкорез, ки ба рӯйхати ёдгориҳои долони Зарафшон – Қароқуми Роҳи бузурги абрешими Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардидааст, бори аввал соли 1947 аз ҷониби бостоншиноси рус О.И. Смирнова ба қайд гирифта шудааст. Ӯ муайян кардааст, ки дар домани конгломерат як корези хурд гузаронида шудааст, ки аз қисмҳои кӯтоҳ иборат аст ва обро аз дарё гирифта, заминҳое, ки дар ғарби канори Моғиёндарё ҷойгир аст, обёрӣ мекунад [113, с. 74].

Бостоншинос У. Эшонқулов дар такя ба маълумоти овардаи О.И. Смирнова менависад: «Мувофиқи маълумоти О.И. Смирнова, Тоқсанкорез аз се қисм иборат аст: қисми ибтидоӣ, ки дар он дарё байни иншооти обкашӣ дар соҳили Моғиёндарё ва корез ҷойгир аст. Он дар масофаи 5 км аз ҷануб ба шимол дар пояи соҳили баланд тул мекашад ва дарозии умумии он 15 км мебошад. Қисми миёнаи корез дар қаъри доманҳои сангии сатҳи соҳили чапи Моғиёндарё канда шудааст. Корезе, ки 8 км дуртар дар қисмати ҷанубу шарқи шаҳри Панҷакент ҷойгир аст, Тоқсанкорез номида мешавад. Қисми ниҳоии он кушода аст ва аз баромади корез оғоз шуда, дар доман то миёнаи сатҳ тӯл мекашад, ки

дар он ҷо ба шохаҳо, таърихан номи Фармитанро дошт тақсим мешавад»[46, с. 132].

Нақшаи вазъияти ҷойгиршавии корезҳо дар маҳал дурустии гузариши чоҳҳоро дар чоркунҷаҳои муайян инъикос намекунад. Соли 2011 Ю. Я. Яқубов муқаррар кардани миқёси ҷойгиршавии GPS-ро барои дохил кардани низоми обёрии Тоқсанкорез ба «Харитаи бостоншиносии болооби водии Зарафшон» анҷом дод [17, с. 107-109]. Дар натиҷа андозаҳои зерин муайян гардид: баландӣ – 1064 м, миқёсҳо ± 6: N 3929130, E 0674327. Бо таъйини миқёсҳо, нақшаҳои таҳқиқоти пешакӣ муайян шуданд, миқёсҳои минтақаҳои ҳифзи ёдгории Тоқсанкорез пешниҳод карда шуданд.

Бо сабаби камбуди таҷҳизоти техникии таҳқиқоти қаблан гузаронидашуда, ки роҳҳои гузариши корезро дар ин қаламрав инъикос намекунанд, қарор қабул гардид, ки ташхиси такрории низоми обёрии Тоқсанкорез бо ҷалби усулҳои бақайдгирии ба мисли GPS гузаронида шавад. Аммо бо сабаби пандемияи COVID-19 ва баста шудани марзҳои давлатҳо, ҳамаи таҳқиқотҳои имконпазир ба роҳ монда нашуданд. Танҳо дар соли 2021 имконият пайдо шуд, ки ҷойгиршавии низоми обёрии Тоқсанкорезро бештар сабт кунанд.

Сафари таҳқиқи марзҳо ва арзёбии техникии ёдгориҳо дар моҳи октябри соли 2021 зарурати муайян кардани ҷойгиршавии ҳамаи чоҳҳои қадимиро инъикос кард, ки аз ҷониби гурӯҳи муҳаққиқон анҷом дода шуд. Дар натиҷа, 22 нуқтаи миқёсии GPS, ки дар харитаи топографӣ нишон дода шудаанд ва нақшаи гузариши корез аз зери замин бо ҷойгиршавии баромади чоҳҳо ба сатҳи замин муайян карда шуд. Дар натиҷа 11 чоҳи корезӣ, ки дар масофаҳои гуногун аз ҳамдигар ҷойгир буданд маълум гашт [74, с. 180].

Бояд қайд кард, ки низоми корезҳо беш аз як аср пеш истифода шуда, фаъолияти худро қатъ карданд, аммо корезҳои зеризаминӣ то имрӯз собит мекунанд, ки об аз болои онҳо гузаронида мешавад. Ҳамин

тариқ, тафтишот ҷойгиршавии дақиқи сохтмони низоми обёрии беназири Тоқсанкорезро тасдиқ кард. Таҳқиқи ҳудуди дақиқи марзҳо имкон дод, ки сарҳадди минтақаҳои муҳофизатӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон муайян ва ҳуҷҷатҳо барои парвандаи номинаӣ, муфассалтар омода карда шаванд.

Бостоншинос Г.Р. Каримова оиди арзёбии техникии ин низоми обёрӣ маълумот дода навиштааст: «Арзёбии техникии низоми обёрии Тоқсанкорез, ки дар ҳудуди ду ҷамоат: Косатарош ва Суҷинаи н. Панҷакент ҷойгир мебошанд, аз ҷониби Н.В. Тӯрақулова ва гурӯҳи муҳаққиқон рӯзҳои 26-28 сентябри 2021 анҷом дода шуд. Маҳз дар ин вақт, тибқи барномаи таҳқиқотӣ, гурӯҳи илмӣ бо истифода аз методологияи муосири илмӣ, андозагирии иловагии GPS-ро барои муайян кардани ҷойгиршавии дақиқи чоҳҳои Тоқсанкорез гузарониданд» [74, с. 177-178].

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъоваришуда, пас аз таҳқиқоти иловагии GPS дар минтақаи Тоқсанкорез, маълум шуд, ки ҷойгиршавии иншооти обёрӣ бо номи Сарсонкорез, ки дар таҳқиқоти пешин ба он диққат дода нашудааст, дар заминаи таҳқиқот муайян карда шудааст. Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, корези обёрӣ бо корези асосии Тоқсанкорез, ки аз давраи қадим истифода мешуд, алоқаманд аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи арзёбии мавқеи ҷойгиршавии дақиқи иншооти Тоқсанкорез ва Сарсонкорез, эҳтимолан, на танҳо дар хатти обёрӣ, балки дар арзёбии эҳтиёҷоти умумии кишоварзӣ дар водии Зарафшон ва маҳалҳои дигар низ аҳаммият доранд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки Тоқсанкорез дар асрҳои миёна барои обёрии заминҳои водии Зарафшон ба таври васеъ истифода бурда мешуд. Корезҳо манбаи асосии оби кишоварзӣ ва полезӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар раванди таҳлил маълум шуд, ки ба ғайр аз Тоқсанкорез боз корези дигаре вуҷуд дошт, ки онро Сарсонкорез меноманд. Инчунин, бостоншинос У. Эшонқулов дар натиҷаи омӯзиши низоми обёрии

болооби водии Зарафшон намунаҳои чанде аз корезҳои дигарро низ номбар кардааст. Масалан, Эшонкорез, Формитанкорез ва ғайра [46, с. 149]. Шояд ин корезҳо заминҳои қисмати чапи соҳили дарёи Зарафшонро обёрӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, водии Зарафшон яке аз долонҳои асосии Роҳи бузурги абрешим ба ҳисоб мерафт, ки тавассути он роҳҳо аз Самарқанд ба сӯи Панҷакент ва минбаъд ба Шарқ мерафтанд. Мавҷудияти низоми обёрии Тоқсанкорез шароити мусоиди ташаккули маҳалҳои аҳолинишин, бозорҳо ва марказҳои тиҷоратиро таъмин менамуд. Бе вуҷуди чунин низоми обёрӣ, мавҷудияти ҳаёти устувор ва рушди тиҷорат дар канори Роҳи бузурги абрешим ғайриимкон буд. Имрӯз низоми обёрии Тоқсанкорез ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми долони Зарафшон – Қароқуми Роҳи бузурги абрешим ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки он на танҳо барои обёрии заминҳо инчунин барои рушди устувори маҳалҳои аҳолинишин ва тиҷорат аҳаммияти калон доштааст.

Низоми обёрии Тоқсанкорез на танҳо ҳамчун як ёдгории муҳандисӣ-обёрӣ, балки ҳамчун пояи муҳимми рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва стратегӣ дар замони шукуфоии Роҳи бузурги абрешим арзёбӣ мегардад. Ин низом бо фароҳам овардани шароити зарурии обёрӣ барои рушди кишоварзӣ, бо мусоидат ба таҳкими маҳалҳои аҳолинишин ва бо фароҳам сохтани замина барои ташаккули равобити тиҷоративу фарҳангӣ нақши калидӣ бозидааст. Мавҷудияти чунин низоми обёрӣ, устувории иқтисодии минтақаи Зарафшонро таъмин намуда, шароити мусоиди пайвастани он ба шабакаи тиҷоратии байналмилалӣ дар доираи Роҳи бузурги абрешимро фароҳам овард.

**Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро** – масоҳати он 0,111 га буда, ҳудуди муҳофизатии он 7,889 га-ро дар бар мегирад. (Ҷадвали 12). Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро 32 км дуртар аз шаҳри Панҷакент,

дар яке аз дараҳои зебоманзари кӯҳсори Зарафшон ҷойгир шуда, яке аз ёдгориҳои меъмории тоҷикон дар асрҳои XII-XIV мелодӣ мебошад. Ин мақбара ба марқади донандаи маъруфи ҳадисҳо ва олими бузург Хоҷа Муҳаммади Башоро (782/783-866 ҳ.қ) тааллуқ дорад. Ҳарчанд мақбара дар минтақаи дурдаст аз доманакӯҳ ҷойгир аст, он дорои хусусиятҳои барҷастаи меъмории давраи Темуриён мебошад. Дар адабиётҳои илмӣ бо пешниҳоди Л.Б. Бретанитский нуқтаи назаре, ки онро мӯътабар ҳисобидаанд, таҳким ёфтааст, ки дар маҷмӯъ ёдгорӣ ба асрҳои XI-XII мелодӣ тааллуқ дорад ва танҳо пештоқи он дар асри XIV мелодӣ илова ё аз нав сохта шудааст [56, с. 357]. Дар тавсифи кӯтоҳи ёдгорӣ, ки аз ҷониби В.Л. Воронина ва К.С. Крюков пешниҳод шудааст, зикр мешавад: «Бино аз толори асосӣ, ду қаноти паҳлуии дароз ва якчанд утоқҳои иловагӣ ташкил ёфтааст» [64, с. 60].

Мақбараи мазкур раванд ва таҳаввули шакли масҷид ба мақбараро таҷассум намуда, яке аз намунаҳои камназири омезиши анъанаҳои меъмории маҳаллӣ бо эътиқод ва урфу одатҳои мардумии минтақа ба ҳисоб меравад. Дар маркази гумбази ёдгорӣ танаи хушкшудаи дарахт дида мешавад, ки нишонаи возеҳи робитаи фарҳангии устувори ин макон бо ҷаҳонбинии анъанавии сокинони маҳаллӣ мебошад.

Хусусияти барҷастаи меъмории мақбара дар пештоқи боҳашамати он таҷассум ёфтааст, ки онро ба яке аз намунаҳои беҳтарини даромадгоҳҳои меъморӣ дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ табдил додааст. Пештоқ аз гаҷҳои кандакоришуда бо унсурҳои ороишии кошинҳои сирдор ва хишти пухта бунёд гардида, дорои таърихи мушаххаси сохтмон мебошад, ки бо хатти мураккаби куфӣ ҳаккокӣ шудааст.

Бар хилофи бисёре аз ёдгориҳои меъмории исломии давраи пас аз истилои муғул дар Мовароуннаҳр, Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро то имрӯз қариб бе дахолати корҳои барқарорсозии замони муосир боқӣ

мондааст. Аз ин рӯ, он намунаи нодири ёдгории мазҳабии ба таври аслӣ ҳифзшуда ба шумор меравад. Ин ёдгорӣ далели возеҳи мавҷудияти ҷамъиятҳои суфия дар минтақаҳои дурдасти деҳотии пасомуғулии Осиёи Марказӣ буда, намунаи равшани бинои мазҳабии ба таври амиқ андешидашуда дар берун аз марказҳои шаҳриро нишон медиҳад. Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро на танҳо як ёдгории муҳим ва қадимӣ, балки намунаи беҳтарини меъмории асрҳои XII-XIV мелодӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Бостошинос Г.Р. Каримова оиди давраи сохтмони бинои мақбара маълумот дода қайд менамояд: «Бинои мақбара дар ду давра сохта шудааст: дар асрҳои IX-XII мелодӣ, қисми мураббаъшакли толори марказӣ бо хонаҳои кунҷӣ, таҳхона-гӯрхона; дар солҳои 1342-1343, даромадгоҳи калони пештоқдор бо кошини ранга. Ороиши асосии тарафҳои чап ва рости даромадгоҳи пештоқ бо кошинкорӣ, ки дар шакли серқирае тарзи кандакории ҳандасӣ бофта шуда, зебу зинат дода шудааст. Рӯйи он бо катибаҳои бо хатти арабӣ навишта пӯшида шудааст» [72, с. 289].

Аз таҳқиқи катибаҳои мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро маълум шуд, ки дар айни ҳол аксари рангнавиштаҳои ин мақбара дар бахши берунии он, аниқтараш дар ду ҷониби даромадгоҳи он боқӣ мондаанд. Албатта, ин маънои онро надорад, ки дохили мақбара рангнавиштаҳо надошт. Масъала ин аст, ки дохили бинои мақбара замони шуравӣ таъмир шуда, аксари рангнавиштаҳои деворҳои он, ки дар болои гаҷ навишта шуда буданд, бо роҳбарии П. Самойлик бо усули хос аз деворҳо ҷудо карда, ба шаҳри Душанбе бурда мешаванд [110, с. 67].

Бостоншинос Г.Р. Каримова менависад: «Бинои мақбара аз се қисм иборат аст: қисми миёна (7,5х7,5 м), ки бо пештоқ ва ду қисмати паҳлуии дароз, ки баландии камтар доранд. Ба назар мерасад, ки қисми миёна нисбат ба ақсоми дигар кӯҳнатар аст ва эҳтимолан, пеш аз иловаҳо як

бинои ҷудогонаи духошӣ бо гунбаз буда, дар оянда ба он иловаҳои дигар шудааст» [72, с. 289]. Аммо дар меъмории асрҳои X-XII мелодӣ чунин сохтмонҳои гунбаздор мақбараҳо ё масҷидҳо дорои тарҳрезии хеле сода буданд: хонаи мураббаъ, ки ё бо нишастгоҳҳои оддӣ ё чор нишастгоҳи васеъшударо дар бар мегирифт. Аммо дар ин ҷо тарҳрезии хеле мураккабтар дида мешавад, ки ба таври аҷибе, ба тарҳи хонаи мураббаъи маҷмааи Чилдухтарони Шаҳристон монанд аст [119, с. 68-69].

Ба толор чор равоқи калон боз мешаванд. Аввалин равоқ қисми сохтори пештоқи даромадгоҳро ташкил медиҳад. Аз чап, толор бо аркаи қаноти шимолу шарқӣ пайваст гардидааст, ки сатҳи аз се утоқи ба ҳам пайваста утоқи миёнаи гумбаздор ва ду канори паҳлуиро, ки бо камарбанди «балхӣ» пӯшида шудаанд, ташкил медиҳад. Зери равоқи пайвандкунанда ду гӯри таърихӣ қарор доранд. Фарши ин қисми бино, инчунин фарше, ки ба даромадгоҳ муқобил аст, нисбатан баланд аз пои толор аст ва утоқҳо аз толор бо панҷараи чӯбӣ ҷудо шудаанд [72, с. 290].

Ду тарафи кунҷҳои калони пештоқдорро сутунҳои аз лой сохташуда оро медиҳанд, ки дар онҳо мутуне бо усули махсус хаттотӣ шудаанд. Яке аз қисмҳои ҷолиби даромадгоҳ навиштаҷот бо ҳуруфоти арабӣ мебошад. Дар охири навиштаҷот санаи сохтмон, яъне соли 741 – и ҳиҷрӣ (солҳои 1342-1343), бо шумораи абҷад чунин сабт гардидааст:

«Ҳар ки моро кунад ба некӣ ёд,

Номаш андар ҷаҳон ба некӣ бод!»

Қисмате ба катибаҳои пештоқи мақбара аз ҷониби муаррих А. Шарифзода хонда шудаанд. Ӯ қайд менамояд, ки яке аз катибаҳои муҳимми мақбараи Муҳаммади Башоро ин катибаи дар ҳошияи пештоқи он ҷойгирбуда мебошад, ки он дар болои гили мунаққаш дар шакли хатти насх ҳаккокӣ шудааст. А. Шарифзода менависад: «Катибаи насхи пештоқ пурра боқӣ намонда, то имрӯз куллан хонда, тарҷума ва натиҷагирӣ карда нашудааст. Мавсуф матни катибаи мазкурро хонда ба

чунин хулоса омадааст, ки мақбараи мазкур барои шахсе сохта шудааст, ки дар роҳи Худо хизматҳои фаровон кардааст» [121, с. 6-9]. Нақшу нигори мақбара бо усули меъмории маҳаллӣ сохта шудааст. Ҳарчанд мақбара таърихи ҳазорсола дорад, вале то ҳол таъмиру тармим нашудааст ва ҳама зебоиҳое, ки дар он вуҷуд дорад, аслӣ ҳастанд.

Ҳуҷраи қисми шимолу шарқӣ даромади ҷудогона аз пешбинои аслӣ дорад ва равзанаҳое, ки ба пештоқи паҳлуӣ мебароянд. Дар ҳар ду тарафи равоқи пайвандкунанда утоққои ёрирасон ва ҳуҷраҳои қисми миёнаи ошёна ҷойгир шудаанд. Даҳлез, ки дар паҳлуи девори пуштӣ аст, толорро бо қаноти ҷанубу ғарбӣ пайваст мекунад. Дар ин қанот хонаи зиёратгоҳи гунбаздори мураббаъ бо меҳроб ва толори гунбаздор дар миёнаи он, ки бо камарбанде, ки сӯрохиҳои он дар тарафҳо ҷойгиранд, мавҷуд аст. Ба намои берунии аслӣ ва паҳлуӣ ду равзан бо монеаи панҷара кушода мешаванд. Фарши ин қисми бино низ баландтар аст. Гунбазҳои ин ва қаноти муқобили он (ҷамъан, се гунбаз) ба шинаҳои шикасташуда такя мекунанд. Ин даҳлез тавассути равзанаи хурде, ки дар пештоқ ҷойгир аст, равшан карда мешавад.

Мақбара намуди хеле ҷолиб дорад. Муҳити дохили бино ба гунаест, ки бинанда зуд дар олами таърихии он давра ғарқ мешавад. Зеро хеле тозаву зебо оро дода шудаасту ороишҳои гаҷии он ба сайри шоҳкориҳои таърихӣ мебарад. Аз даромадгоҳ сар карда дар тамоми ҳуҷраҳо қолинҳои мунаққаш густурда шудааст. Дар маркази бино толори гунбази васеъ ва аз тарафи чап ва рости он чандин ҳуҷраҳои боҳашамат мавҷуданд. Дар толор меҳроби гилӣ бо навиштаҷоти зебои ороишӣ ва хаттотӣ ҷойгир шудааст. Мавҷудияти меҳроб ҳусни ин толорро боз ҳам афзун месозад.

Бино ба маълумоти муаррихон, мақбараи мазкур баъди мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, яке аз қадимтарин ёдгориҳо дар минтақа буда, дар дохили худ на танҳо оромгоҳи Хоҷа Муҳаммади Башоро,

балки пештоқи пурнақшу нигор, сангнавиштаҳо, хона ва ҳуҷраҳои пайдарпай, чиллахона ва қабрҳои шахсиятҳои маъруфи он замонро дар худ ғунҷондааст. Бинои мазкур ба ҷуз аз аҳаммияти фарҳангӣ доштан, инчунин, санъати меъмории гузаштагони моро аз бисёр ҷиҳат рӯшан мекунад ва нишондиҳандаи рушди ҳунарҳои меъморӣ, гаҷкорӣ, катибанависӣ ва хушнависӣ мебошад.

Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро бо сохти меъмории худ диққати сайёҳонро ҷалб кардааст. Зеро ин гуна мақбараҳо дар Осиёи Марказӣ хеле нодир буда дар баробари ин зиёраткунандагони зиёд доранд. Аз ҷиҳати сохтори дохили бино, мақбара бо муҳтаво ва арзишҳои меъморӣ фарқ мекунад. Меҳроби мақбара шакли тоқи нӯгтезро дорад ва бо манзили асосии мақбара пайваст аст. Равоқи меҳроб ҳамчун рамзи шариат ва дин мавқеи муҳим дорад. Ба хусус, кандакории беназир ва хатти куфӣ, ки дар кандакории меҳроб ҷойгир аст, зарфияти аҷиби рамзҳои муҳимми исломиро бо истифода аз рамзҳои исломӣ барои шиносо кардани назарияҳои фарогири исломӣ эҷод мекунад. Мавҷудияти меҳроб дар дохили мақбара исботи он аст, ки бино ҳамчун масҷид бунёд карда шудааст.

Р.С. Муқимов роҷеъ ба аҳаммияти Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро маълумот дода навиштааст: «Аз рӯйи ғановати ороишӣ ва нафосати ҳунарӣ ин ёдгорӣ дар меъмории Осиёи Марказӣ ҳамто надошта, шоҳкори дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Пештоқи мақбараи Муҳаммади Бошоро хусусияти нави меъмории давраи баъд аз ҳуҷуми муғулро инъикос менамояд». [28, с. 318-319].

Ҳамин тавр, Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро дорои аҳаммияти муҳимми таърихӣ ва илмӣ буда барои дарки муҳимтарин масоили меъмории минтақа ва ҷойгоҳи санъати меъморӣ дар силсилаёдгориҳои Роҳи бузурги абрешим сарчашмаи муҳим ҳисобида мешавад.

Илова бар арзиши меъморӣ ва бадеӣ мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро дорои аҳаммияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ мебошад. Мавҷудияти чунин марказҳои мазҳабӣ дар канори роҳҳои байналмилалии тиҷоратӣ ба афзоиши теъдоди зоирон ва мусофирон мусоидат менамуд. Тоҷирон ва мусофироне, ки аз масири Роҳи бузурги абрешим мегузаштанд, дар чунин маконҳо таваққуф намуда, ҳам истироҳат ва ҳам ибодат анҷом медоданд. Ин омил ба густариши муоширати иҷтимоӣ миёни мусофирон ва аҳолии маҳаллӣ мусоидат карда, дар айни замон, барои рушди иқтисоди минтақа низ шароити мусоид фароҳам меовард.

Дар замони муосир мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро ҳамчун бахше аз долони «Зарафшон – Қароқум» ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шудааст. Ин иқдом ба таври расмӣ аҳаммияти ёдгориро ҳамчун шоҳиди зиндаи таърихи гузариш ва табодули арзишҳои фарҳангӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим собит месозад. Эътирофи байналмилалии ЮНЕСКО, далели равшани он аст, ки мақбара на танҳо арзиши миллӣ, балки аҳаммияти ҷаҳонӣ низ дорад. Ин иқдом ба ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ ва фарҳангии байналмилалӣ мусоидат намуда, заминаи навро барои рушди сайёҳии фарҳангӣ, ҳифз ва омӯзиши илмии ёдгорӣ фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, дар зербоби мазкур нуҳ ёдгории таърихию меъморӣ, ки дар ҳудуди болооби водии Зарафшон воқеъ буда, ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидаанд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур ҳар як ёдгорӣ бо дарназардошти замони бунёд, мавқеи ҷуғрофӣ ва натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифт. Ёдгориҳои мазкур на танҳо дорои аҳаммияти минтақавианд, балки ҳамчун шоҳиди равшан ва гувоҳи робитаҳои тамаддунӣ, дар доираи Роҳи бузурги абрешим арзиши умумибашарӣ касб кардаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки ёдгориҳои мавриди баррасӣ, бахши муҳим ва асосии пажуҳиши диссертатсиониро ташкил дода, ба таври муфассал ва ҳаматарафа таҳқиқ шудаанд. Маҳз дар ҳамин зербоб, нуҳ ёдгории ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО воридшуда бо риояи талаботи таҳқиқоти бостоншиносӣ ва методологияи илмӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифта, аҳаммияти таърихию фарҳангии онҳо равшан гардид.

## 2.2. Шаҳракҳои болооби водии Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим ва гурӯҳбандии онҳо

Мавҷудияти маҳалҳо ва дигар навъи сукунатҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим амри табиӣ буд. Аз ҷумла, дар шохае, ки аз болооби водии Зарафшон мегузашт, бостоншиносон нуқтаҳои зиёди аҳолинишин, ба монанди шаҳракҳо, деҳот, калъаҳо, кӯшкҳоро қайду таҳқиқ кардаанд:.

Шаҳракҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷой гирифта, барои рушди тиҷорат мусоидат менамуданд. Шаҳракҳо аз рӯйи гурӯҳбандӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) шаҳракҳои яққисма – аҳолии шаҳракҳои яққисма ба кишоварзию ҳунармандӣ машғул буданд, роҳ ва ё сарҳадро посбонӣ мекарданд, назорати тақсими захираҳои об (нигоҳубини корезҳо), дидбонгоҳҳо ва корвонсаройҳоро ба уҳда доштанд;

2) шаҳракҳои дуқисма – асосан аз дижу шаҳристон ва баъзе онҳо аз дижу қалъа иборат буданд. Ин шаҳракҳо дар масири роҳи корвонгузар қарор дошта, барои рушди тиҷорат ва ҳунармандӣ мусоидат мекарданд;

3) шаҳракҳои сеқисма – аз диж, қалъа ва шаҳристон иборат буданд;

4) шаҳракҳои чорқисма аз диж, шаҳристон, работ ва қабристон иборат буда, аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта буданд ва сокинони он аз рӯйи доройӣ, ба гурӯҳҳо тақсим шуда буданд. Инчунин, маҳсулоти

истеҳсолнамудаи онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба фурӯш бароварда мешуд;

5) шаҳракҳои панҷқисма аз диж, шаҳристон, работ, қабристон ва амлокҳо иборат буданд.

Дар асоси маълумоти харитаи бостоншиносии болооби водии Зарафшон, [16] ки дар он перомуни зиёда аз 100 шаҳрак маълумот оварда шудааст, барои муайян кардани намуди шаҳракҳо чанде аз онҳоро ҳамчун ёдгориҳои намуна таҳлилу баррасӣ намудан бамаврид аст.

**1. Шаҳракҳои якқисма.**

**Қири Носирбой – Қӯрғони Равот.** Шаҳрак дар қисми ҷанубу шарқии деҳаи Роҷ дар теппаи табиии соҳили рости сойи Роҷ дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Амондара воқеъ гардидааст. Ёдгории мазкур бори аввал соли 1947 аз ҷониби О.И. Смирнова ҳангоми корҳои иктишофӣ дар болооби водии Зарафшон ба қайд гирифта шудааст [113, с. 74]. Шаҳрак дар теппае ҷойгир аст, ки он байзашакл буда, андозааш 140х64 м мебошад ва он аз шимол ба ҷануб тул кашидааст. Диж қутри 40 м дошта, чун теппаи баланди мудаввар дар маркази шаҳрак ҷойгир аст ва он 6 м аз минтақаи атроф баландтар мебошад. Диж аз ҳар тараф теппаҳои нобаробари тулкашида дошта, андозаи онҳо аз шимол ба ҷануб тақрибан 200 м ва аз ғарб ба шарқ 70-80 м аст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардидааст, ки шаҳрак аз ду қабати маданӣ иборат аст. Қабати якум ба асрҳои V-VI мелодӣ ва қабати дуюм ба асрҳои VII-VIII мелодӣ тааллуқ доранд. Бо дарназардошти ҷойгиршавӣ, дар масири шарқии водии Зарафшон, ки ҳамеша яке аз бахшҳои фаъоли тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба шумор мерафт, Қири Носирбой метавонист, ҳамчун як маркази миёнаҳаҷм, робитаҳои кишоварзӣ ва тиҷоратро дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ таъмин намояд. Ҳамин тавр, ёдгорӣ аҳаммияти калидӣ барои дарк кардани шабакаҳои тиҷоратии шарқи Зарафшон ва ҷойгоҳи ин минтақа дар низоми умумии иқтисодию фарҳангии ибтидои асримиёнагиро касб

намуда буд. Қайд кардан зарур аст, ки ин ёдгорӣ то ҳол ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Аммо метавон гуфт, ки дар ин шаҳрак мардум ба кишоварзӣ ва ҳунармандӣ машғул буда, инчунин, роҳро низ посбонӣ мекарданд.

**Охтонқӯрғон.** Шаҳраки Охтонқӯрғон дар заминҳои ҷамоати деҳоти Косатарош, 800 метр ҷанубтар аз деҳаи Чорбоғ ҷойгир аст (Ҷадвали 13). Шаҳрак дар ҷойи ҳамвор воқеъ буда, майдони он зиёда аз 1 га-ро ташкил медиҳад. Шаҳраки мазкур соли 1947 аз ҷониби О.И. Смирнова ба қайд гирифта шуда [113, с. 75], соли 1975 дар он бо ташаббуси Ю.Я. Яқубов тадқиқоти бостоншиносӣ гузаронида шудааст [129, с. 572].

Қисми зиёди сатҳи шаҳрак аз ҷониби сокинони маҳаллӣ ҳамвор карда шудааст. Танҳо боқимондаи се бино дар шакли теппаҳои хурд ба назар мерасанд. Дар ибтидо Эшонкорез аз назди шаҳрак мегузашт, дар наздикии теппаи дуюм боқимондаҳои манораи аз хишти хом сохташуда мавҷуд аст, ки он Калтаманор ном дорад ва баландиаш 9 м аст [132, с. 169-170]. Дар натиҷаи корҳои иктишофию таҳқиқотӣ аз ёдгорӣ қисмҳои зарфҳои шишагӣ, зарфҳои таъйиноти обёрӣ бо ранги зард, сафед, зарди равшан ва пораҳои зарфҳои нақшдор дарёфт гардиданд. Омӯзиши сафолпораҳои дарёфтшуда нишон медиҳанд, ки ёдгории мазкур ба асрҳои II-XII мелодӣ мансуб аст. Аз сабаби он ки шаҳракҳои зикршуда мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор нагирифтаанд ва аз чанд қисм иборат будани онҳо то ҳол маълум нест, ҳамин гуна дар зербоби мазкур онҳо шартан ба гурӯҳи шаҳракҳои яққисма дохил карда шудаанд [4-М, с. 247]. Пайдо намудани зарфҳои сафолӣ, шишагӣ ва зарфҳои сирдор аз он шаҳодат медиҳанд, ки аҳолии ин шаҳрак низ ба ҳунармандӣ машғул будаанд. Ҳангоми таҳлили маводи бостоншиносӣ маълум гардид, ки дар канори шаҳрак боқимондаи манора низ мавҷуд будааст. Шояд манора вазифаи дидбонгоҳи роҳҳои тиҷоратиро иҷро мекард, зеро дар водии Зарафшон чунин манораҳо хеле зиёд ба қайд гирифта шудаанд.

**Чимқӯрғон (шаҳрак бо қалъа).** Шаҳраки Чимқӯрғон 500 метр шимолтар аз бинои маъмурии деҳаи Чимқалъаи ҷамоати деҳоти Саразм дар соҳили чапи дарёи Зарафшон ҷойгир аст. Шаҳрак дар нақша қариб росткунҷа буда, андозааш 130х45-35 м аст ва он аз ғарб ба шарқ тул кашидааст. Релефи ёдгорӣ барҷаста аст. Девори ҷанубии он аз хишти хом ва пахса сохта шуда, хуб боқӣ мондааст. Дар се кунҷи шимолу ғарбӣ, ҷанубу ғарбӣ ва ҷанубу шарқӣ боқимондаҳои манора таҳқиқ карда шудаанд [17, с. 271].

Даромадгоҳи шаҳрак дар мобайни девори ҷанубӣ воқеъ аст. Шаҳрак аз се тараф ғарб, ҷануб ва шарқ бо хандақ иҳота шудааст. Дар шимол он бо соҳили ҷарии дарёи Зарафшон ҳамсарҳад аст. Ҳангоми ҳафриёт аз ёдгорӣ миқдори начандон зиёди пораҳои зарфҳои сафолӣ дарёфт гардид. Омӯзиши сафолпораҳо нишон медиҳанд, ки ёдгорӣ ба асрҳои VI-VIII ва IX-XII мелодӣ мансуб аст. Ёдгории мазкур аз ҷониби А. Исҳоқов таҳқиқ гардида, маводди он то ҳол нашр нашудааст [17, с. 273]. Чӣ тавре ки омӯзиши ёдгорӣ нишон медиҳад, шаҳрак бо манора ва хандақ иҳота шудааст ва он шаҳодат медиҳад, ки сокинони шаҳрак барои муҳофизати худ аз ҳамлаи аҷнабиён, дар се тарафи шаҳрак хандақ кандаанд. Мавҷуд будани боқимондаи манора далели он аст, ки шаҳрак дорои дидбонгоҳ буда, сарбозон ба воситаи он аз омадани корвонҳои тиҷоратӣ ва пайдо шудани душман ба ҳоким хабар медоданд.

**Ҷилтегирмон – Бадкампир.** Шаҳрак 1 км дуртар дар қисми ҷанубу ғарбии деҳаи Қирқарча дар соҳили рости дарёчаи Тегермони ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан ҷойгир аст. Ёдгории мазкур дуқабата буда, ҷои аз ҳама баландтарини, он 30 метр аст. [113, с. 78]. Дар корҳои ҷустуҷӯӣ-иктишофӣ аз ҳудуди ёдгорӣ зарфҳои сафолии гуногун пайдо карда шуданд. Гуфтан мумкин аст, ки ин намуд шаҳрак барои тақсим кардани захираҳои оби корезҳои наздик, вазифаи назоратиро иҷро мекард. Дар

натиҷаи омӯзиши сафолпораҳо муайян карда шуд, ки шаҳраки мазкур ба асрҳои X-XII ва XV-XVI мелодӣ тааллуқ дорад.

**Қуйқӯрғон – Қуюк-қурғон.** Бостоншинос О.И. Смирнова оиди мавқеи ҷойгиршавии ёдгорӣ маълумот дода менавсиад: «Шаҳраки Қуйқӯрғон – Қуюк-қурғон (асрҳои XIII-XV ва XVIII мелодӣ), 400 метр дуртар дар қисми шарқии шаҳраки беноми ҳудуди ҷамоати деҳоти Саразм ҷойгир аст. Шаҳрак дар нақша росткунҷа аст ва он аз ҷанубу шарқ ба шимолу ғарб бо андозаи 105х80 м тул кашидааст» [113, с. 76].

Шаҳрак аз се тараф бо деворҳои дифоӣ иҳота карда шудааст, ки аз он то замони мо танҳо хоктеппаи баландиаш 1-м боқӣ мондааст. Дар тарафи шимолу шарқи шаҳрак девори дифоӣ вуҷуд надорад. Ин тарафи шаҳрак бо ҷарии баланди соҳили дарёи Зарафшон иҳота мешавад. Дарвозаи даромадгоҳ дар девори ҷанубу ғарбӣ ҷойгир буда, бо ду манораи аз хишти хом сохташуда истеҳкомбандӣ карда шуда буд.

Ғайр аз ин, чор манораи дигар низ дар кунҷҳои деворҳои шаҳрак сохта шудаанд. Ҳамаи онҳо шакли мудаввар доштанд, ки қутри онҳо дар пояи 4,5-5 м буд. Манораҳо аз хишти хом ва похса сохта шуда, танҳо қисми поёнии онҳо бо сангҳои дарё ва гил мустаҳкам шудаанд. Бояд ёдовар шуд, ки манораҳо асосан ба гунаи дидбонгоҳ барои ҳимояи шаҳрак истифода бурда мешуданд. А.И. Исоқов ҳангоми таҳқиқи ёдгориҳои деҳаҳои Ҷамоати Саразм барои харитаи бостоншиносӣ қайд кардааст: «Шаҳраки Қуйқӯрғон – Қуюк-қурғон маконест барои будубоши тоҷирон» [69, с. 475].

Дар дохили шаҳрак боқимондаҳои ягон бинои бошукӯҳ ёфт нашудааст. Аз рӯйи муқаррарот шаҳраки мазкур дар роҳи асримиёнагии Панҷакенту Самарқанд нақши корвонсаройро иҷро мекард. Чунин таъинот шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат, яке аз шохаҳои Роҳи бузурги абрешим аз болооби водии Зарафшон мегузашт. Корвонсаройҳо барои истироҳат ва хариду фурӯши тоҷирон хизматрасонӣ мекарданд.

## 2. Шаҳракҳои дуқисма

**а) Кӯшк ва деҳистон.**

**Шутуртеппа – Каровултеппа**. Шаҳраки Шутуртеппа ё теппаи Шутурак 200 метр дуртар дар қисмати тамомшавии ҷанубии деҳаи Урта дар теппаи баланди табиии сатҳи сеюми дарёи Зарафшон ва дар соҳили чапи сойи Кирқарча, дар ҳудуди ҷамоати деҳаи Саразм ҷойгир аст (Ҷадвали 14). Шаҳрак аз ду қисм иборат аст: қисмҳои ғарбӣ ва шарқӣ. Ҳарду дар якҷоягӣ 1 га-ро ташкил дода, шакли ҳарфи Г-ро доранд [23, с. 54]. Қабати болоии якум (шарқӣ) ба қабристон табдил ёфтааст, ки он дар байни қисмҳои шарқӣ ва ғарбии шаҳрак ҷойгир аст. Ҳангоми ҳафриёт дар қисмати ғарбӣ боқимондаҳои се ҳуҷраи мувозӣ бо равоқҳо ёфт шуданд, ки ба девори ҷанубӣ пайваст буданд. Ин ҳуҷраҳои таҳқиқшуда шояд дар замони худ вазифаи анборро иҷро мекарданд. Биноҳои кофташуда ба асрҳои VII-VIII мелодӣ тааллуқ доранд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ муайян гардид, ки қабатҳои болоии ёдгории мазкур ба асрҳои VII-VIII мелодӣ ва қабатҳои поёнии он ба асрҳои IV-III то мелод тааллуқ доранд [122, с. 61].

**б) Қароргоҳи ҳокими шаҳрак ё амлокдор.**

**Оқтеппа – Зардчахалифа (шаҳрак)** Шаҳраки Оқтеппа 1 км ғарбтар аз ҳудуди шаҳри Панҷакент, дар ҳудуди деҳаи Чинор ҷойгир аст. Шаҳрак аз ду қисм – диж ва шаҳристон иборат аст.

О.И. Смирнова роҷеъ ба ёдгории мазкур ва қисмҳои он маълумот дода навиштааст: «Диж аз теппаҳои байзашакл иборат аст, ки қутри онҳо тақрибан 40 метр буда, баландии онҳо 20-25 метр аст. Шаҳристон нақшаи росткунҷаи андозаи 60х60 м дошта, он дар қисми шарқи шаҳрак ҷойгир аст. Дар байни диж ва шаҳристон як сойи чуқур мавҷуд аст, ки зоҳиран замоне дар ин ҷо хандақ буд» [113, с. 73]. Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ дар диж ва шаҳристон, як қисми шаҳрак таҳқиқ карда шудааст.

Ҳафриёти тарафи берунии бинои шаҳрак нишон медиҳад, ки дар зери бино девори қадимтаре вуҷуд дорад, ки он ҳангоми сохтмонҳои баъдина низ истифода шудааст. Кушодани қисми берунии деворҳои шарқӣ нишон доданд, ки ин девор замоне бо қаторҳои равзанаи тиркашҳо бо тартиби тахтаи шоҳмот ҷойгир карда шудаанд ва девор аз тарафи шаҳристон мустаҳкам карда шудааст. Дар маҷмуъ, ҳафриёти қалъа ду давраи ҳаётро инъикос мекунад. Муайян карда шуд, ки қалъа дар давраи аввали истиқомат ҳамчун қалъаи як заминдори калон буда, дар давраи дуюм қароргоҳи ҳокими шаҳрак мегардад.

**Шаҳристон.** Ҳангоми ҳафриёт дар қисмати шимолу ғарбии шаҳристон, боқимондаҳои 13 адад бино пайдо карда шуданд. Дар байни биноҳои мазкур, инчунин ду толори намоишӣ ва хобгоҳ кофтуков карда шуданд. Боиси қайд аст, ки онҳо ба таври возеҳ ба биноҳои зист ва биноҳои хоҷагидорӣ тақсим мешаванд. Дар байни онҳо ҳуҷраи II, ки дар қисмати шимолу ғарбии он ҳаммоми ҳаҷмаш 1,75х1,75м пайдо шудааст, он ба ҷойи нигаҳдории май монандӣ дорад. Он аз чор тараф бо деворҳои аз хишти хом сохташуда, иҳота шудааст, ки деворҳои мазкур 25 см паҳноӣ ва 1 м баландӣ доранд. Дар мобайни он сӯрохии хурд бо диаметри 30-40 см ва чуқурии 10-15 см мавҷуд аст, ки барои рехтани шарбати ангур истифода бурда мешуд [70, с. 226]. Дар натиҷаи ҳафриёт аз ёдгорӣ бозёфтҳои гуногун ба даст омаданд.

А.И. Исоқов қайд менамояд: «Ҳангоми ҳафриёт се қабати маданӣ: асрҳои V-VI, асрҳои VII-VIII ва асрҳои IX-XII мелодӣ ошкор гардиданд» [67, с. 566]. Маълум мешавад, ки ёдгории мазкур ба асрҳои V-XII мелодӣ тааллуқ дорад. Таҳлили вазъи иҷтимоии шаҳрак нишон дод, ки он дар аввал ҳамчун маскани истиқоматӣ ва дар охир ҳамчун қароргоҳи ҳоким истифода шудааст. Ҳамчунин, вуҷуд доштани манораҳо, деворҳои муҳофизатӣ бо тиркашҳо ва инчунин, миқдори зиёди хонаҳои

истиқоматӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки шаҳрак барои будубоши ҳокими маҳаллӣ бино шудааст.

3) **Шаҳракҳои сеқисма: ки аз диж, қалъа ва шаҳристон иборат мебошанд.**

**Муғултеппа.** Шаҳраки мазкур дар ҷануби деҳаи Камартош, дар соҳили рости рӯдхонаи хушки сойи Ямонқия, дар сатҳи сеюми дарёи Зарафшон, дар ҳудуди (Собиқ колхози «Ленинград»-и шурои деҳоти Чимқӯрғон) Ҷамоати деҳоти Саразм ҷойгир аст (Ҷадвали 15). Шаҳраки мазкур соли 1947 аз ҷониби О.И. Смирнова ба қайд гирифта шуда [113, с. 72] соли 1981 бостоншинос А. Исҳоқов дар мавзеи ин ёдгорӣ ҳафриёт гузаронидааст. Ҳудуди шаҳрак зиёда аз 3 га-ро дар бар гирифта, аз се қисм: диж, қалъа ва шаҳристон иборат аст [69, с. 475].

Диж дар қисми шарқӣ ва ҷанубу шарқии шаҳрак ҷойгир аст. Ин қисми ёдгориро имрӯз қабристони сокинони деҳаи Камартош ишғол кардааст. Қалъа дар кунҷи ҷанубу ғарбии шаҳрак ҷойгир аст. Аввалин ҳавлӣ бо масоҳати 85х37 м, дар шимолу ғарбии қалъа ҷойгир аст. Деворҳои ин ҳавлӣ каме баланд ҷойгир шуда, дар шакли хоктеппа боқӣ мондаанд. Ҳавлии дуюм васеъ аст, андозаи он 150х30 м мебошад, маълум аст, ки ин шаҳристон аст. Он дар қисмати ғарбии ҳавлии якум ҷойгир аст. Дар кунҷи шимолу ғарбии шаҳристон теппаи мудаввар бо баландии тақрибан 3 метр ва қутри 15 метр ҷойгир аст. Даромадгоҳи шаҳрак аз самти ҷануб буда, он дар байни диж ва қалъа ҷойгир аст [17, с. 273].

Дар қалъа боқимондаи 2 ҳуҷра ҳафриёт карда шудаанд. Деворҳои ҳуҷраҳо бо баландии то 4 метр боқӣ мондаанд. Онҳо аз блокҳои похса бо ду қатор хишти хом сохта шудаанд [69, с. 475]. Гумонаи (шурф) санҷишии дар поёни диж гузошташуда муайян менамояд, ки замоне байни диж ва қалъа, девори дифоии мустаҳкам ва хандақи умқаш 9 м вуҷуд доштааст. Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ аз шаҳрак миқдори зиёди сафолпораҳо пайдо карда шуд. Ёдгории мазкур ба асрҳои VI-VIII

ва XII мелодӣ мансуб аст. Сокинони шаҳрак асосан ба тиҷорат ва ҳунармандӣ машғул буданд. Зеро шаҳрак маркази рушди ҳунармандиву тиҷорат ба шумор меравад.

### 4) Шаҳракҳои чаҳорқисма: қалъа (диж)-и шоҳнишин, шаҳристон, работ ва қабристон

**Шаҳраки Санҷаршоҳ**. Ёдгории аввали асримиёнагии шаҳраки Санҷаршоҳ, 12 км дуртар дар қисмати шарқии шаҳри Панҷакент, дар қисми ҷанубии деҳаи Сӯҷина, дар соҳили рости Моғиёндарё ҷойгир шудааст (Ҷадвали 16). Бори нахуст ин ёдгорӣ соли 1947 аз ҷониби таърихшинос, ва шарқшиноси номии шуравӣ О.И. Смирнова ба қайд гирифта шуда буд [113, с. 71-72]. Вале то соли 2001 дар шаҳрак ҳеҷ гуна ҳафриёти доимии бостоншиносӣ бурда нашудааст.

Дар солҳои 50-70 асри XX мавзеи ёдгорӣ аз ҷониби сокинони маҳаллӣ вайрон карда шуда, дар болои ёдгорӣ боғ бунёд шуда буд. Соли 2008 ҳафриёти бостоншиносии Суғди Шарқӣ, бо ёриву дастгирии ҷамъияти швейтсариягӣ оид ба таҳқиқоти Аврупою Осиёгӣ ва бо дастгирии ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба таҳқиқи ёдгории теппаи Санҷаршоҳи деҳаи Сӯҷинаи шаҳри Панҷакент оғоз намуд. Аз соли 2008 инҷониб бо сарварии бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов дар ёдгории мазкур то ҳол чанд ҳафриёти бостоншиносӣ гузаронида шуд. Ш.Ф. Қурбонов қайд мекунад: «Нахустин пажуҳишҳо дар теппаи қисмати шимолу ғарбии шаҳраки Санҷаршоҳ, оғоз гардидааст. Ҳангоми тадқиқот аз зери хоки таҳшиншуда боқимондаҳои қалъаи дифоӣ ёфта шуд, ки бо хишти хоми қолабӣ бино гардидааст. Баландии то ба имрӯз боқимондаи бурҷи қалъа аз рӯйи фарши бино 6,60 м буда, аз шаҳристон дуртар воқеъ аст» [82, с. 84-85].

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки ду ҳуҷра дар қабати дувуми (ё савум) бурҷ ҷой дошта, аз хишти хоми қолабӣ сохта шудаанд.

Тахмин меравад, ки ин ҳуҷраҳо ҳамчун дидбонгоҳи қалъаи мазкур хидмат мекарданд. Ҳамчунин, дар вақти зарурӣ бошандагони қалъа метавонистанд, ҳангоми ҳамлаи душманони дохилию хориҷӣ, даруни ин ҳуҷраҳо пинҳон шаванд. Ҳангоми ҳафриёт аз дохили ҳуҷраҳои мавҷуда сафолпораҳои бисёре ёфт шуданд ва онҳо исботи онанд, ки дар ин ҳуҷраҳо бошандагони қалъа дар охири асри V ва аввали асри VI мелодӣ муддате зиндагонӣ кардаанд [78, с. 278]. Вуҷуд доштани кӯшк ё бурҷи муҳофизатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки сокинони шаҳрак ба воситаи он тамоми гирду атрофи шаҳрак ва роҳҳои тиҷоратиро назорат намуда, аз хатарҳои беруна ҳокими шаҳракро хабардор мекарданд.

**Муборакшоҳ** – Шаҳраки Муборакшоҳ дар қисми шарқии маҷмаа аз шимолу ғарб ба ҷанубу шарқ мувозии Моғиёндарё шакли номувофиқ ва андозаи 275 х 50-70 м дорад, ҷойгир аст. Ду қисми шаҳрак ба таври возеҳ ҷудо карда мешаванд: 1. теппаи диж аз сатҳи поён 4-6 м баланд; 2. қисми боқимондааш работ, паст (1-2 м) аст.

Теппаи куҳандиз дар ҳамон меҳвари шимолу ғарб ва ҷанубу шарқ тул кашида, андозаи он 80х30 м аст. Дар шимолу ғарб қисми баландтарини он, андозааш 15х15 м аст, ки эҳтимолан кӯшкро ташкил медиҳад. Қисми боқимондаи шаҳрак дар баъзе ҷойҳо ҳамвор, дар баъзе ҷойҳо теппадор аст, боқимонда манзилҳои истиқоматӣ ё маҳаллаҳое мебошанд, ки бо девор иҳота нашудаанд [78, с. 280].

Дар 30 метр ҷануб аз кунҷи ҷанубии шаҳрак чоҳи корези асримиёнагӣ бо қутри 10 метр ва умқи 8 метр ҷойгир аст. Дами чоҳ конусшакл аст, деворҳо дар поён рост мебошанд. Дар деворҳои ҷанубу ғарбӣ ва шимолу шарқии чоҳ, дар чуқурии тақрибан 5 метр аз сатҳи имрӯза сӯрохиҳои нақбҳо, ки дар онҳо об мегузашт, тақрибан 1,2х1,2 м дида мешаванд. Дар болои чоҳ аз тарафи шимолу ғарбӣ боқимондаи манораи посбонӣ бо қутри 4,5 ва баландии тақрибан 6 метр ҷойгир аст.

Дар шимолу ғарбии шаҳрак, дар паси канали обёрӣ, қабристон ҷойгир аст, ки андозаи он 250 метр аз шимолу ғарб ба ҷанубу шарқ, 150 метр аз ҷанубу ғарб ба шимолу шарқ аст. Дар сатҳи қабристон лаҳадҳои зиёд бо деворҳои сангӣ сохта шудааст. Сиккашинос Д. Довудӣ, ки бо ҳамроҳии бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов ба таҳқиқи сиккаҳои аз ёдгорӣ дарёфтшуда машғул шудааст қайд менамояд: «Дар натиҷаи ҳафриёт аз ёдгории мазкур дирҳамҳои пастсифат ки ба солҳои 434, 435 ҳ.қ./1042-44 м тааллуқ доранд, дарёфт карда шуданд» [13, с. 50]. Мувофиқи таҳлили бозёфтҳо, ёдгории Муборакшоҳ ба ибтидои асри оҳан ва охири асрҳои миёна тааллуқ дорад. Таҳлили маводди бостонӣ собит намуданд, ки шаҳрак дар замони худ хеле рушд карда будааст. Пайдо гардидани иншооти таъйиноташон гуногун далели инкишофи шаҳрак мебошанд.

5) **шаҳракҳои панҷқисма – диж, шаҳристон, работ, қабристон ва амлокҳо**

**Панҷакенти қадим.** Панҷакенти қадим яке аз шаҳрҳои маркազии Суғди қадим ба ҳисоб рафта, дар асрҳои V-VIII мелодӣ маркази ташаккули шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат маҳсуб мешуд (Ҷадвали 17). Дар канораи Панҷакенти имрӯза шаҳраки давраи асримиёнагӣ (асрҳои V-VIII) воқеъ гардидааст. Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ёдгорӣ аз соли 1946 то имрӯз идома дорад. Номи Панҷакент дар осори хаттии аввали асри VIII мелодӣ, ишора шудааст. Солҳои 770-780 сокинони Панҷакенти қадим ба ҷойҳои дигар рафтанд. Охири асри VIII ва ибтидои асри IX мелодӣ дини ислом ва забони форсӣ-дарӣ (тоҷикӣ) дар тамоми ҳудуди Суғд паҳн гардид [23, с. 55].

Тоҷирони Панҷакент бо тамоми минтақаҳои гузариши Роҳи бузурги абрешим, ки аз Рум то Чин тул мекашад, тиҷорати корвонӣ доштанд. Суғдиён бо дигар тамаддунҳои бузурги замони худ бо хубӣ ошно буданд. Рассомони суғдӣ дар деворнигораҳои биноҳои зист ва маъмурӣ адабиёт, эҷодиёти халқ, расму оин ва анъанаи суғдиёнро таҷассум кардаанд, ки

дар бораи онҳо то ҳафриёти бостонӣ дар Панҷакенти қадим қариб ҳеҷ маълумот вуҷуд надошт.

Панҷакенти қадим аз чор қисми асосӣ – диж, шаҳристон, работ ва қабристон иборат буд. Омӯзиши зиёда аз 79 солаи ёдгорӣ нишон дод, ки он дар масири яке аз шохаҳои Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буда, маркази асосии ҳунармандӣ ва тиҷорат мебошад.

Хулоса дар натиҷаи омӯзиши шаҳракҳо маълум гардид, ки онҳо ба давраҳои мухталиф тааллуқ доранд. Ҳар як шаҳрак дорои хусусияти ба худ хос мебошад. Ҳангоми таҳлили зербоби мазкур муайян гардид, ки шаҳракҳо вобаста ба давраҳо шаклҳои худро иваз кардаанд. Масалан шаҳраки Шутуртеппа аз ду қисм иборат буда, аз ду қабати маданӣ таркиб ёфтааст, он дар асрҳои VII-VIII мелодӣ хеле обод гардида, баъди аз ҷониби арабҳо забт гаридани Осиёи Марказӣ сокинони он ин маконро тарк намудаанд. Шаҳрак дар масири Роҳи бузурги абрешим, ки як шохаи он аз водии Зарафшон мегузашт, ҷойгир шудааст. Шояд дар замони худ шаҳрак макони истироҳат, барои тоҷирони аз роҳи дур омада буд.

Дигар шаҳраке, ки аз ҷиҳати намуд, аз шаҳракҳои пешин фарқ мекунад, Муғултеппа аст. Шаҳраки мазкур ба асрҳои VII-VIII ва XII мелодӣ мансуб буда, аз 3 қисм: диж, қалъа ва шаҳристон иборат аст. Чӣ тавре ки маълум аст, бо мурури замон шаҳракҳо низ таъиноти худро иваз кардаанд. Шаҳраки Муғултеппа низ дар масири Роҳи бузурги абрешим қарор дошт. Сокинони шаҳрак барои тоҷирон шароити хуб фароҳам оварда, дар ташаккули муносибатҳои тиҷоратии миёни шарқу ғарб мусоидат намудаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тағйирёбии таъйиноти шаҳракҳо аз рӯйи даврабандӣ фарқ мекунад. Масалан, дар асрҳои V-VI мелодӣ шаҳракҳо аз ду қисм иборат буданд ва дар асрҳои VII-VIII мелодӣ баъзе аз онҳо аз се қисм ва баъзеи дигар аз чор қисм иборат буданд. Аз сабаби он, ки аксари ёдгориҳои бостонии болооби водии Зарафшон аз хишти

хом ва похса сохта шуда буданд, то замони мо қисман боқӣ мондаанд [6-М, с. 142]. Моро зарур аст, ки ҷиҳати аз нестшавӣ нигоҳ доштани онҳо чораҳои заруриро андешем.

Ҳамчунин, таҳлили зербоб нишон дод, ки баъзан шаҳракҳо дорои манораи дидбонӣ будаанд. Манораҳои мазкур барои муҳофизати шаҳрак ҳамчун дидбонгоҳ хизмат мекарданд. Дар баъзе аз ёдгориҳо ҳангоми таҳқиқ, нишонаи корезҳо низ пайдо гардид. Ба хубӣ метавон пай бурд, ки сокинони шаҳракҳо барои обёрӣ аз корезҳо васеъ истифода мебурданд. Агар аз ҷиҳати топонимӣ ба масоили мазкур назар афканем, маълум мешавад, ки бисёре аз номи ёдгориҳо омезиши туркӣ доранд [1-М, С. 40]. Аммо ин маънои онро надорад, ки болооби водии Зарафшон макони зисти туркон будааст. Он аз ибтидо сарзамини сукунати мардуми ориёӣ яъне суғдиён буд.

Ҳамин тавр, таҳлили маводди илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон доданд, ки шаҳракҳои болооби водии Зарафшон аз муҳимтарин сарчашмаҳои моддии омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва тамаддуни Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравroutand. Ин ёдгориҳо на танҳо раванди ташаккул ва рушди ҷомеаҳои муқимии минтақа, пайдоишу инкишофи шаҳрнишинӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамоянд, балки нақши калидии водии Зарафшонро ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми долонҳои таърихии Роҳи бузурги абрешим низ собит месозанд. Маҳз тавассути омӯзиши ин ёдгориҳо имкон фароҳам мегардад, ки масъалаҳои вобаста ба робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аҳолии Суғди бостонӣ бо минтақаҳои ҳамсоя, инчунин равандҳои этнофарҳангӣ ва таърихии ташаккули давлатдорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза бо далелҳои нави илмӣ такмил ва собит гарданд.

Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки омӯзиши минбаъдаи шаҳракҳо ва дигар ёдгориҳои бостоншиносии болооби водии Зарафшон яке аз самтҳои муҳимми рушди илми бостоншиносии Тоҷикистон ба шумор

меравад. Таҳқиқоти фарогир ва мунтазами ин ёдгориҳо на танҳо имконияти пурра намудани саҳифаҳои норавшани таърихи халқи тоҷик ва тамаддуни Суғдро фароҳам месозад, балки барои ҳифзи мероси фарҳангии миллӣ, рушди сайёҳии таърихӣ, муаррифии арзишҳои таърихии кишвар дар арсаи байналмилалӣ ва таҳкими заминаҳои илмии идоракунӣ ва ҳифзи мероси бостоншиносӣ низ аҳаммияти муҳим ва дурнамои стратегӣ дорад.

# БОБИ 3. ШАҲРСОЗӢ ДАР МАСИРИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ВА УСУЛҲОИ НАМОИШИ МЕРОСИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ

## 3.1 Таҳлили робитаҳои тиҷоратӣ, ҷойгиршавӣ ва хусусиятҳои меъмории ёдгориҳои бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим

Ҷойгиршавии ёдгориҳои бостоншиносӣ ва шаҳрсозии минтақаҳои гуногун дар давраи мавҷудияти Роҳи бузурги абрешим, яке аз омилҳои асосии ташаккули муҳити таърихию фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Ин роҳ, ки садсолаҳо ҳамчун пул байни Шарқ ва Ғарб хизмат кардааст, дар худ таҷрибаи мураккаби мубодилаи иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро ифода мекунад. Ҳар як нуқтаи аҳолинишин ва маркази тиҷоратии дар канори ин роҳ қарордошта, на танҳо аҳаммияти маҳаллӣ, балки нақши минтақавӣ ва умумибашарӣ дошт. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши мавқеи стратегӣ ва хусусиятҳои ҷойгиршавии чунин марказҳо имконият медиҳанд, ки равандҳои таърихӣ бештар дарк карда шавад.

Ҳангоми таҳлил маълум гардид, ки ҷойгиршавии ёдгориҳо аз омилҳои гуногуни табиӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст. Пеш аз ҳама, мавқеи ҷуғрофӣ ва имконияти дастрасӣ ба роҳҳои асосӣ нақши калидӣ мебозиданд. Масалан, марказҳои аҳолинишин бештар дар водиҳо, назди манбаъҳои об, қуллаҳои табиӣ ва нуқтаҳои ҳимояшаванда ташкил мешуданд, то ки ҳам шароити зиндагии аҳолӣ ва ҳам амнияти роҳҳои тиҷоратӣ таъмин карда шавад. Аз тарафи дигар, шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ низ ба ин раванд таъсир мегузоштанд: марказҳое, ки дар гирди онҳо фаъолияти ҳунармандӣ ва бозаргонӣ рушд мекарданд, хеле зуд ба нуқтаҳои муҳимми минтақа табдил меёфтанд.

Омӯзиши мавқеи стратегӣ ва хусусиятҳои ҷойгиршавии ёдгориҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо равандҳои рушди иқтисодию тиҷоратӣ, балки низоми мураккаби фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар минтақа муайян карда шавад. Масалан, мавҷудияти марказҳои зиёди ҳунармандӣ дар

Панҷакент, Афросиёб ё Бунҷикат нишон медиҳанд, ки ин шаҳрҳо танҳо ҷойи истироҳат ё муҳофизат набуда, балки маркази мубодилаи донишҳои техникӣ ва анъанаҳои меъморӣ маҳсуб меёбанд. Ҳамин тариқ, таҳлили ҷойгиршавӣ на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаи равандҳои фарҳангӣ ва таърихӣ аҳаммияти бузург дорад.

Барои таҳқиқи масъалаи мазкур, истифодаи манбаъҳои гуногун зарур мебошад. Пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ, ки тавассути кофтуковҳои тартибёфтаи илмӣ ба даст меоянд, маълумоти воқей дар бораи сохтор, тарҳи шаҳрсозӣ ва ашёи рӯзгор медиҳанд. Харитаҳои топографӣ ва моделсозии компютерӣ бошанд, имконият медиҳанд, ки ҷойгиршавии воқеии марказҳои аҳолинишин ва роҳҳои алоқамандӣ равшантар тасаввур карда шаванд.

Ба ин тартиб, таҳқиқи ҷойгиршавии ёдгориҳои бостоншиносӣ ва шаҳрсозӣ на танҳо омӯзиши ҷуғрофия ва меъморӣ, балки барқарорсозии тамоми низоми иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии минтақа дар заминаи Роҳи бузурги абрешимро таъмин менамояд. Ин таҳлил ба мо кумак мекунад, то дарк намоем чӣ гуна ҷомеаҳои таърихӣ тавассути робитаҳои мутақобилаи тиҷоратӣ ва фарҳангӣ барои рушди ҳамаҷонибаи худ имконият фароҳам меоварданд.

Робитаҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ, ки асоси ташаккули роҳҳои тиҷоратиро ташкил медоданд, ҳанӯз дар асрҳои VI-V то м. ба вуҷуд омада, дар тули таърих аҳаммияти худро аз даст надодаанд. Маҳз ба шарофати рушди ин шабакаҳо, бахусус Роҳи бузурги абрешим ва шохаҳои васлшавандаи он, ба монанди роҳи Помир – Олой, роҳҳои муҳимми дигаре чун долони Фарғона – Сирдарё, долони Зарафшон – Қароқум, Вахон, Хатлон ва амсоли инҳо ташаккул ёфтанд.

Шабакаи мазкури роҳҳо масирҳои сершумореро фаро мегирифт, ки ҳангоми баррасии онҳо дар заминаи харитаҳои муосир, минтақаҳои

Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Эронро дарбар мегиранд. Роҳҳои мазкур на танҳо заминҳои хушк, балки роҳҳои муҳимми обиро низ дар бар гирифта, боиси ба ҳам пайвастани ҳазорон ёдгории фарҳангӣ гардидаанд.

Дар ҳар як ёдгории бостоншиносӣ метавон осори робитаҳои беруниро мушоҳида кард. Масалан, дар Панҷакент (асрҳои V-VIII мелодӣ), Хуҷанд (асрҳои IX-XII мелодӣ) ва Ҳулбук (асрҳои X-XII мелодӣ) намунаҳои барҷастаи меъмории шаҳрӣ, аз ҷумла марказҳои иҷтимоӣ, масҷидҳо ва ҳаммомҳо, инчунин ашёи рӯзмарра, ки ё ворид шудаанд, ё бо истифода аз технологияҳои хориҷӣ дар маҳал сохта шудаанд, ба назар мерасанд.

Натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ миқдори зиёди ёдгориҳоро ошкор намудаанд, ки далели робитаҳои устувори фарҳангӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Ин робитаҳо боиси ташаккули анъанаҳои муштарак гардида, ҳатто дар соҳаи технология тағйироти ҳамсонро ба вуҷуд овардаанд.

Аз нимаи дуюми соли 2017, мутахассисони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳияи лоиҳаи махсусе шурӯъ намуданд, ки ҳадафи он омодасозии феҳристи ёдгориҳои таърихӣ, ибодатӣ, меъморӣ ва бостоншиносӣ дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад. Дар доираи ин лоиҳа, дар феҳрист ёдгориҳои давлатӣ, сохтмонҳои меъмории ибодатӣ, шаҳрҳо, маҳаллаҳо, қӯрғонҳо, қабристонҳо, маъбадҳо, сангнавиштаҳо ва манзара-ҳои таърихӣ ворид карда мешаванд [20]. Яке аз тамоюлҳои муҳим дар соҳаи ҳифз ва рушди мероси таърихию фарҳангӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ин аст, ки шомилсозии объектҳо ба номинаҳои силсилавии байналмилалии ЮНЕСКО, бахусус ба Феҳристи Мероси ҷаҳонӣ, аҳаммияти муҳим пайдо кардааст.

Дар чаҳорчӯбаи номинаи силсилавии фаромиллии ЮНЕСКО бо унвони «Шоҳроҳи бузурги абрешим», таҳқиқот асосан ба омӯзиши

масирҳои гуногуни ин роҳи таърихии тиҷоратӣ равона шудааст. Аз соли 2014 инҷониб, бахшҳои роҳҳои Чанъан – Тиёншон, Зарафшон – Қароқум ва долони Хуттали қадим ба ин номина ворид гардидаанд. Айни ҳол, таҳқиқот дар самти долони Фарғона – Сирдарё идома дорад.

Лоиҳаҳои силсилавии номинавӣ, ба он қисматҳое, ки барои ворид шудан ба феҳристи мероси ҷаҳонӣ ҳамчун ёдгории алоҳида имконияти камтар доранд, имкони ҳифз ва эътирофи бештар фароҳам месозанд. Ин гуна номинаҳо ба ҳимояи ёдгориҳо аз таъсири манфии эҳтимолии лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ба мисли сохтмони роҳҳо тавассути ҳудуди онҳо, мусоидат менамоянд. Илова бар ин, чунин ташаббусҳо ба таҳияи баёни умумӣ дар бораи арзишҳои мероси фарҳангӣ, ҳамоҳангсозии стратегияҳо, ҷалби маблағгузории иловагӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ замина мегузоранд.

Бо истифода аз таҷрибаи ИБТОМ дар ҳоли ҳозир таҷрибаи муайяни амалӣ дар самти таҳияи номинаҳои силсилавӣ ба даст омадааст. Омилҳои асосии муваффақият дар ин раванд, қабл аз ҳама, таъсиси кумитаи ҳамоҳангсоз иборат аз намояндагони ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ва таъмини маблағгузории якҷояи байналмилалӣ ва миллӣ мебошанд. Илова бар ин, ба имзо расонидани созишносаи расмӣ миёни кишварҳои иштирокдор зарур аст. Дар чунин ҳуҷҷат масъулиятҳои ҳаря як тараф оид ба муҳофизат ва нигоҳдории қисмҳои алоҳидаи номинатсия, ташаббусҳои муштарак барои ҳаллу фасли вазифаҳои умумӣ ва риояи принсипи баробарӣ дар қабули қарорҳо бояд мушаххас гарданд.

Барои татбиқи самараноки ин раванд таъсиси як котибот низ зарур аст, он бояд як сохтори бетарафе бошад, ки дар равандҳои сиёсӣ дахолат надошта бошад ва муҳокимаҳои байни кишварҳои иштирокдоштаро ҳамоҳанг созад. Бо вуҷуди ин, номинаҳои силсилавӣ бо чандин баҳсҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Иштирок надоштан дар ҷаласаҳо, ивазшавии пайвастаи намояндагони мақомоти давлатӣ, кӯшишҳо барои коҳиш

додани шумораи ёдгориҳо дар номинатсия ва эҳтимоли иҷро нашудани уҳдадориҳои гирифташуда аз ҷумлаи мушкилот ба шумор мераванд.

Дар асоси маводҳои бостоншиносӣ хусусиятҳои меъмории ёдгориҳои мутааллиқ ба замони Роҳи бузурги абрешим таҳлил карда мешавад.

## I. Ёдгориҳои бостоншиносии давраи антиқа

Ёдгориҳои бостоншиносии давраи антиқа (асрҳои II то м. – IV мелодӣ) дар ҳудуди болооби водии Зарафшон, ки қисми зиёди он дар шимоли Тоҷикистон ва қисман дар ҳудуди Ӯзбекистон ҷойгир аст, яке аз бахшҳои муҳимми мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ ва равандҳои муоширати байниқавмии ин минтақа ба ҳисоб меравад. Ин фарҳанг асосан тавассути ёдгориҳои қабристонии марбут ба қавмҳои кӯчӣ муаррифӣ мешаванд, ки дар шароити таърихии муҳоҷирати онҳо ба ин минтақа ташаккул ёфтааст.

Яке аз намудҳои асосии ёдгориҳои давраи антиқа қабристонҳои боқимонда аз замони Кушониён мебошанд, ки дар шакли қӯрғонҳо, дар минтақаи кӯҳистонии Зарафшон ҷойгиранд. Муҳимтарини онҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва муҳтавои фарҳангӣ гӯристонҳои Сӯҷина ва Зосун маҳсуб мешаванд. Дар баробари ин, дар ҳудуди Тоҷикистон чандин қӯрғонҳо боқӣ мондаанд, ки ба давраи аввали асри оҳан ва марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ мансубанд.

Масалан, дар гӯристони Сӯҷина бо истифода аз усулҳои бостоншиносии муосир, ашёҳои гуногун аз қабили зарфҳои сафолӣ, силоҳ, пайконҳо, ороишот ва камарбандҳои филизии кандакоришуда ошкор гардидаанд [23, с. 102]. Таҳлили ин мавод далели робитаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии байни қавмҳои кӯчӣ ва муқимии минтақа мебошад. Ҳамзамон, унсурҳои муҳандисии сохти гӯрҳо нишон медиҳанд,

ки ин макон ба табақаҳои баланди иҷтимоӣ, эҳтимолан ба ашрофони кушонӣ мансуб будааст.

Албатта, дар водии Зарафшон ба ғайр аз қӯрғони Сӯҷина дигар қӯрғонҳо низ ба қайд гирифта, омӯхта шудаанд. Яке аз онҳо Қӯрғони Зосун, ки дар ҳудуди деҳаи Зосуни н. Айнӣ воқеъ аст, мебошад. Ин ёдгорӣ соли 1948 аз ҷониби О.И. Смирнова ба қайд гирифта шудааст. Соли 1953 дар қӯрғони мазкур бостоншинос А.М. Манделштам 23 қабрро ҳаффорӣ намуд. Ӯ се қабати болоии қабрҳоро аз рӯйи бозёфтҳо, мутаносибан ба асрҳои X-XII мелодӣ мансуб донист. Дар қабатҳои поёнии қабрҳо зарфҳои сафолӣ аз ҷумла хумҳои мутааллиқ ба асрҳои VII-IX мелодӣ ва замони кушонӣ пайдо гардиданд [90, с. 58]. Ашёҳои ёфтшуда, аз қӯрғон ба монанди шишаҳои нақшдори ороишӣ ва косаҳои шишагин, робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангии устуворро миёни Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик дар ин давра тасдиқ мекунанд.

Қавмҳои кӯчии давраи антиқа бо тарзи зиндагии сайёр, тартиби иҷтимоии мустақил ва қобилияти мутобиқшавӣ ба муҳити гуногун, дар ташаккули фарҳанги маҳаллии болооби водии Зарафшон саҳми назаррас гузоштаанд. Онҳо бо худ анъанаҳои махсуси меъморӣ, ҳунармандӣ ва низоми тиҷоратиро ворид намуданд, ки бо ҷомеаҳои муқимии деҳқонӣ дар ҳамбастагӣ қарор гирифтаанд. Баръакс, мардуми таҳҷоии водии Зарафшон дар равандҳои шаҳрсозӣ ва ташаккули марказҳои аҳолинишин нақши калидӣ доштанд.

Бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов роҷеъ ба зарфҳои сафолии замони антиқа маълумот дода навиштааст: «Дар асрҳои I-IV мелодӣ дар болооби водии Зарафшон, равандҳои ташаккул ва рушди шаклҳои маҳаллии зарфҳои сафолӣ мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, ҷомҳои баландпояи намуди Сӯҷина ва зарфҳои хӯроки дастисоз бо лаби аз нав тармимшуда дар чархи кулолгарӣ, ки аз ёдгории қалъачаи Тали Хамтӯда дарёфт шудаанд, намунаи ин раванд мебошанд» [23, с. 77]. Дар

қатори онҳо, инчунин намунаҳои эллинистии кӯҳна бо ангоби сурх, ки дар қабатҳои поёнии ёдгориҳо ба мушоҳида мерасанд, аз рушди фарҳанги омехтаи маҳалливу берунӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар Тали Хамтӯда намунаи барҷастаи ҳамгироии ҳунари касбӣ ва дастисози хонагӣ мутааллиқ ба асрҳои I-IV мелодӣ сабт гардидааст. Зарфҳоро афроде истеҳсол мекарданд, ки танҳо қисман ба ҳунари кулолгарӣ машғул буданд. То ба имрӯз, чунин ҳолати ҳамзистии ду шакли истеҳсол дар ин давра бори аввал мушаххас шудааст [23, с. 77]. Ба ғайр аз ёдгориҳои дар боло зикргардида, инчунин деҳкадаҳои Холиқназар, қалъаи Нофин, Databases Сародор ва дигар ёдгориҳо аз ҷониби бостоншиносон омӯхта шудааст, ки онҳо низ дорои аҳаммияти таърихӣ мебошанд.

Маданияти бостоншиносии давраи антиқа дар болооби водии Зарафшон, ҳамчун намунаи барҷастаи робитаҳои байниқавмӣ, шаклгирии фарҳанги омехта ва ҳамзистии қавмҳои кӯчиву муқимӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ин минтақа имкон медиҳанд, то равандҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ин давра, на танҳо аз рӯйи ёдгориҳо, балки тавассути таҳлили шаклҳои дафн, сафолпораҳои ёфтшуда воситаҳои рӯзгор ва сохтори иҷтимоӣ баррасӣ шаванд. Дар оянда, идомаи ин таҳқиқот ва ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ метавонад боз ҳам паҳлуҳои ношинохтаи бештари таъриху фарҳанги болооби водии Зарафшонро равшан намояд.

**II. Ибтидои асрҳои миёна (**асрҳои V-VII мелодӣ**)**

Дар охири солҳои 20-уми асри VII мелодӣ вазъи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ шакл гирифта, тавассути сайёҳи маъруфи чинӣ Сюан Сзян, ки соли 630 аз ин минтақа ба Ҳинд сафар намудааст, ба таври муфассал тавсиф ёфтааст. Ба ақидаи ӯ, тамоми хоки васеи аз Суяб то Кеш ва то «Дарвозаҳои оҳанин» ҳамчун Сули ё Суғд шинохта мешуд, ки ин номгузорӣ ба забон ва сокинони ин минтақа ишора мекунад. Сюан Сзян

қаламрави Суғдро ҳамчун минтақаи фарох бо аҳолии пурҷамъият ва шаҳрҳои равнақёфтаи ҳунармандиву тиҷоратӣ, ки дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буданд, тасвир мекунад. Дар ин давра, ҳарчанд шаҳрҳои зиёде бо ҳокимони маҳаллӣ мавҷуд буданд, онҳо зери назорати умумии туркҳо қарор доштанд. Маълумоти Сюан Сзян шаҳодат медиҳад, ки раванди суст гардидани ҳокимияти марказӣ, яъне фосила гирифтани ҳокимият аз марказ, шиддат ёфта буд ва марказҳои маҳаллӣ нақши бештаре дар идоракунии минтақа бозӣ мекарданд [18, с. 45].

Дар ин давра Роҳи бузурги абрешим ба як роҳи муҳимми ҳамлу нақли тиҷоратӣ табдил ёфта буд, ки асосан дар дасти тоҷирони тоҷиктабор қарор дошт. Абрешими истеҳсолшуда дар Осиёи Марказӣ, ки дар бозорҳои Руми Шарқӣ ва кишварҳои Ғарб талаботи зиёд дошт, тавассути Эрони Сосонӣ ба он ҷо интиқол дода мешуд. Суғдиён, ки дар асри V-и мелодӣ ба тавлиди абрешим оғоз карда буданд, барои барқарорсозии равобити тиҷоратӣ бо Эрон, ки пас аз тақсими мероси ҳайтолиҳо қатъ гардида буд ва инчунин, барои барқарор кардани робитаи мустақим бо Руми Шарқӣ манфиатдор буданд.

Таҳқиқоти бостоншиносӣ ва манбаъҳои хаттӣ нишон медиҳанд, ки дар ибтидои асрҳои миёна дар манотиқи Суғд, Хоразм, Марв, Тахористон, Уструшан (Истаравшан), Фарғона, Чоч, Ҳафтрӯд ва дигар минтақаҳои эронизабони Осиёи Марказӣ шумораи зиёди шаҳрҳо вуҷуд доштанд. Ҳарчанд шумораи дақиқи онҳо маълум нест, аммо таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бисёре аз шаҳрҳое, ки дар асрҳои IX-XII мелодӣ вуҷуд доштанд, дар асрҳои IV-VIII мелодӣ бунёд гардида буданд. Марказҳои муҳимми шаҳрӣ, чун Балх, Заранҷ, Марв, Нишопур, Самарқанд, Хуҷанд, Бунҷикат ва ғайра дорои майдонҳои васеъ ва сохтори мураккаб буданд, ки аз диж, шаҳристон, работ ва қабристон иборат буданд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти амиқи бостоншиносӣ дар баъзе

марказҳои таърихии муҳим, аз ҷумла дар Балх, Марв, Самарқанд ва Ахсикат, то ҳол ба таври кофӣ анҷом дода нашудааст.

Вазъи мураккаби сиёсии асрҳои миёна, таҳдидҳои пайвастаи ҳамла аз ҷониби қабилаҳои кучманчӣ ва низоъҳои дохилӣ дар давлатҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳокимонро водор сохтанд, ки барои ҳифзи минтақаҳои муҳимми аҳолинишин ва обёришаванда чораҳои дифоӣ андешанд. Аз ҷумла, ин тадбирҳо сохтани деворҳои дифоӣ ва бастани роҳҳои муҳимми воридотиро дар бар мегирифтанд.

Яке аз вилоятҳои пурқудрати Суғд шаҳри Бухоро, ки дар баробари ҳуҷуми васеи қабилаҳои саҳронишин монеаҳои табиии дифоӣ надошт, дар асрҳои V-VI мелодӣ бо девори бузурги дифоӣ иҳота гардида буд. Ин девор, ки дарозии он тақрибан 350 км буд, аз ду хатти мувозии деворҳои похсагӣ бо ғафсии 3-4 м ташкил ёфта, дар байни онҳо долони 4-6-метра аз гилу хоки регдор ҷойгир буд. Ғафсии умумии девор дар қисми таҳкурсиаш ба 12-14 м мерасид [104, с. 11-30; 99, с. 46-50; 98, с. 82-83; 97, с. 21-24].

Дар ҳавзаи Самарқанд низ низоми муҳофизатии монанд вуҷуд дошт. Девори дифоии атрофи Самарқанд бо номи «Девори Қиёмат» [93, с. 157-160; 95, с. 28; 100, с. 131-135; 57, с. 123; 117, с. 86-90] машҳур аст, дар асрҳои миёна бо ғафсии то 12 м сохта шуда, дарозии он ба 120 км мерасид. Ҳамчунин, дар масофаи 22 км шарқтар аз шаҳри Панҷакент, дар гузаргоҳи танги водии Зарафшон, девори дигари муҳофизатӣ бо дарозии 2,5 км сохта шуда буд. Ин девор роҳеро, ки аз Панҷакент ба Фалғар мерафт, муҳофизат мекард [113, с. 72]. Бостоншиносон таҳти роҳбарии У. Эшонқулов муайян намуданд, ки ин девор низ аз масолеҳи маҳаллии похса бунёд ёфта, дар тарафи ғарбии он хати хандақи 12 м паҳноӣ ва 3 м умқ ҷойгир буд [125, с. 150-152]. Ба ин монанд дар водии Фарғона низ деворҳои дифоие, ки аз сангҳои калон сохта шудаанд, маълуманд. Онҳо вазифаи муҳофизати хатти дифоии Конибодоми

қадимиро аз ҳамлаҳои қабилаҳои кӯчии ғарбӣ иҷро мекарданд [112, с. 89]. Илова бар ин, осори деворҳои қадимӣ дар минтақаҳои Нурато ва Шаҳрисабзу Китоб, ки ба водии Кеш дохил мешаванд, низ ба назар мерасанд [99, с. 46].

А.Р. Муҳаммадҷонов менависад: «Дар атрофи манбаъҳои асосии обёрӣ дар воҳаи Панҷакент низ боқимондаҳои чунин қалъаҳо ва нуқтаҳои назорати низомӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, яке аз иншооти бузурги дифоие, ки барои нигоҳдории инфрасохтори обёрии Суғди марказӣ сохта шудааст, қалъаи Варағсар мебошад. Он беш аз 15 аср барои муҳофизати сарбанди наҳри Дарғом хизмат кардааст» [96, с. 108-110].

Яке аз талаботи муҳим ва зарурии муносибатҳои тиҷоратӣ дар Осиёи Миёнаи асримиёнагӣ ин маконҳои баргузории корҳои савдоӣ, яъне бозорҳо буданд. Бозорҳо дар ҳама шаҳрҳои асосӣ ва инчунин дар маҳалҳои калонтарини минтақа мавҷуд буданд. Ин бозорҳо бештар дар канори деворҳои шаҳрӣ ҳам дар дохили шаҳристонҳо ва ҳам дар берун аз онҳо қарор гирифта буданд. О.И. Смирнова оиди ин масъала маълумот дода навиштааст: «Ғайр аз бозорҳои бузург, бозорҳои хурд ва дигар намуди сохторҳои тиҷоратӣ низ дар ҷойҳои серодам ва марказҳои аҳолинишини шаҳрҳо мавҷуд буданд. Тимҳо (бозорҳои пӯшида) ва пассажҳо (бозорҳо барои тиҷорати матоъҳо) аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мерафтанд. Дар баъзе тимҳо, ки ҷойи истиқомат барои тоҷирон, анборҳои мол ва савдои яклухт доштанд, барои фаъолиятҳои тиҷоратии маҳсулоти гуногун шароити мусоиди тиҷоратӣ фароҳам оварда мешуд» [38, с. 133-134].

Маълумоти бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар Панҷакенти қадим бозори хурде бо растаҳои тиҷоратӣ, дӯконҳо ва устохонаҳо мавҷуд буда, дар дохили шаҳристон ҷойгир шудааст. Дар ин бозор миқдори зиёди пулҳои биринҷӣ, ки аз даврони бозорсозии шаҳр боқӣ монда буданд, пайдо гардиданд.

Тиҷорати фаъол байни аҳолии зироаткор, аз ҷумла суғдиён, фарғониён, хоразмиён, бохтариён ва хуросониён, бо кӯчиёни даштҳои атроф дар асрҳои миёна идома дошт. Марказҳои асосии тиҷорат ва муомила бо кӯчиёни туркҳои шимолӣ дар шаҳрҳои марзии минтақа, чун Сайроб, Утрор, Тироз ва ғ. қарор доштанд. Ярмаркаҳои мавсимӣ, ки дар минтақаҳои наздимарзӣ ташкил мегардиданд, нақши муҳимми тиҷоратиро иҷро мекарданд. Аз чунин нуқтаҳо деҳаи Навчакат дар Исфиҷоб (Исфанҷоб) буд, ки дар ҳудуди онҳо ҳар сол чор маротиба бозор баргузор мешуд ва дар он ҷо гӯшт аз ҳайвонҳои захмишуда низ дар баробари дигар маҳсулот фурӯхта мешуд [38, с. 146-147].

Дар тиҷорати байни Осиёи Марказӣ ва даштҳои атроф, матоъҳо ва маҳсулоти ҳунармандию зироаткорӣ нақши муҳим мебозиданд. Ба ивази ин маҳсулотҳо, туркҳои шимолӣ минтақаи Осиёи Марказиро бо чорво, пашм, пӯст ва дигар маҳсулоти табиӣ, ки барои истеҳсоли ҳунарҳои дастӣ истифода мешуданд, таъмин мекарданд.

Тиҷорати байналмилалӣ дар ҳаёти иқтисодии Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозидааст, ки ин ба шарофати Роҳи бузурги абрешим имконпазир гашта, Шарқро бо Ғарб мепайваст. Роҳи бузурги абрешим аз Шарқ ба Ғарб аз Марв оғоз шуда, тавассути гузаргоҳи Омударёи Омул ба шаҳрҳои Пайканд, Бухоро, Кармина, Рабинҷон ва Иштехон мегузашт. Аз ин ҷо ду роҳ ба Хитой мерафтанд: яке тавассути Уструшан, Хуҷанд, Фарғона ва Қошғар, дигаре аз Чоч ва Ҳафтрӯд мегузашт. Аз шоҳроҳи асосӣ чандин роҳҳои маҳаллӣ берун омада, шаҳру деҳотҳоро бо ҳам пайваст мекарданд. Яке аз ин роҳҳо аз Самарқанд ба Панҷакент мерафт ва сипас тавассути болооби водии Зарафшон, Бунҷикат, Истаравшан (Уструшан), Хуҷанд ба шоҳроҳи асосӣ - Роҳи бузурги абрешим пайваст мешуд [71, с. 22-23].

Шаҳри Самарқанд дар тиҷорати оғози асрҳои миёна нақши муҳимми стратегӣ ва иқтисодӣ дошт. Дарвозаҳои шарқии ин шаҳр, ки бо

номи «Дарвозаи Чин» маъруф буда, маркази муҳимми тиҷорат бо империяи Чин ба ҳисоб мерафтанд. Солномаҳои чинӣ таъриф мекунанд, ки корвони тоҷирони суғдӣ ба Чин омада буданд ва ҷопониҳо, ки зиёраткунандагон буданд, онҳоро бо шавқ назар мекарданд, зеро барои онҳо ин падидаи нодир ва аҷиб буд. Шумораи зиёде аз суғдиён ва тахористониҳо, ки асосан фаъолияти тиҷоратӣ доштанд, дар пойтахти ғарбии Чин шаҳри Чанъан ва ҳамчунин дар Лянчжоу, ки дар масири куҳнаи роҳи корвонгузаре, дар қисми ғарбии Осиёи Марказӣ қарор дошт, зиндагӣ мекарданд [44, с. 37-39].

Дар муомилоти тиҷоратӣ бо Чин тоҷирони суғдӣ дар тамоми Осиёи Марказӣ нақши муҳимро иҷро мекарданд. Дар ин қисмати Роҳи бузурги абрешим, забони суғдӣ забони асосии тиҷорат, муомилоти корӣ ва муоширати ба ҳисоб мерафт. Пайдоиши маҳалҳои зиёди суғдӣ дар Осиёи Марказӣ, дар роҳҳои корвонгузар аз ин шаҳодат медиҳад. Тоҷирони суғдӣ дар миёни чиниҳо обрӯйи баланд доштанд, яке аз онҳо ҳатто ба мақоми ҳокими вилояти Аннам таъин шуда буд [44, с. 24]. Як мансабдори дигари чинӣ, ки ба император Ли Линфу наздик буд, Ракшан (номи суғдии Рахшан маънояш равшан, дурахшон) аз насли омехтаи суғдӣ ва чинӣ буд [44, с. 22].

Бояд тазаккур дод, ки барои густариши робитаҳои тиҷоратии миёни Шарқу Ғарб дар асрҳои миёна корвонсаройҳо низ нақши муҳим доштанд. Онҳо ҳамчун истгоҳҳои мустаҳками тиҷоратӣ хизмат намуда, нақши муҳимми хизматрасонӣ ва зерсохтиро иҷро мекарданд. Ин сохторҳо бо сармояи гурӯҳҳои тоҷирон нигоҳ дошта мешуданд ва шароити зистро барои тоҷирон, хидматгорон ва нигоҳдории чорвои боркаш (шутур, асп) ва молҳои савдоӣ фароҳам месохт. Истахрӣ дар бораи як намунаи маъруфи корвонсаройи мавҷуд дар Суғд маълумот дода, қайд мекунад, ки дари он беш аз сад сол баста нашуда будааст ва

иқтидори ҷойгир кардани 200 тоҷир, хидматгорон ва молҳо, инчунин, аспҳо ва чорвои боркашро дошт [18, с. 126].

Корвонсаройҳо дар роҳҳои асосии тиҷоратӣ сохта мешуданд, ки фосилаашон тахминан 30 км-ро ташкил медод. Ин масофаро корвонҳои тиҷоратӣ дар як рӯз тай мекарданд. Сафаркунандагон ва корвонҳо, вақте ки дар ин ҷо қарор мегирифтанд, метавонстанд амнияти худ ва молҳои худро аз ғоратгарону роҳзанон таъмин кунанд. Корвонсаройҳо, одатан шакли росткунҷа ва даромадгоҳҳои маҳдуд доштанд. Дар корвонсаройҳо, инчунин, тирезаҳо насб намешуд, то барои воридшавии душманон ба дохили бино монеа эҷод кунад. Дар дохили сохтмонҳо, одатан чоҳҳо барои сафаркунандагон ва ҳайвонот вуҷуд дошт.

Корвонсаройҳо, одатан, якошёна ё дуошёна буданд. Ошёнаи якум барои анбор ва оғили ҳайвонот пешбинӣ гардида, ошёнаи дуюм ба ҳуҷраҳои истиқоматии сафаркунандагон ихтисос ёфта буд. Сохтмони корвонсаройҳо минбаъд низ аз асрҳои IX то XVI мелодӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим идома ёфт ва пас аз байн рафтани он, эҳтиёҷот ба сохтмони чунин биноҳо тадриҷан аз байн рафт. Зеро бо кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ва кушодашавии роҳҳои баҳрӣ ин роҳ аҳаммияти худро гум кард.

Корвонсарой барои сафаркунандагон, на танҳо паноҳгоҳ, балки ҳамчун макон барои мубодилаи ахбору афкор ва мулоқот бо тоҷирони кишварҳои гуногун хизмат мекард. Дар бисёр мавридҳо, дар ин ҷо шартномаҳои тиҷоратӣ низ баста мешуданд. Дар дохили бисёре аз чунин корвонсаройҳо чойхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, беморхонаҳо ва дигар ҳуҷраҳои хизматӣ вуҷуд дошт.

Г.Р. Каримова доир ба корвонсаройҳо маълумот дода навиштааст: «Дар байни ёдгориҳои зиёди долони Зарафшон, корвонсаройҳои мустақил ба қайд гирифта нашудаанд. Вале бо дарназардошти он, ки масирҳои тиҷоратӣ хуб маълуманд, метавон тахмин кард, ки сохтмон бо

нақшаи монанди шона дар қалъаи Абаргар, ки дар кӯҳи Муғ ҷойгир аст, эҳтимолан, вазифаи корвонсаройро иҷро мекард» [75, с. 39-41]. (Ҷадвали 18)

Миқдори зиёди роҳҳои маҳаллӣ, ки ба Роҳи бузурги абрешим пайваст мешуданд, аз шаҳрҳо ва деҳоти кӯҳистони Суғд мегузаштанд. Деҳкадаҳои кӯҳистони Суғд низ дар рушди тиҷорат ва ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии водии Зарафшон саҳми бориз доштанд. Зеро миқдори зиёди аҳолии кӯҳистон маҳз дар деҳкадаҳо ва шаҳракҳо умр ба сар мебурданд. Тибқи маълумоти маҷуда, ҳамаи шаҳраку деҳотҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ, ки кашф шудаанд, ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд.

Ба гурӯҳи аввал кӯшкҳои мустақил ва мустаҳкам дохил мешаванд, ки намунаи онҳо Қалъаи Абаргари кӯҳи Муғ мутааллиқи асрҳои VII-VIII мелодӣ мебошад. Ин қалъаи дурдаст (12,50х18,50 м) буда, аз панҷ ҳуҷраи равоқпӯш ташкил ёфтааст. Қалъа ду ошёна дошт: ҳуҷраҳои ошёнаи аввал ба фаъолияти хоҷагӣ ва хадамотӣ истифода мешуданд ва ҳуҷраҳои ошёнаи дуюм барои истиқомату зиндагии ҳаррӯза истифода мешуданд. Пайванд байни ошёнаҳои аввал ва дуюм эҳтимолан, тавассути зиннапояҳои чӯбӣ амалӣ мегардид.

Дар поёни қисмати шимолу шарқии қалъа, ки эҳтимолан сокинон обро аз дарёи Зарафшон мегирифтанд, оғилҳои махсус барои нигоҳдорӣ ва парвариши чорво ёфт шудаанд. Ба ҳамин гурӯҳ ёдгориҳое, ба монанди Қалъаи Мирон, Қалъаи Филмандар, Қаровулато, Куҷраҳа, Хирманҷо ва дигар ёдгориҳои дар ҳавзаи Моғиёндарё кашфшуда дохил мешаванд [17] (Ҷадвали 20).

Ба гурӯҳи дуюм деҳкадаҳои дубахша (кӯшк ва деҳистон), ба монанди Ботуртеппа, ки ба асрҳои VII-VIII ва XI-XII мелодӣ тааллуқ доранд, дохил мешаванд. Ботуртеппа 4-5 км шарқтар аз деҳаи Сӯҷина дар Дашти Мала, дар соҳили чапи дарёи Зарафшан ҷойгир аст [91, с. 57-59]. Масоҳати умумии ёдгорӣ 0,7 га мебошад. Ёдгорӣ аз ду қисм иборат аст:

қалъа ва деҳкада, ки ба он пайваст аст. Таҳқиқотҳо, ҳарчанд пурра анҷом наёфтаанд, аммо таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки дар қисми поёнии қалъа зиёда аз 13 ҳуҷраи қабати болопӯшидашуда қарор доштанд. Агар мо чунин ҳисобем, ки қалъа ду ошёна дошт, пас дар он на кам аз 20 ҳуҷраи хизматӣ, истиқоматӣ ва меҳмонхонаҳо вуҷуд доштанд [18, с. 164]. Дар деҳкадаҳои монанди Ботуртеппа, эҳтимолан ҳоким дар хонаи дуошёна зиндагӣ мекард. Хонаи ӯ дар деҳкада мақоми пешбаранда дошт, ки ҳокимият ва эҳтироми соҳиби хонаро муайян мекард.

Ба гурӯҳи сеюми деҳкадаҳо (Ҷадвали 21), ки намунаи онҳо Гардани Ҳисор мебошад, дохил мешаванд. Аз миёни онҳо танҳо Гардани Ҳисор пурра омӯхта шудааст, дар ҳоле ки таҳқиқоти бостоншиносии дигар минтақаҳои Кӯҳистони Суғд то ҳол ба анҷом нарасидаанд. Дар деҳкадаҳои монанди Гардани Ҳисор, баландтарин қисми деҳкадаро вайронаҳои кӯшки феодалӣ ишғол мекунад, ки дар таҳкурсии сунъии баландтар ҷойгир аст ва дар қисми поёнии деҳкада, манзилҳои аҳолии одӣ қарор доранд. Бинои воридшавӣ як қисми мустақили деҳкада буда, эҳтимолан дар он ҷо посбонон зиндагӣ мекардаанд. Ҳамаи аҳолии деҳкада аз ҳамин дарвоза даромаду баромад мекарданд. Деҳкада аз қалъа тавассути кӯчаи алоҳидаи ба он пайвастшуда ҷудо мешуд. Он бо бурҷҳо аз ду тараф иҳота гардида, аз ҷанубу ғарб бо деворҳои дифоӣ ва даҳлези дохилӣ муҳофизат мешуданд [133, с. 109-111].

Ба гурӯҳи чорум деҳкадаҳои калоне, ки ба онҳо Наврӯзшоҳ ё Ҳисорак мансубанд, дохил мешаванд. Онҳо дар воқеъ, як шаҳри хурд бо девори мустаҳкам ва деҳистони густурда мебошанд. Дар деҳистон, ки маркази ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии он буд, бозорҳо, маъбадҳо ва дигар биноҳои ҷамъиятӣ ҷойгир буданд. Ҳамаи деҳкадаҳои ин давра бо деворҳои ҳимоявӣ мустаҳкам буда, бо нақшаи пешакӣ таҳияшуда сохта мешудаанд. Деҳкада ба гузарҳо тақсим мегардид ва принсипҳои

тақсимоти деҳот ба гузарҳо шеваи тақсимоти шаҳриро такрор мекарданд. Маркази ҷамъиятии ҳар гузар ибодатгоҳ буд, ки барои аҳолӣ ҷойи муҳимми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт [18, с. 166].

Академик Ю.Яқубов менависад: «Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар мавзеъҳои гуногуни деҳаҳои асримиёнагӣ нишон медиҳанд, ки ҳокимони деҳот ва рустакҳо, бо тақлид ба ҳокимони шаҳрҳо, мехостанд барои худ қасрҳо созанд. Мисоли равшан барои ин қасрҳо, ки ҳангоми таҳқиқоти бостоншиносӣ кашф шудаанд, Гардани Ҳисор ва Кум мебошанд» [48, с. 169].

Дар Гардани Ҳисор бинои қаср дар таҳкурсии сунъии се метр баланд бо масоҳати 32х28 метр ҷойгир шудааст. Дар канори ҷанубии таҳкурсӣ айвони васеи маросимӣ мавҷуд буд, ки ба воситаи баромадгоҳи зиннадор ба бинои қаср мепайваст. Бинои қаср ҳамчун макони зисти тантанавӣ истифода мешуд. Ҳуҷраҳои маросим бо чӯбҳои кандакории зебо оро ёфта, суфаҳо ва деворҳои онҳо бо қолинҳо пӯшида буданд. Сохтори меъмории Гардани Ҳисор принсипҳои умумии бисёр иншооти меъмории қасрии Осиёи Марказиро дар асрҳои VII-VIII мелодӣ инъикос мекунад.

Хусусияти хосси меъмории низомии Гардани Ҳисор диққатро ба худ ҷалб мекунад. Ин мавзеъ аз ду самт бо ҷариҳои табиӣ иҳота шудааст, дар ҳоле ки аз ҷануб ва ғарб девори мудофиавие бо роҳрави дохилӣ онро муҳофизат менамояд. Ин маҳалли зист шаҳодати маҳорати баланди шаҳрсозӣ дар ташкили сохтори банақшагирифтаи тамоми маҷмуи манзилии он давра аст [49, с. 148-165; 90, с. 109-111]. Пеш аз ҳама, ин нишондиҳандаи интихоби оқилонаи ҷойгиршавӣ дар шароити релефи мураккаб аст:

– Барои бунёди манзилҳо майдончаҳои табиие, ки дар самти ғарбии ин мавзеъ қарор доранд, интихоб ва истифода шудаанд.

– Қисматҳои мухталифи маҳалла дар майдончаҳои кӯҳӣ ба таври паймон ҷойгир шудаанд, қисмати болоии он бо маҷмааи ишғол шудааст,

ки меъмориаш мунаққашу зебо аст, дар ҳоле ки қисмати истиқоматӣ ду сатҳи поёниро ишғол карда, қисмати мутааллиқ ба қасрро бо нимдавраи шикаста иҳота менамояд. Ин сохтор боиси ба вуҷуд омадани гузаргоҳҳои тангу наздик байни кӯчаҳои байни сатҳҳо мешавад. Ба назар мерасад, ки меъмории айвонҳо тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки силсилаи пайвастаи маҳалҳо бо миқдори гуногуни ҳуҷраҳои истиқоматӣ ва хидматии маишӣ ташкил мешаванд [10-М, с. 135].

Бостоншинос Ю. Яқубов роҷеъ ба манзилҳои истиқоматии ёдгории Гардани Ҳисор маълумот дода менависад: «Қисмҳои истиқоматии Гардани Ҳисор аз як то ҳафт ҳуҷра доранд. Дар маҷмуъ, 22 манзили истиқоматии аз як то панҷ ҳуҷрадошта омӯхта шудааст, ки дар онҳо одамон дар оилаҳои хурд зиндагӣ мекарданд ва чорворо дар минтақаи берун, наздик ба об нигоҳ медоштанд. Хонаҳо дар нақша росткунҷа буда, ба шакли чоркунҷа наздик мебошанд. Қисми маъмултарини манзилҳо дуҳуҷрагӣ мебошанд, ки аз ҳуҷраи даромадгоҳ ва ҳуҷраҳои нигоҳдории маводди ғизоӣ иборатанд, ки дар девори муқобили даромадгоҳ ҷойгир шудаанд. Бинои дигар эҳтимолан, ҳамчун қисми маҳалли зист хизмат мекардааст, зеро дар он суфаҳо дар тули деворҳо сохта шудаанд, ки таҳкурсии шакли Г-ро дар муқобили даромадгоҳ ташкил медиҳанд. Толорҳои маросимӣ, оромгоҳҳо ва хонаҳо бо иншооти Панҷакенти қадим, дигар минтақаҳои Суғду Истаравшан ва Осиёи Марказӣ шабоҳат доранд» [48, с. 169].

Бостоншинос Ю. Яқубов қайд менамояд: «Дар Кум қаср дар болои теппаи сангине қарор дорад. Биноҳо ба ҳуҷраҳои маросимӣ, истиқоматӣ, динӣ ва хизматрасонӣ тақсим шудаанд. Аммо бар хилофи Гардани Ҳисор, қасри Кум се толор дошт. Ин толорҳо бо нақшу нигор оро ёфта, дар канори деворҳо суфаҳо гузошта шуда буданд, ки яке аз онҳо дорои суфаи поён, яъне барои гузоштани тахти чӯбӣ ҷудо карда шуда буд. Дар маркази толорҳо, сохтори гармидиҳии наълшакл барои гузоштани

миҷмари оташ ва дар зинаи яке аз суфаҳо тасвири чӯбии бут ҷойгир карда шуда буд. Шифтҳои ҳамвори толорҳо бар рӯйи сутунҳои чӯбӣ насб шуда буданд» [134, с. 492].

Дар ҳудуди Осиёи Марказӣ қасрҳои монанд ба қасри деҳкадаи Кум низ дида мешаванд. Яке аз онҳо қасри Уртақӯрғон дар Истаравшан буд. Дар қасри Уртақӯрғон низ ба монанди Кум се толор мавҷуд буданд, ки яке аз онҳо оташдон дошт. Ҳамчунин, дар Уртакурғон як маъбад бо шифти гунбаздор вуҷуд дошт. Бинои қаср дуошёна буд, аммо аз ошёнаи дуюм чизе боқӣ намондааст. Толорҳои қасри Уртакурғон бо нақшу нигори чӯбӣ хеле хуб оро ёфта буданд [29, с. 38-42]. Тартиби қасрҳои Куму Уртакурғон ва таъйиноти функсионалии биноҳои онҳо ба биноҳои қасрҳои гуногуни ҳокимони Суғд, Истаравшан, Тахористон, Хоразм ва дигар вилоятҳо шабоҳат доранд. Умуман, биноҳои қасри деҳот аз бисёр ҷиҳат ба маҷмуаи қасрҳои калони марказӣ шабоҳат доранд, танҳо бо андозаи хурдтар аз ҳамдигар тафовут доранд [48, с. 30-88].

Ба ғайр аз чор гурӯҳи деҳкадаҳо, ки дар бораашон маълумот дода шуд, инчунин таҳқиқотҳо дар минтақаи кӯҳистонии Осиёи Марказӣ, бахусус дар Суғд, Истаравшан (Уструшан), Фарғона ва Хуҷанд маълумотҳоро дар бораи меъмории маҳаллаҳои деҳотии минтақаи кӯҳӣ пешниҳод менамоянд [30; 102 с, 146-164; 7; 8; 48; 88, с. 98-111; 47; 11; 140]. Ёдгориҳои маъруфи ин минтақа ба се гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: 1) Маҳаллаҳои бе девори ҳимоявӣ (масалан, Хоняйлов дар Уструшан – бошишгоҳи мавсимии чорводорӣ бо оғил буда, дорои девори ҳимоявӣ буд; 2) Маҳаллаҳои мукаммали мустаҳкам (масалан, Гардани Ҳисор ва Кум дар болооби Зарафшон, 3) Киндиктеппа дар водии Оҳангарон ва ғайра. Чунон ки дар дигар қисматҳои Осиёи Миёна низ мушоҳида мегардад, аҳолӣ дар маҳалҳои ҷудогона ва қасрҳо зиндагӣ мекарданд. Ин тақсимот нишон медиҳад, ки дар минтақаи кӯҳистонии Осиёи Марказӣ усулҳои гуногуни меъморӣ ва шаклҳои мухталифи зиндагии

иҷтимоии аҳолӣ вуҷуд доштаанд, ки ҳар як минтақа ва марҳила бо хусусиятҳои махсуси худаш рушд кардааст.

Умуман, манзилҳои аввали асримиёнагӣ тарҳи берунии пӯшида, сахт ва утоқҳои дорои даромадгоҳҳои хурд буданд. Шаклҳои манзилҳо номунтазам, кунҷҳо мудаввар буданд. Бо вуҷуди ин, аз ҷиҳати таъйинот, меъмории манзилҳои истиқоматӣ бо дарназардошти хусусиятҳои табиию иқлимии маҳал, талаботи истифодаи маводди мавҷуда ва тарҳҳои бинокорӣ ба талаботи тарзи ҳаёти оилавӣ мувофиқ буданд.

Кӯшкҳо низ дар баробари деҳкадаҳо дар рушди маданияти моддии болооби водии Зарафшон нақши муҳим доштанд. Дар манбаъҳои хаттӣ кӯшкҳои мустаҳкам ёдоварӣ шудаанд. Масалан Табарӣ қайд менамояд, ки ҳокими Боғдис – Низак кӯшке дошт, ки дар ҷойи баланд ва душворгузар ҷойгир буд. Арабҳо чандин маротиба онро муҳосира карданд, вале натавонистанд ба он ворид шаванд. Чунон ки маълум аст, арабҳо кӯшки Абаргарро, ки дар кӯҳи Муғ қарор дошт, ишғол карда наметавонистанд. Танҳо пас аз расидани фасли сармо ва тамом шудани захираҳои ғизо, аввал Деваштич ва сипас дигар муҳосирашудагон бо шартномаи таслим ба арабҳо қалъаро тарк намуданд [131, с. 88-95].

Намунаи сохтмони кӯшкҳои асрҳои V-VIII мелодӣ кӯшки Чилҳуҷра мебошад, ки дар н. Шаҳристон ҷойгир аст. Кӯшк на танҳо бо меъмории худ, балки ҳамчун намунаи сохтмонҳои мустаҳками давраи мазкур ҷолиб аст. Кӯшки Чилҳуҷра дар теппаи баланду мустаҳками кӯҳӣ ҷойгир аст. Он як қалъаи бузургу мустаҳками ҳарбӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар макони стратегии басо мувофиқ бунёд ёфта, бо низоми дифоии бодиққат тарҳрезишуда муҷаҳҳаз буд. Сохтмони он ба навъи меъмории «кӯшк» тааллуқ дорад, ки дар он унсурҳои манзил ва қалъа бо шаклҳои устувор ва сақфҳои гунбазӣ якҷо омехта шудаанд [32, с. 7].

Дар ибтидои асрҳои миёна, пас аз фурӯпошии давлати Кушониён, мулкҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Самарқанд ва кӯҳистони Суғд ба

бахшҳои мустақил тақсим шуданд. Вазъияти мураккаби сиёсӣ дар даврони Ҳайтолиён ва Ҳоқонати Турки ғарбӣ, сокинонро водор сохт, ки мулкҳои мустаҳкам, қалъаҳо, деҳот ва шаҳрҳо бо девори дифоӣ бунёд кунанд. Аксари чунин сохторҳо ва низомҳои дифоии шаҳру воҳаҳо ба ҳамин давра тааллуқ доранд, ки номҳои баъзе шаҳрҳо низ аз ин шаҳодат медиҳанд. Масалан, вожаи Панҷакент аз ду калима: «панҷ» ва «кат» (деҳа) таркиб ёфтааст, ки маънои «панҷ деҳа ё хона»-ро ифода мекунад. Эҳтимол меравад, ки то таъсиси шаҳр дар ин мавзеъ панҷ деҳа мавҷуд буда, баъдан ба як шаҳр табдил ёфтанд. Ҳамин тавр, унсури қалъавӣ-ҳавлигӣ ҳамчун яке аз хусусиятҳои хоси меъмории ибтидои асрҳои миёна дар Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад.

Дар ибтидои асрҳои миёна дар Суғд даҳҳо шаҳрҳои хурду калон мавҷуд буданд. Муқдисӣ аз вуҷуди беш аз 30 шаҳр дар Бухоро ва 12 шаҳр дар Самарқанду Кеши Суғд дар замони Сомониён хабар додааст. Ҳамаи ин шаҳрҳо дар давраи истилои арабҳо вуҷуд доштанд [18, с. 174].

Дар асрҳои миёна шаҳрсозӣ ва ҳаёти шаҳрӣ дар Осиёи Марказӣ таҳаввулоти амиқро аз сар гузаронид. Ворид шудани минтақа ба низоми феодалӣ ва иқтисоди иттиҳодияи давлатҳои бузург, афзоиши робитаҳои тиҷоратӣ ва сиёсӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Ҳинд, Чин, кишварҳои Шарқи Наздик инчунин, афзоиши шумораи қабилаҳои чорводор ва мардумони муқим дар ҷангалҳои Сибиру Олтой, ба ин раванд мусоидат намуданд. Дар натиҷа, бо фаъол гардидани роҳҳои асосӣ ва кӯмакии Роҳи бузурги абрешим, раванди рушди шаҳрсозӣ ва ташаккули ҳаёти шаҳрӣ дар минтақа оғоз ёфт.

Бисёре аз шаҳрҳои даврони қадим дар ҷараёни таҳаввулоти таърихӣ васеъ шуда, таҷдиди сохториро аз сар гузаронданд. Ҳарчанд дар ибтидо шумораи аҳолии онҳо кам ва масоҳаташон маҳдуд буд, аммо тадриҷан ба марказҳои маъмурӣ, истеҳсолӣ, ҳунармандӣ ва тиҷоратӣ табдил ёфтанд. Баъди истеҳкоми деворҳо, бурҷҳо, дарвозаҳо ва гузаргоҳҳо,

инчунин ташкили маҳаллаҳои касбӣ, онҳо ба таркиби комили сохторҳои шаҳрӣ ворид гардида, ба марказҳои бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ-идеологӣ дар вилоятҳо ва минтақаҳои марзӣ табдил ёфтанд. Аз ҷумла, шаҳрҳои машҳури Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Марв, Балх, Ҳирот ва садҳо марказҳои дигар намунаҳои барҷастаи чунин таҳаввулот ба ҳисоб меравaнд.

Дар баробари ин, рушди илм ва таҷрибаи нави сукунат ва дифоии шаҳрҳо ба дастовардҳои муҳим дар соҳаи меъморӣ ва муҳандисӣ мусоидат намуд. Дар ин замина метавон аз ташаккули низоми сукунати муназзам ва таҳкими шаҳрҳои диждор, воҳаҳо ва вилоятҳои мустақил ё худмухтор зикр кард. Мисолҳои равшани чунин низомҳоро метавон дар ёдгориҳои бостонӣ, чун Девори Қиёмат, Девори Кампирак ва дигар деворҳои мудофиавии кашфшуда аз ҷониби бостоншиносони Осиёи Марказӣ мушоҳида кард [37, с. 93-94].

Ҳангоми омӯзиши таърихи шаҳрҳои алоҳида, минтақаҳои таърихию фарҳангӣ ва воҳаҳои ҳудудии Осиёи Марказӣ, масъалаҳои муҳимми ҷуғрофӣ – таърихӣ, тафсири натиҷаҳои бостоншиносӣ ва маҳаллисозии шаҳрҳо, вилоятҳо ва роҳҳои асримиёнагӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҷараёни рушди мустақили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳрӣ инчунин минтақаҳои таърихию фарҳангӣ дақиқ муайян гардад. Бо ин мақсад, таҳқиқоти ҷудогонаи ҳама гуна шаҳрҳо ва маҳаллаҳои шаҳрӣ шуруъ гардида, дар онҳо на танҳо маводди бостонишиносӣ, балки манбаъҳои хаттии асримиёнагӣ, маълумоти ҷуғрофӣ, топонимӣ,топографӣ ва маводи фолклорӣ низ ба кор бурда мешуданд [94, с.5-8; 101, с. 8-11; 84, с. 11-14].

Дар адабиёти ҷуғрофии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ, ки аксаран дар муҳити Эрон ва Осиёи Марказӣ шакл гирифтаанд, барои номгузории шаҳрҳо ва қисматҳои таркибии онҳо истилоҳоти махсус истифода мешуд. Қалъаҳои шаҳрӣ бо истилоҳоти эронӣ, чун «диж» қалъа ва «куҳандиз» қалъаи куҳна ё баланд, инчунин, бо калимаи арабии «қалъа»

номида мешуданд. Қисмати дохилӣ ва қадимтарини шаҳр, ки маркази маъмуриву сиёсӣ ба ҳисоб мерафт ва бо девор иҳота шуда буд, бо истилоҳи эронӣ «шаҳристон» ном бурда мешуд, ки маънои аслиаш «макони шаҳриён» мебошад. Макони баргузории додгоҳҳо ва фаъолияти маъмурӣ, дар адабиёти арабӣ аксар вақт бо истилоҳи «мадина» ишора мегардид. Маҳалҳои атрофи шаҳристон, ки ба таври зич бо он пайваста буданд ва асосан аҳолии ҳунарманду косиб дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, бо истилоҳи арабии «рабод» маъруф буданд*. Гоҳе ин истилоҳ барои ифодаи тамоми муҳити шаҳрии берун аз шаҳристон, бо шумули девори он низ истифода мешуд [4]. Дар маҷмуъ истилоҳи «рабод» ба тамоми сохтори шаҳр аз ҷумла шаҳристон ва работ ишора мекунад.

**III. Шаҳрсозӣ дар асрҳои миёна.** Шаҳрҳои феодалии Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати топографӣ дорои нақшаҳои гуногун буданд. Дар баъзе мавридҳо шаҳристон, яъне қисмати марказии шаҳрҳо ба ҳайси асоси маркази шаҳрӣ хизмат карда, тавсеаи шаҳр ба берун аз ҳудуди он сурат мегирифт. Аммо дар ҳолатҳои дигар шаҳристон аҳаммияти пешини худро гум мекард ва рушди шаҳрҳои феодалӣ дар атрофи он, дар ҳудуди рабодҳо ҷараён мегирифт. Ҳамчунин, дар баъзе мавридҳо шаҳрҳои феодалӣ, бевосита дар заминаи марказҳои қадим ташаккул наёфта, балки дар ҷойҳои нав таъсис меёфтанд ва ба воҳаҳои нав табдил меёфтанд [18, с. 418-419].

Дар асрҳои миёна, работҳо ба марказҳои асосии ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтанд. Дар ин қисматҳои шаҳр, асосан растаҳои косибӣ, бозорҳои шаҳрӣ ва корвонсаройҳо мутамарказ шуда буданд. Маркази фаъолияти тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ тадриҷан аз ҳудуди шаҳристонҳо ба работҳо кӯч баст, ки ин раванд ба таври назаррас ба васеъшавии шаҳрҳо мусоидат намуд. Бо гузашти вақт,

---

* Истилоҳи «рабод» - ро бояд аз истилоҳи «работ» фарқ намуд. «Работ» ба нуқтаҳои мустаҳками наздисарҳадӣ, ки дар канори саҳроҳои кӯчманчиён ҷойгир буданд, ишора мекард ва дар марҳилаҳои баъдӣ ба корвонсаройҳои мустаҳкам ва ғайримустаҳками воқеъ дар роҳҳои корвонгузар низ гуфта мешуд. Ин истилоҳ инчунин маъноҳои дигар ҳам дорад.

намояндагони табақаҳои болоии ҷомеа низ ба работҳо кӯчиданд ва дар он ҷо қасрҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва кӯшкҳои шахсии худро бунёд карданд. Ин раванд нишон медиҳад, ки работҳо на танҳо маркази тиҷоратӣ, балки ба муҳити иҷтимоии муҳим ва соҳиби нуфузи маънавӣ табдил ёфта буданд. Дар баробари манзилҳои хусусӣ, дар работҳо, инчунин муассисаҳои мазҳабӣ, аз ҷумла масҷидҳо, бунёд мегардиданд, ки шаҳодат аз нуфуз ва аҳаммияти афзояндаи иҷтимоиву фарҳангии ин маҳаллаҳо медод. Тамаркузи фаъолияти иқтисодиву иҷтимоӣ дар работҳо мақомоти ҳокимият ва маъмуриро водор сохт, ки барои таъмини амнияти ин минтақаҳо тадбирҳои мудофиавӣ андешанд. Дар натиҷа, дар атрофи работҳо деворҳои мудофиавии устувор ва тулонӣ бунёд гардиданд. Сохтмон ва нигоҳдории ин деворҳо на танҳо вазифаи давлатӣ, балки масъулияти муштараки ҷомеа ба ҳисоб мерафт.

Бунёди деворҳои алоҳидаи работ ва ҳамзамон, деворҳои умумии гирди тамоми шаҳр, аз ҷумла куҳандиз (қалъаи ҳоким), шаҳристон ва работ расман ташаккул ёфтани шаҳрҳои ибтидоии феодалӣ дар асрҳои миёнаро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва маъмурӣ муқаррар мекард. Ҳамин тариқ, работҳо дар низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии шаҳрҳои асримиёнагии Осиёи Миёна мавқеи устуворро соҳиб шуданд ва дар ташаккули симои шаҳрҳои феодалӣ саҳми назаррас гузоштанд.

Ҳамин тариқ, низоми сеқисматии шаҳрҳои асримиёнагӣ – куҳандиз, шаҳристон ва работ хосси шаҳрҳои марказии манотиқи Осиёи Марказӣ мебошад. Тавре таҳлили маводҳои мавҷуда нишон медиҳанд, дар раванди ташаккул ва рушди шаҳрҳои феодалӣ як қолаби ягона ва устувори сохт дар ташкили шаҳрҳо вуҷуд надошт. На ҳамаи шаҳрҳо марҳилаи комили гузариш аз шаҳристон ба работро тай намудаанд ва на ҳама дорои сохтори сегонаи анъанавии шаҳрӣ буданд. Бо вуҷуди ин, ташаккули шаҳрҳо дар ҳудуди работҳо, ки дар онҳо ҳаёти иқтисодӣ, махсусан ҳунармандӣ ва тиҷорат тамаркуз ёфта буд, ба ҳайси намунаи

умумии ташаккули шаҳр дар бисёре аз маворид баромад карданд [2, с. 76-77]. Шаҳристонҳо, хусусан онҳое, ки ба давраҳои тофеодалӣ тааллуқ доштанд, дар баъзе ҳолатҳо ба воситаи бозсозӣ ва мутобиқсозӣ бо шароити нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ (мисли шаҳри Бухоро) симои нави шаҳрӣ гирифтанд. Дар ҳолатҳои дигар, аҳаммияти онҳо коҳиш ёфта, тадриҷан аз фаъолият бозмонданд ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ба работҳо интиқол ёфт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки на ҳамаи марказҳои бузурги ҳунармандӣ ва тиҷоратии он давра ба шаҳрҳои феодалӣ табдил ёфтанд. Масалан, дар водии Зарафшон чунин раванд ба таври пурра амалӣ нашуда, дар маҳалҳое чун Искиҷкат ва Зандана дар Бухоро, аломатҳои комили ташаккули сохтори шаҳрии феодалӣ мушоҳида намешавад.

Дар шаҳрҳое, ки ба марҳилаи феодалӣ ворид шуда буданд, ҷойи манзилҳои бузурги деҳқонони пешин ва маъбадҳои давраи тоисломӣ ба кӯшкҳову қалъаҳои бошукӯҳи истиқоматӣ табдил дода шуданд. Ҳамчунин, дар ин шаҳрҳо қасрҳои ҳокимон, манзилҳои заминдорон ва тоҷирони калон, хонаҳои уламову мансабдорони давлатӣ, биноҳои маъмурӣ, масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо, мазорҳо ва дигар муассисаҳои динӣ ва давлатӣ сохта мешуданд. Сохтори табақавии ҷомеа дар муҳити шаҳрӣ ба таври равшан инъикос меёфт. Дар баробари сохтмонҳои бошукӯҳи табақаҳои имтиёзнок, бахши бузурги шаҳрро кӯчаҳову манзилҳои одии ҳунармандон, тоҷирони хурд ва дигар табақаҳои заҳматкаши аҳолӣ ташкил медоданд. Ин манзилҳо, одатан аз масолеҳи оддӣ ва бо усули чорчӯби такягоҳӣ бунёд мегардиданд ва ба зинаи поёнии табақаи иҷтимоии шаҳрӣ шомил буданд.

Шаҳрҳои давраи мавриди таҳқиқ дар муқоиса бо шаҳрҳои давраҳои қаблӣ аз ҷиҳати масоҳат ва шумораи аҳолӣ рушд ва густариши назаррас доштанд. Тибқи маълумоти муҳаққиқон, дар асри X мелодӣ шумораи аҳолии шаҳрҳои бузург ба монанди Марв ва Самарқанд беш аз 200 ҳазор

нафарро ташкил медодааст. Ин шаҳрҳо бо низоми дифоии пурқувват иҳота шуда буданд. Деворҳои мустаҳкам, бурҷҳо ва хандаққои дифоӣ, пулҳои бардошташаванда ва дарвозаҳои мустаҳкам аз ҷумлаи унсурҳои муҳимми дифоии шаҳрҳо ба ҳисоб мерафтанд. Қалъаҳои шаҳрӣ (куҳандизҳо), ки дар баъзе шаҳрҳо то замони феодалӣ боқӣ монда буданд, низ ба тағйироти таъйинотӣ дучор гардиданд. Агар дар давраҳои қадим онҳо ҳамчун манзили ҳокимон ва заминдорон хизмат мекарданд, дар давраи феодалӣ ба қалъаҳои ҳарбӣ, анбори силоҳ ва ҷойи нигоҳдории хазинаи давлатӣ мубаддал гаштанд [18, с. 424].

Масъалаи таъминоти об, бо дарназардошти иқлими гарму хушк ва маҳдуд будани манобеи об, барои шаҳрҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти ҳаётӣ касб карда буд. Ҳалли масъалаи мазкур вобаста ба шароити ҷуғрофӣ ва иқлимии ҳар як маҳал роҳандозӣ мешуд. Манбаъҳои таъминоти об аз дарёҳо ва ҷӯйҳои шаҳргузар, шабакаи обкашӣ, корезҳо, ҳавзҳо, чоҳҳо ва шабакаҳои обрасонии қубурӣ иборат буданд. Дар баъзе мавридҳо, об тавассути василаҳои нақлиётӣ аз масофаҳои дур ба шаҳр интиқол дода мешуд.

Муҳимтарин мушкилие, ки мусофирон бо он рӯ ба рӯ мешуданд, камбуди об дар дашту биёбонҳо буд. Барои он, ки шутурҳо обро дар зарфҳо намебардоштанд (ҷойи зиёдатиро ишғол мекард ва ҳаҷми борҳоро коҳиш медод), муҳандисон «сардоба» месохтанд. Дар ин чоҳҳо ҳамеша об мавҷуд буд.

Сардобаҳои бо унсури махсуси муҳандисӣ сохташуда, дар ҳар 12-15 км ҷойгир шуда, имконият доштанд, ки корвонҳои иборат аз 150-200 шутурро бо об таъмин кунанд. Об дар ин чоҳҳо на танҳо аз манбаъҳои геризаминӣ, балки аз манбаъҳои барфу борон низ ҷамъ мешуд. Ягона намунаи сардоба дар деҳаи Сори ноҳияи Панҷакент ҷойгир аст, ки хароб шудааст. Бо вуҷуди ин, талаботи ҷамъоварии об дар ин ҷо на тавассути барфу борон балки тавассути обҳои зеризаминӣ ҷамъоварӣ мешуд.

Шояд чашмаи маъруфи Қайнар Ато, ки дар атрофи шаҳри Панҷакент қарор дорад, низ ба ҳамин талабот мувофиқат мекунад.

Шаҳри Самарқанд, яке аз намунаҳои барҷастаи низоми муназзами таъминоти об буда, дар асрҳои миёна тавассути оби рӯди Зарафшон таъмин мегардид. Ин об бо истифода аз канали Барш (Дарғом) ба шаҳр оварда мешуд ва тавассути лӯлаҳои бузурги мисин вориди шаҳр мегардид, ки таги он бо қабати қӯрғошим пӯшида шуда буд. Маҳз ҳамин хусусияти техникӣ боис гардидааст, ки ин ҷӯйи обгузар дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номи «Ҷӯйи Арзиз» ёд шавад. В.В. Бартолд оиди ин ҷӯй маълумот дода навиштааст: «Дар манбаъҳои хаттии асри X Ҷӯйи Арзиш чунин тасвир ёфтааст: Оби ҷорӣ тавассути ҷӯйе, ки бо қӯрғошим пӯшида шудааст, ба шаҳр ворид мегардад. Барои ин ҷӯй садди баланд аз санг сохта шудааст. Оби ҷӯй аз мавзеъҳои Медикӣ (Ас-Саффарун) ҷорӣ гардида, аз дарвозаи Кеш ба шаҳр ворид мешавад. Қисми зоҳирии ҷӯй комилан бо қӯрғошим пӯшонида шудааст» [4, с. 475]. Ҷӯйи Арзиз ҳамчун яке аз иншооти нодири гидротехникии (муҳандисии об) давраи асрҳои IX то оғози асри XIII мелодӣ арзёбӣ мешавад. Бар хилофи маълумоте, ки дар осори ҷуғрофиёдонони асримиёнагӣ оварда шудааст ва маводи ҷӯйро аз санг мешуморад, ин иншоот дар асл бо хишти пухта ва маҳлули оҳаку зола бунёд ёфтааст [141, с. 69]. Оби ҷӯй ба шабакаи муназзами ҷӯйборҳо тақсим мешуд, ба тавре ки дар аксар кӯчаҳои шаҳр оби ҷорӣ мавҷуд буд.

Муаррих С. Хоҷаев оиди сардобаҳои шаҳри Самарқанд дар асрҳои миёна маълумот дода, қайд менамояд: «Манбаъҳои таърихӣ, иттилоъ медиҳанд, ки дар Самарқанд то 2 ҳазор сардоба мавҷуд будааст, ки дар он мардум метавонистанд оби нӯшокӣ ва сардро ба таври ройгон дастрас намоянд» [42, с. 58]. Ин маълумотҳо далели равшани ташкили самараноки низоми обтаъминкунӣ ва дараҷаи баланди рушди

муҳандисии об дар шаҳрҳои асримиёнагии Осиёи Марказӣ, ба вижа Самарқанд ба шумор мераванд.

Меъмории асрҳои IX-X мелодӣ бо анъанаҳои меъмории давраҳои қаблӣ иртиботи зич дошт. Ин пайванд дар усулҳои банақшагирӣ, аз ҷумла дар ташкили марказиятнокии лоиҳа (ки хоси аксари кӯшкҳои асрҳои VI-VIII мелодӣ мебошад), дар истифодаи тарҳҳои хоси сохтмонӣ ва ба таври нисбатан фаррох ба кор бурдани нақшунигорҳои зооморфӣ возеҳ мушоҳида мешавад. Аз аввалин мақбараҳои исломӣ дар Осиёи Марказӣ, ки дар давраи Сомониён ташаккул ёфтаанд, метавон мушоҳида кард, ки симои меъмории онҳо зери таъсири мустақими манзилҳои феодалии барвақтӣ ва анъанаҳои қабристонҳои тоисломӣ шакл гирифтааст [18, с. 454].

Дар айни замон дар меъмории даврони Сомониён чандин хусусиятҳои нав ва рушди чашмраси санъати биносозӣ мушоҳида мешавад. Махсусан, хишти пухта дар ин меъморӣ аҳаммияти зиёд касб менамояд. Агар дар давраҳои қаблӣ, хишти пухта танҳо барои қисматҳои муайяни бино истифода мешуд, дар ин давра он барои сохтани тамоми биноҳо истифода мегардид. Ин падида боис гашт, то шакли хишт низ тағйир ёфта, хишти калон ва мураббаъ бо кошинҳои хурд ва борик иваз шавад.

Истифодаи васеи хишти пухта дар давраи Сомониён имкониятҳои навро барои ороиши меъморӣ ва ташаккули таъсири бадеии истисноӣ дар сохтмон фароҳам овард. Усулҳои ороиши хишт, ки дар ин давра низ рушд ёфтаанд, на танҳо ба сифати унсури зебоии зоҳирӣ хидмат мекарданд, балки ба таъкид ва инъикоси низоми сохтории биноҳо мусоидат менамуданд. Омезиши унсурҳои тарҳрезӣ ба унсурҳои намоёни бадеӣ ва даст кашидан аз пӯшонидани онҳо бо ороишоти иловагӣ, яке аз хусусиятҳои ҷолиб ва тоза дар меъмории Сомониён ба шумор меравад.

Ороиши анъанавии биноҳо бо истифода аз гаҷкорӣ низ дар ин давра ба сатҳи баланди инкишоф расида, бо пайдоиши усулҳои нав, аз ҷумла

тақлиди нақшу нигори хиштӣ, ғанӣ гардид. Ин раванд дар сатҳи баланди санъати меъмории он замон, хусусан дар сохтмонҳои меъмории классикӣ, монанди мақбараҳо, ифодаи равшан пайдо кардааст.

Таҳлили вазъи иҷтимоӣ-таърихӣ ва табиӣ-ландшафтии минтақаҳои болооби водии Зарафшон нишон медиҳад, ки сохтори таърихии маскуншавӣ дар ин минтақа, асосан, дар хатти дарёҳои Зарафшон, Фон, Моғиён ва Кешдарё ташаккул ёфтааст. Ин минтақа, ки дорои мавқеи табиию стратегии муҳим мебошад, шумораи зиёди ёдгориҳои бостоншиносиро дар бар мегирад. Бархе аз ин ёдгориҳо дар атрофи шаҳрҳо ва шаҳракҳои муосир ҷойгиранд, дар ҳоле ки дигарон дар манотиқи камаҳолии биёбонӣ воқеъ мебошанд.

Ташаккули низоми шаҳрсозӣ дар Осиёи Марказӣ боиси рушди тиҷорат байни шаҳрҳо ва давлатҳои гирду атроф гардид. Маҳз дар он давра Роҳи бузурги абрешим ба авҷи тараққиёти худ расид. Инчунин, таъсис ёфтани давлати мутамаркази Сомониён ва таъмини амнияти дохилӣ яке аз далоили дигари ин раванд буд.

## 3.2. Панҷакенти қадим ҳамчун намунаи шаҳрсозии ибтидои асримиёнагӣ

Дар Осиёи Миёна ягон шаҳри ибтидои асримиёнагӣ ба монанди Панҷакенти қадим кофтуков ва омӯхта нашудааст. Панҷакенти қадим ягона шаҳри асрҳои V-VIII мелодӣ аст, ки дар тули 79 сол мунтазам мавриди омӯзиш қарор дорад. Барои тавсифи шаҳр дар ин давра маводди нодири аввалия ба даст оварда шудаанд. Дар Панҷакенти қадим беш аз сеяки шаҳристон ва нисфи диж кофта шудааст. Ҳафриётҳо тамоми минтақаҳои шаҳристонро фаро гирифта, маҳаллаҳои калони истиқоматӣ кашф карда шуданд. Дар ҳар як қисми шаҳристон, кӯчаҳои рост мавҷуданд, ки якдигарро убур мекунанд. Паҳноии кӯчаҳо аз 3 то 5 метрро дар бар мегирад. Шаҳр бо риояи нақшаи муқаррарӣ сохта шуда, бозорҳо, дуконҳои савдо ва ҳунармандӣ дар қад-қади шоҳроҳҳои калон

ва ҷойҳои махсус ҷудошуда, ҷойгир буданд. Маҷмааҳои истиқоматӣ баъзан дарозии зиёда аз 100 м-ро ташкил медоданд. Шаҳри Панҷакенти қадим аз диж, шаҳристон, работ ва қабристон иборат аст.

Маҳаллаҳо дар шаҳр аз шумораи муайяни хонаҳо иборат буданд. Масъалаи тақсимоти шаҳр ба маҳаллаҳо ва худи маҳаллаҳо камтар таҳқиқ шудааст. Бо шарофати ҳафриёти бостоншиносии Панҷакенти қадим масъалаи муайян кардани хонаҳо ва дигар қисмҳои шаҳр таҳлил карда мешавад. А.М. Беленитский ин масъаларо аз назари шаҳрсозии аврупоӣ таҳлил карда, чунин ақида дорад, ки маҳаллаҳо аз як гурӯҳи хонаҳои бо кӯчаҳо ҷудошуда иборатанд [5, с. 23-24]. В.Л. Воронина менависад: «Маҳаллаҳои Панҷакенти қадим маҷмуи якчанд қисматҳои истиқоматии ба ҳам пайвасташуда буданд. Ба назар мерасад, ки оилаҳои алоҳидае, ки қитъаҳои истиқоматиро ишғол мекарданд, робитаҳои худро бо хонаводаи аслӣ нигоҳ медоштанд. Чунин шакли иқомат ҷамоаи калони оилавиро ташкил медод, ки баъзан як қисми пурраро ишғол намуда, ба тули 100-150 метр паҳн мешуд» [63, с. 187]. Вале зичии баланди биноҳои истиқоматиро танҳо бо робитаҳои хешутаборӣ тавзеҳ додан лозим нест. Эҳтимолан, омилҳои дигари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ дар ин раванд таъсиргузор будаанд.

Аввалан, дар асрҳои пешин аз ҳисоби ҷангҳои қавмию қабилавӣ, одамон кӯшиш мекарданд, ки бо ҳам паймон карда, дар доираи як маҳдудаи сиёсӣ зиндагӣ кунанд. Сонияи, аз сабаби норасоии замин, мардум маҷбур буданд, ки ба товри зич истиқомат намоянд ё хона созанд. Сеюм, бо мақсади сарфа кардани масолеҳи бинокорӣ, одамон метавонистанд бо мувофиқа хонаҳои худро ба ҳам наздик созанд, то деворҳои умумӣ дошта бошанд. Ҳатто имрӯз дар деҳот ва шаҳрҳо ҳангоми сохтани хонаҳои нав, ҳамсояҳо аз деворҳои марзӣ тавре истифода мебаранд, ки деворҳои байни хонаҳо ва бомҳо муштарак

мешаванд. Ин усули сарфакорӣ дар Осиёи Марказӣ васеъ паҳн шудааст ва мумкин аст, ки он дар ибтидои асрҳои миёна низ истифода мешуд.

Манзилҳои истиқоматии шаҳристон. Қисмати шаҳрии Панҷакенти қадим аз хонаҳои алоҳида ва мустақили истиқоматӣ иборат буд. А.М. Беленитский зимни баррасии сохтори манзилҳои Панҷакенти қадим, чунин қайд мекунад: «...бо вуҷуди зичии сохтмон, ки дар он ҳар як манзил бевосита ба манзили дигар ҳамҷавор буда, ба девори берунаи як манзил, манзили дигар пайваст шудааст, ҷудо кардани тамоми маҳал ба манзилҳои мустақили истиқоматӣ, соҳибхонагиҳо кори хеле мураккаб будааст. Дар баъзе ҳолатҳо, ҷудокунии фарзиявӣ ё муайянсозии чунин соҳибхонагӣ аз маҷмуи умумии сохтмонҳо баҳсомез буда, ба таҳқиқоти иловагӣ ниёз дорад» [5, с. 25]. Ба ин мушоҳидаи одилона илова кардан зарур аст, ки ҳарчанд қисми назарраси шаҳри Панҷакенти қадим мавриди ҳафриёти бостоншиносӣ қарор гирифта бошад ҳам, то ҳол ягон манзиле пайдо нашудааст, ки утоқҳои ошёнаи дуюми он пурра боқӣ монда бошанд. Аз ин рӯ, муайян намудани шумораи дақиқи ҳуҷраҳо дар хонаҳои сокинони Панҷакенти қадим хеле мушкил боқӣ мемонад.

Дар асоси таҳқиқоти бостоншиносӣ манзилҳои шаҳри Панҷакенти қадим аз рӯйи таъйинот ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд. Ба гурӯҳи аввал хонаҳои ҷудогонаи истиқоматӣ ворид мешаванд. О.Г. Болшаков перомуни ҷудо кардани манзили алоҳида менависад: «Нишонаи равшантарини манзилҳои иқоматӣ – мавҷудияти толори мураббаъ мебошад. Нишонаи дуюм мавҷудияти маъбади хонагӣ, нишонаи сеюм будани пандус (сатҳи шебдор) ё зинапоя дар маҷмуи маҳкамшудаи манзил аст» [54, с. 160].

Ба ин се нишона В.И. Распопова нишонаи чаҳорумро низ илова намуда навиштааст: «Мавҷудияти даромад аз кӯча ба гурӯҳи ҳуҷраҳо ва пайвастагии дохилии онҳо тавассути гузаргоҳҳо. Дар ҳолати набудани гузаргоҳҳо миёни ҳуҷраҳо, муайянсозии манзили иқоматӣ танҳо бар

асоси нишонаҳои боқимонда, ғайридақиқ ва тахминӣ боқӣ мемонад. Зеро дар як манзил метавонад ду толор мавҷуд бошад, ё толор шакли ғайримураббаъ дошта бошад. Ҳамчунин, хонаҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо пандус (сатҳи шебдор) ёфт нашудааст. Хонаи давлатмандони Панҷакенти қадим, асосан дуқабата буд ва танҳо дар ҳолатҳои хеле кам сеошёна мешуд» [33, с. 15].

Дар ошёнаи якум одатан ҳуҷраҳои расмӣ ва хизматрасонӣ ҷойгир буданд, дар ҳоле ки ҳуҷраҳои истиқоматӣ дар ошёнаи дуюм қарор доштанд. Ҳуҷраҳои расмӣ, ки ба толорҳо ва утоқҳои хурди ошёнаҳои аввал ва дуюм дохил мешуданд, бо расмҳои деворӣ оро ёфта буданд. Тақсими фазои расмӣ миёни ду ошёна вобаста ба нақшаи манзил гуногун буд. Агар қисми асосии расмӣ дар ошёнаи якум ҷойгир мешуд, ин манзилҳо одатан масоҳати бузург доштанд. Вале дар мавридҳое, ки қитъаи замин хурд ё номувофиқ буд, фазои расмӣ ба ошёнаи дуюм кӯчонида мешуд, ва ошёнаи якум, асосан бо утоқҳои камаршакли хизматрасонӣ ишғол мекард.

Толорҳои маросимӣ, ки дар ошёнаи дуюм ҷойгир буданд, аз ҷиҳати меъморӣ ва ороиш аз толорҳои ошёнаи якум тафовут надоштанд. Дар чунин манзилҳо, тамоми хона дуошёна буд ва агар толорҳо дар ошёнаи якум ҷойгир бошанд, ошёнаи дуюм болои онҳо сохта намешуд, зеро баландии толор баробари ду ошёна буд. Манзилҳои зисти Панҷакенти қадим дар асрҳои VII-VIII мелодӣ дуошёна буданд ва дар баъзе ҳолатҳо сеошёна, ки хеле кам буд. Манзилҳои иқоматӣ бо нишонаҳои муайян, ба монанди толорҳои мураббаъ, маъбадҳои хонагӣ ва пандус ё зинапоя фарқ мекарданд. Тақсимоти фазои расмӣ байни ошёнаи якум ва дуюм вобаста ба нақшаи манзил ва масоҳати замин буд. Толорҳои маросимӣ дар ошёнаи якум ва дуюм тақрибан яксон буда, бо деворнигораҳо оро ёфта буданд.

Дар хонаҳое, ки масоҳаташон аз 170 м$^2$ бештар буд, қисми расмии манзил, ба истиснои як ҳолат, ё дар ошёнаи якум ё дар ду ошёна ҷойгир

буд. Ин ҷараён тасодуфӣ нест. Аз як тараф, манзилҳое, ки масоҳаташон аз 170 $м^2$ зиёд аст ва қисмати расмии онҳо ороиш ёфтаанд, ба сокинони одӣ тааллуқ надоштанд. Аз тарафи дигар, дар манзилҳои одӣ, ҳуҷраҳои иқоматӣ низ бо унсурҳои зерини ороишӣ – меъморӣ фарқ мекард: зерсутунҳо, ороиши нақшу нигор дар қисматҳои алоҳидаи деворҳо, оташдонҳои деворӣ қурбонгоҳҳо. Толорҳои меҳмонхона дар манзилҳои бо масоҳати то 140 $м^2$ низ мавҷуданд ва онҳоро ба манзилҳои одӣ нисбат додан нодуруст аст.

Аз ин рӯ, ба хонаҳои одӣ манзилҳое дохил мешаванд, ки масоҳаташон аз 36 то 100 $м^2$ ташкил медиҳад. Дар Панҷакенти қадим беш аз 27 хонаи сокинони одӣ таҳқиқ шудааст, ва масоҳати миёнаи чунин манзилҳо 37 $м^2$-ро ташкил медиҳад. Дар манзилҳои одӣ қисмати расмӣ вуҷуд надорад. Аммо дар байни манзилҳои мардумони одӣ хонаи дуошёна низ мавҷуд аст. Масалан, дар ҳафриёти VI чанд ҳуҷраи хонаводаҳои камбизоат кофта шудааст. Ин манзил аз чор утоқ иборат буд ва намуди зоҳирии он аз дигар манзилҳои минтақа бо таври назаррас фарқ мекард. Ҳуҷраҳо аз ҷиҳати андоза хурд ва каме барҳаво буданд. Ҳуҷраҳо бо қабатҳо сохта шуда буданд ва аз ҳуҷраи 52, зинапояи дохилӣ ба ошёнаи дуюм мерафт. Хуҷраҳои ошёнаи дуюм боқӣ намондаанд. Таҳқиқот ва бозёфтҳои пайдошуда нишон медиҳанд, ки дар ин манзил хонаводаи камбизоат зиндагӣ мекард [33, с. 131-138].

Хонаҳое, ки ошёнаи дуюм надоштанд, як ҳуҷраи танг ва камаршакл доштанд, ҳамзамон, ҳамчун даҳлез ва ошхона хизмат мекард, зеро дар наздикии даромадгоҳ оташдон қарор дошт. Бо вуҷуди андозаи хурд, дар чунин манзил унсурҳои таъйинотии гуногун, аз қабили ҳуҷраи истиқоматӣ, анбор, ошхона ва зинапояи пайвасткунандаи онҳоро метавон фарқ кард. Ҳамаи ин унсурҳо аз ҳамдигар ҷудо ва бо тартиби махсус ҷойгир буданд.

Ба гурӯҳи дуюм хонаҳое, ки масоҳаташон аз 100 то 170 $м^2$ аст, дохил мешаванд. Аз 16 хонаи ин гурӯҳ, танҳо як хона дорои ҳуҷраҳои маросимӣ буд, ки дар ошёнаи якум бо наққошӣ ороиш ёфта буданд.

Гурӯҳи сеюм хонаҳое, ки масоҳаташон зиёда аз 175 $м^2$-ро ташкил медиҳанд, дохил мешаванд. Хурдтарин хонаи ин гурӯҳ масоҳаташ тақрибан 330 $м^2$-ро ишғол намуда, бо ҳавлӣ масоҳати 730 $м^2$-ро ташкил медиҳад. Як хонаи калон ва муҳимми Панҷакенти қадим бо андоза ва таркиби ҳуҷраҳояш хосиятҳои хоссе дорад, ки онро ба қасри ҳокими Панҷакенти қадим марбут медонанд. Ин бино, ки масоҳаташ 2100 $м^2$ буда, қисми шимолу ғарбии объекти XVI-ро ишғол кардааст [33, с. 133].

Ҳар як хонаи ашхоси сарватманд дорои толори чаҳорсутуна буд. Ин толорҳо дар андоза гуногун буда, бо тарҳи устувори дохилӣ фарқ мекунанд. Масоҳати калонтарини онҳо то 100 $м^2$ мерасад, дар ҳоле ки хурдтарин толор тақрибан 25-30 $м^2$ мебошанд. Ин толорҳо зебо ва ошёнаи расмии манзилҳоро меҳмонхона ном мебурданд, ки хобгоҳ барои меҳмонон буданд. Дар тамоми деворҳои ин толорҳо суфа гузошта мешуд.

Дар 16 манзили Панҷакенти қадим биноҳои савдо ва ҳунармандӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки дар ду ҳолат ба таври мустақим ба манзил алоқаманданд. Манзилҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: манзилҳои оддӣ ду адад, манзилҳои оддии мардуми миёнаҳол ду адад, манзилҳои табақаҳои поёнии ашроф ҳафт адад ва манзилҳои сарватмандон панҷ адад. Қисми зиёди дӯконҳо ва коргоҳҳо ба хонаҳои калон тааллуқ доранд. Дар чоряки аввали асри VIII мелодӣ дар муқоиса бо асри VII мелодӣ, фаъолияти савдо ва ҳунармандӣ ба таври назаррас фаъол мешаванд.

Бостоншинос В.И. Распопова қайд менамояд: «Омӯзиши хонаҳои шаҳрӣ аз миёнаи асри VII то миёнаи асри VIII мелодӣ нишон медиҳад, ки навигарӣ дар манзилҳои аввали асри VIII мелодӣ бештар ба хусусиятҳои умумии рушди шаҳрҳо дахл дошт, на ба сохтори манзилҳои

алоҳида. Маводҳо, тарҳҳо, хосиятҳои асосии тарҳрезӣ ва ҳалли ороишӣ, тақрибан бетағйир боқӣ монданд. Дар назди хонаҳои истиқоматии шаҳристон, ҷойҳо барои нигоҳ доштани ҳайвонҳо, ҳатто асп, пайдо нашуданд, ки ин ба нигоҳ доштани тозагии шаҳр кумак мерасонид. Ҳоҷатхонаҳо ва ҷойҳои партовгоҳ низ пайдо нашуданд ва кӯчаҳо хеле тоза буданд. Партовҳое, ки дар харобаҳои хонаҳо ёфт шуданд, танҳо дар солҳои 740-750 пайдо шуданд, дар ҳоле ки пештар партовгоҳҳои калон танҳо дар маҳаллаҳои берун аз шаҳр вуҷуд доштанд. Хонаҳо дар шаҳристон наздик ба якдигар ҷойгир буданд ва барои боғҳо ё майдонҳои холӣ фазои озод кам аст ё ин, ки нест. Танҳо соҳибони хонаҳои бузург ҳавлиҳои хурд доштанд» [33, с. 135-146].

Ба шарофати корҳои чандинсолаи ҳафриётӣ дар шаҳристони Панҷакенти қадим, имкон фароҳам шудааст, ки симои умумии манзилҳои истиқоматии сокинони дорои табақаҳои мухталифи иҷтимоии шаҳрии давраи аввали асрҳои миёна барқарор карда шавад. Дар пеши хона айвони шифти ҳамвор, тоқи нимгунбаз вокеъ буд, ки ба чуқурча монанд аст. Бисёре аз биноҳои истиқоматии ошёнаи дуюм пешайвони чӯбин, айвонҳо ва тирезаҳои паҳлуӣ (панҷара) доштанд. Дар дохили шаҳр бозорҳои хурд амал мекарданд. Эҳтимол меравад, ки бозори марказии шаҳр берун аз девори он ҷойгир будааст.

**Диж ва нақши иҷтимоии он.** Диж дар маданияти шаҳрсозии Осиёи Марказӣ яке аз унсурҳои муҳимми меъмории шаҳрӣ ба шумор мерафт ва мавҷудияти он дар таркиби марказҳои аҳолинишин ҳатмӣ ҳисобида мешуд. Дар ибтидо диж ҳамчун кӯшк ва қасри дифоии аз рӯйи хосият деҳотӣ, дар маҳалҳои аҳолинишини ғайришаҳрӣ зуҳур ёфтааст [14, с. 90]. Аз лиҳози муҳандисӣ ва низомӣ, диж мустаҳкамтарин бино дар сохтори шаҳр ба ҳисоб мерафт ва он дар нуқтаҳои дорои аҳаммияти стратегӣ, бо дарназардошти дидбонии муҳити атроф ва дастрасӣ ба роҳҳои муҳимми иртиботӣ, бунёд мегардид.

Ҳаҷм ва масоҳати диж вобаста ба мақоми маъмурӣ ва аҳаммияти сиёсиву иҷтимоии шаҳр дар сохтори давлатдории давраҳо тағйир меёфт. Мувофиқи маълумоти бостоншиносӣ, масоҳати дижҳо дар баъзе аз шаҳрҳои таърихии Осиёи Марказӣ чунин муайян шудааст: дижи шаҳри Бунҷикат – Қалъаи Каҳқаҳа I – зиёда аз 5 га, дижи шаҳри Бухоро – 3,5 га, дижи шаҳри Марв – 20 га, дижи шаҳри Самарқанд (Афросиёб) – беш аз 10 га, дижи шаҳри Панҷакент – беш аз 1 га, дижи Ҳаловард (Кофирқалъа) – 0,7 га.

Диж дар низоми шаҳрсозии асримиёнагии Осиёи Марказӣ на танҳо ҳамчун як иқтидори низомиву маъмурӣ, балки чун маркази муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва меъморӣ амал мекард. Дар ҳудуди диж чандин муассисаи калидии маъмурӣ ҷойгир мешуданд, аз ҷумла: хазина, ҳуҷраҳои истиқоматӣ ва расмии подшоҳ ва сарлашкарон, зиндон ва девонҳо, ки мақоми идораҳои маъмурӣ ва иҷроияро доштанд.

**Деҳаи беруназшаҳрии Панҷакенти қадим (Работ)**

Тибқи қоидаи умумии рушди шаҳрҳои қадим, тавсеаи онҳо асосан аз ҳисоби манотиқи наздишаҳрӣ – работҳо вобаста буд. Ин раванд дар Панҷакенти қадим низ мушоҳида мешавад. Берун аз деворҳои шарқӣ ва ҷанубии шаҳристон маркази маъмуриву сиёсӣ ва иқтисодии шаҳр, заминҳои озод мавҷуд буданд. Қисмати ҷанубӣ, ки шароити табиии он камтар мувофиқ буд, ҳамчун қабристон бо наусҳо ё фарвартикҳо истифода мешуд. Қисмати шарқӣ бошад заминаш ҳамвор ва васеъ буда, барои ҷойгир шудани хонаҳои истиқоматии наздишаҳрӣ имтифода мегардид.

Ҳафриёти бостоншиносӣ дар ин минтақа шаҳодат медиҳад, ки дар ҳудуди берун аз шаҳр манзилҳои истиқоматии алоҳида ҷой доштанд. Ин хонаҳо як ё ду ошёна доштанд ва пайвастшавии ошёнаи якум бо ошёнаи дуюм тавассути зинапояҳои гилӣ ё пандусҳое, ки бар сохти сутунҳои доирашакл такя доштанд, амалӣ мегаридид. Далелҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз ҷойгиршавии манзилҳо дар дохил ё берун аз шаҳристон,

унсурҳои асосии тарҳи меъморӣ ва услуби сохтмон дар саросари шаҳр тақрибан яксон буданд, ки ин бозгӯйи якпорчагии фазои меъмории Панҷакенти қадим мебошад.

Дар байни хонаҳои мавриди ҳафриёт қароргирифтаи берун аз шаҳри Панҷакенти қадим , хонаи №9 бо сохтори меъмории хос ва таъйиноташон гуногун мавқеи вижа дорад. Ин манзил аз чор ҳуҷра иборат буда, се ҳуҷра дар як хатти рост ҷойгир буда, тавассути даромадгоҳҳои байниҳамдигарӣ ба ҳам васл шудаанд. Ҳуҷраҳо ба долони дарозе пайваст мешаванд, ки дар самти ҷануб ба пандус мебарояд. Ду ҳуҷра бо суфаҳои махсус барои нишаст ва хоб муҷаҳҳаз гаштаанд. Дар фарши ҳуҷраҳо чоҳчаҳои хурд барои нигоҳдории маводи ғизои захиравӣ сохта шудаанд, ки аз ташкили рӯзғордории мураттаб дар фазои манзилӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳуҷраи сеюм, ки дар қисми ҷанубии хона ҷойгир аст, ҳамчун анбори нигоҳдории май истифода мешуд. Дар он як анбори гаҷкоришуда, ки дорои ҷойҳои таҳшин дар поён ва иқтидори умумии беш аз 1500 литр мебошад, бо ҳолати хуб боқӣ мондааст. Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ дар рӯйи суфаҳои ҳамин ҳуҷра, пораҳои тақрибан 20 адад хум ва кӯза ёфт шудаанд, ки барои нигоҳдорӣ ва эҳтимолан, таҳшинкунии шароб истифода мешуданд [54, с. 188-189].

Хонаи №9 дар Панҷакенти қадим як намунаи барҷастаи манзили истиқоматии берунишаҳрие мебошад, ки на танҳо таъйиноти истиқоматӣ, балки нақши иқтисодӣ низ дошт. Он шаҳодат медиҳад, ки сокинон дар ин минтақа дар ташкили фазои рӯзгор ва ҳунармандӣ сатҳи баланди маданӣ ва ташкилии иқтисодӣ доштаанд.

Меъмор В.Л. Воронина доир ба меъмории Суғд чунин изҳори ақида кардааст: «Сатҳи баланди маданияти сохтмонии Суғдро аз шаҳри хуб омӯхташудаи Панҷакенти қадим метавон баҳо дод. Симои ин шаҳри феодалии барвақта пас аз таҳқиқоти бисёрсолаи экспедитсияи

бостоншиносии Тоҷикистон маъруф шуд. Ҳамин тавр, дар таърихи нисбатан кӯтоҳ шаҳр ду давраи асосии сохтмониро аз сар гузаронидааст, дар ҳоле ки сохтори банақшагирии он вайрон нашудааст ва хусусияти сохтмони шаҳр дар маҷмуъ тағйир наёфтааст. Шаҳри Панҷакенти қадим шомили куҳандиз, шаҳристон, ҳавлиҳои наздишаҳрӣ (работ) ва қабристон буд. Шаҳристон бо деворҳои дифоӣ ва бурҷҳои росткунҷа, ки се дарвоза (дар ҷануб, ғарб ва шарқ) доранд, тақвият ёфтааст ва ин сохтор нишон медиҳад, ки шаҳри Панҷакент дар асоси ба ҳам пайвастани унсурҳои гуногуни маъмулии шаҳрсозӣ бунёд шудааст. Ҳаҷми шаҳр тавассути ду кӯчаҳои асосӣ муайян мегардад, ки аз маркази шаҳр мебароянд ва ба маҷмааи шаҳрӣ, ки сохтмонҳои маъбадӣ ва маҷмааи идоравӣ дар он ҷойгир буд, ишора мекунанд» [59, с. 118-120].

Аз натиҷаи ҳафриёти даҳсолаи охир, маълумоти наву муҳимми сохтори шаҳр ба даст оварда шуданд. Аз ҷумла, маълум гаштааст, ки Панҷакент дар асри V мелодӣ ҳамчун як шаҳри марказӣ таъсис ёфта, деворҳои муҳофизатии он дар тарафи ҷануби шаҳр бунёд шудаанд. Мумкин аст, ки дар макони шаҳри Панҷакент ҷамоаҳои пешини давраи антиқа, эҳтимолан дар давраи охири антиқа, вуҷуд доштаанд [51, с. 231]. Шаҳристони Панҷакенти қадим бо низоми мукаммали обтаъминкунӣ ташкил ёфта буд, ки об тавассути лӯлаҳои гилӣ (қубур) ба он расонида мешуд.

Ҳамин тавр шаҳри Панҷакенти қадим, воқеъ дар водии Зарафшон, яке аз шаҳрҳои муҳимми фарҳангӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратии Осиёи Марказӣ маҳсуб меёфт. Ин шаҳри ибтидои асримиёнагӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буда, дар табодули молу маҳсулот ва маданият нақши муҳимро бозӣ мекард. Мавқеи стратегӣ ва ҷойгиршавии он дар наздикии роҳҳои кӯҳсор ва водӣ ба шаҳр имкон медод, ки ҳаракати молу маҳсулоти ҳунарӣ, аз ҷумла матоъҳои абрешимиву ашёи гаронбаҳо аз Хитой ва дигар минтақаҳои Осиёи

Марказӣ ба самти Ғарб ба осонӣ сурат гирад. Дар ҳамин замина, Панҷакент на танҳо маркази истеҳсол ва тиҷорати маҳсулоту маснуоти абрешимӣ, пахтагӣ, пашмӣ, заргарӣ, сафолӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт, балки маҳсулоти истеҳсолшудаи он барои содирот ба дигар шаҳрҳои муосири Роҳи бузурги абрешим низ равона мешуд, ки ин омил нақши шаҳрро ҳамчун маркази муҳимми иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байналмилалӣ тақвият мебахшид. Илова бар ин, мавқеи шаҳр ҳамчун нуқтаи стратегӣ барои муҳофизати роҳҳои тиҷоратӣ ва ҳамоҳангсозии ҳаракати савдо устувории шабакаи тиҷоратиро таъмин менамуд ва рушди иқтисоди минтақаро тақвият медод. Аз ин рӯ, таҳлили ёдгории бостонӣ ва ашёҳои ёфтшуда дар Панҷакенти қадим нишон медиҳанд, ки шаҳр бо шабакаи васеи тиҷоратии Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои гуногуни Шарқ ва Ғарб робита дошта, дар рушду тавсеаи Роҳи бузурги абрешим нақши муҳим мебозид.

### 3.3. Усулҳои намоиши мероси бостоншиносӣ дар болооби водии Зарафшон ва масоили ҳифзи онҳо

Ташкил ва созмон додани низоми меъморӣ-бостоншиносии намоишгоҳи ёдгориҳои Роҳи бузурги абрешим бояд бар асоси меъёрҳои ҳифз, бозсозӣ ва муаррифии мероси фарҳангӣ дар заминаи муҳити таърихии он амалӣ гардад. Зарур аст, ки ба ҳифзи асолати мавзеъҳо ва ҳамзамон фароҳамсозии муҳити мусоиди иттилоотӣ барои меҳмонону сайёҳон ҷиддан таваҷҷуҳ карда шавад. Истифодаи фановариҳои муосир ва имкониятҳои фаннии намоишгоҳҳои интерактивӣ, ки ба ҷалби доираи васеи муҳаққиқон дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Роҳи бузурги абрешим мусоидат менамоянд, аҳаммияти калон дорад.

Таҷрибаи бунёд ва ташкили осорхонаҳо нишон медиҳад, ки пойгоҳи назариявӣ ва меъёрҳои ахлоқии ҷомеаи имрӯзаи байналмилалии тармимгарӣ дар раванди ташкили осорхонаҳои бостоншиносӣ, ҳифзи ёдгориҳои меъморӣ-бостоншиносӣ ва мамнуъгоҳҳои таърихию фарҳангӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳ мебошад. Ҳифзи арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, инчунин татбиқи ин усулҳо дар амал, ҳифз ва таъмини пойдории мероси фарҳангии Роҳи бузурги абрешим нақши муассир дорад.

Барои ҳифз, бозсозӣ ва нигоҳдории мероси модӣ дар ҳар минтақа усулҳои гуногуни дастгирӣ ва муносибати инфиродӣ татбиқ карда мешаванд. Ин пойдорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва фарҳангии ҳар минтақа мутобиқ гардонда мешаванд, то мерос ба таври муассир ва дарозмуддат ҳифз шавад.

**I. Усули сохторӣ (системавӣ) дар ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ**

Усули ҳамагонии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, ба хусус ёдгориҳои бостоншиносӣ ва намунаҳои нодири меъмории қадим, бо истифода аз таҷрибаи ватанӣ ва байналмилалӣ, зарурати ташкили шакли махсуси муассисаи фарҳангӣ – осорхона-мамнуъгоҳро ба миён овардааст. Ин усул яке аз муассиртарин ва мувофиқтарин шакли ҳифзу муаррифии ёдгориҳо маҳсуб мeёбад, зеро имконият медиҳад, ки объектҳо дар муҳити таърихии худ ҳамаҷониба нигоҳ дошта шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор осорхона-мамнуъгоҳҳо амал мекунанд, ки мероси ғании таърихию фарҳангии кишварро муаррифӣ менамоянд, аз ҷумла:

– Осорхона-мамнуъгоҳи бостоншиносии Панҷакент;

– Мамнуъгоҳи таърихию бостоншиносии Саразм;

– Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳисор;

– Осорхона-мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук;

– Осорхонаи бостоншиносӣ ва қалъаи шаҳри Хуҷанд;

– Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносии ба номи А. Рӯдакии шаҳри Панҷакент;

– Осорхонаи таърихию кишваршиносии шаҳри Истаравшан;

– Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии н. Ховалинг;

– Осорхона мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии н. Данғара;
– Осорхонаи таърихию кишваршиносии н. Балҷувон;
– Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон ва ғайра.

Ин муассисаҳо на танҳо ҳамчун марказҳои муҳимми омӯзиш ва ҳифзи мероси таърихӣ хизмат мекунанд, балки дар рушди сайёҳии фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа нақши муассир доранд.

Дар асоси ин усул дар назди ёдгории Панҷакенти қадим осорхона-мамнуъгоҳи бостоншиносии Панҷакент таъсис дода шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки бо қарори Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон таҳти № 112 аз 4 апрели соли 1979 шаҳри Панҷакент қадим ҳамчун мамнуъгоҳи бостоншиносӣ шинохта шуда, таҳти ҳимояи давлат қарор гирифтааст [92, с. 99-100]. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 67 аз 25 феврали соли 1985 «Низомномаи Осорхона-мамнуъгоҳи бостоншиносии Панҷакент» тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуд [108, с. 20]. Ин осорхона бахшида ба ҷашни 50-солагии таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Панҷакенти қадим таъсис дода шудаааст.

Бинои осорхона соли 1994 бо истифода аз қисмҳои чӯбҳои масҷиди харобшудаи шаҳр, ки ба охири асри XIX мелодӣ тааллуқ дорад, сохта шудааст. Унсурҳои чӯбини сутунҳои такягоҳӣ бо кандакориҳои хуб оро дода шудаанд. Дар осорхона-мамнуъгоҳ меҳмонон метавонанд кӯчаҳои шаҳри қадимаи Суғди асрҳои V-VIII мелодӣ, харобаҳои хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои ҷамъиятӣ, маъбадҳо, диж бо қароргоҳи подшоҳӣ, манзилҳои деҳотӣ ва қабристонро тамошо намоянд. Фонди коллексионии осорхона зиёда аз 3000 ашёи осорхонавиро дар бар мегирад, ки дар он бозёфтҳои бостоншиносӣ, деворнигораҳо, маводди илмӣ оид ба ҳафриёти бостоншиносии Панҷакенти қадим ва нашрияҳо мавҷуданд.

Намоишгоҳи осорхона дар толори намоишӣ бо масоҳати тақрибан 100 м$^2$ ҷойгир мебошад. Дар деворҳои толори намоишгоҳ лавҳаҳо аз

таърихи омӯзиш ва фаъолияти экспедитсияҳои бостоншиносӣ дар Панҷакент ба намоиш гузошта шудаанд. Дар он ҷо аксҳои олимону муҳаққиқон ва нашрияҳои илмие, ки дар Душанбе, Москва ва Санкт-Петербург нашр шудаанд ба намоиш гузошта шудаанд.

Бостоншинос Г.Р. Каримова доир ба ашёҳои осорхонаи мазкур маълумот дода, қайд кардааст: «Дар толори осорхона анвои гуногуни зарфҳои сафолӣ, косаҳо, деворнигораҳо, мизҳои гаҷӣ, ашёҳои филизӣ, қубурҳои сафолин, устухондонҳо (оссуарий), ҷузъҳои оташкадаи зардуштӣ, сиккаҳои ҳокимон, намунаҳои ороишӣ ва инчунин ҳайкали чӯбии раққосаи нимсӯхтаи асри VIII мелодӣ ба намоиш гузошта шудаанд» [19, с. 4-38] (Ҷадвали 22).

Осорхонаи дигар Мамнуъгоҳи таърихию бостоншиносии Саразм мебошад, ки то 28.08.2024 таҳти роҳбарии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият мекард. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2024, таҳти № 471 ба тобеияти Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Осорхона дар қисми шимолу шарқии қадимтарин ёдгории таърихию мадании халқи тоҷик Саразми бостонӣ, ки 15 км ғарбтар аз шаҳри Панҷакент воқеъ гардидааст, таъсис дода шудааст. Аввалин директор ва ташаббускори таъсиси осорхона кашшофи Саразми бостонӣ, бостоншиноси маъруф А. И. Исоқов [69] буд. Корҳои бостоншиносӣ дар Саразм соли 1977 бо раҳбарии ӯ оғоз ёфта аз соли 1984 то имрӯз таҳқиқотҳо навбат ба навбат аз ҷониби экспедитсияҳои гуногунсоҳа идома доранд.

Шаҳри бостонии Саразм бо масоҳати умумии беш аз 130 га дар ҳудуди деҳаҳои Соҳибназар, Гурач ва Авазалии ҷамоати Саразм ҷойгир шудааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 сентябри соли 2000, таҳти № 391, ёдгории Саразм, ки маркази ташаккули фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон маҳсуб меёбад, ҳамчун

мамнуъгоҳи таърихию бостоншиносӣ эълон гардид [109, с. 10]. Мақоми ҳуқуқии ин муассисаи муҳимми фарҳангӣ ва илмӣ бо ду қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст:

–Қарори № 391 аз 21 сентябри соли 2000 – «Дар бораи ташкил намудани мамнуъгоҳи таърихӣ ва бостоншиносии Саразм»;

–Қарори № 198 аз 19 апрели соли 2001 – «Дар бораи тасдиқи қарори ташкили мамнуъгоҳи таърихӣ ва бостоншиносии Саразм»

Ин қарорҳо мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, ки ҳадафи он ҳифз, барқарорсозӣ ва таблиғи мероси фарҳангии модӣ ва ғайримодӣ мебошад, ба тасвиб расидаанд. Бо қарори мазкур ва шаҳодатномаи расмӣ таҳти № 006981 аз 19 апрели соли 2001 қитъаи замин бо масоҳати 47,34 га (шомили минтақаҳои 1 ва 2) расман ҳамчун моликияти дахнопазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Ин замаинҳо бо мақсади ҳифзи мероси таърихӣ ҷудо гардида, аз муомилоти иқтисодӣ ва кишоварзӣ берун оварда шудаанд.

Мамнуъгоҳи таърихию бостоншиносии Саразм яке аз ганҷинаҳои асосӣ ва беҳтарин намунаи фарҳанги мардуми тоҷик маҳсуб ёфта, 31-уми июли соли 2010 дар асоси қарори Котиботи марказии ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Бразилиаи Бразилия қабул гардид, ҳамчун муҳимтарин ёдгориҳои бостонии ҶумҳурииТоҷикистон ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардид.

Вазифаҳои асосии мамнуъгоҳи Саразм чунин муайян шудаанд:

– ҳифзи ҳамаҷонибаи ёдгориҳо ва муҳити табиию таърихии он;
– барқарорсозӣ ва ҳифзи объектҳои осебдида;
– идома ва густариши корҳои бостоншиносӣ ва таҳқиқоти илмӣ;
– ташкили осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо барои таблиғи оммавӣ;
– таблиғи таърихи қадимаи тоҷикон ва паҳнсозии донишҳо доир ба фарҳанги моддӣ ва маънавии онҳо;

– таблиғи дастовардҳои илмӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи давлатӣ ва байналмилалӣ.

Мавриди зикр аст, ки соли 2020 барои таҷлили бошукӯҳи ҷашни 5500 солагии Саразми бостонӣ, Осорхонаи нави Саразм 5500 бино гардид ва дар он қариб 900 нигора ба намоиш гузошта шудааст, ки дар ин мавзуъ диссертант мақолаи алоҳида навиштааст [5-М, с. 302-304]. Дар Осорхона муҳимтарин бозёфтҳое, ки дар рафти ҳафриёти бостоншиносӣ аз ҳудуди ёдгорӣ дарёфт гардидаанд, ба намоиш гузошта шудаанд.

**II. Усули ташкили ҳифзи бозёфтҳо тавассути намоиш дар осорхонаҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ (дар мисоли фаъолияти бостоншиносӣ ва илмӣ дар шаҳракҳои Саразм ва Панҷакенти бостонӣ)**

Қаблан дар боло зикр карда шуд, ки барои намоиши осори тамаддуни ниёгони халқи тоҷик дар назди ёдгориҳои Саразми бостонӣ ва Панҷакенти қадим осорхона таъсис дода шуд. Дар доираи принсипи мазкур масоили марбут ба ҳифз ва намоиши бозёфтҳои бостоншиносӣ баррасӣ карда мешавад. Дар тули 79 соли ҳафриёт дар шаҳри бостонии Панҷакент шумораи зиёди осори маданияти модӣ ва деворнигораҳои нодир кашф гардидаанд. Айни замон ин бозёфтҳо дар Осорхонаи давлатии Эрмитажи Федератсияи Русия, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон, Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносӣ ба номи А. Рӯдакӣ ва Осорхона-мамнуъгоҳи бостоншиносии Панҷакенти қадим ҳифз ва ба намоиш гузошта шудаанд [124, с. 475]. Ҳар яке аз ин муассисаҳо бо ташкили намоишгоҳҳои махсус саҳми арзанда дар омӯзиш, ҳифз ва шинохти мероси моддии мардуми тоҷик мегузоранд.

Ин чорабиниҳо натиҷаи равшани ҳамкориҳои илмӣ, бостоншиносӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ки дар тули даҳсолаҳо бо иштироки олимони ватанӣ ва хориҷӣ амалӣ гардидаанд. Мероси бостоншиносии Панҷакенти қадим имрӯз ҳамчун намунаи олии тамаддуни Суғд дар

сатҳи ҷаҳонӣ шинохта шуда, унсури муассири таҳкими ҳувияти таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон мебошад.

Дар доираи корҳои омодагӣ теппаҳои зиёди хок аз ҳудуди ҳавлиҳои маъбадҳо ва як қатор кӯчаҳо бартараф карда шуданд, ки шароитро барои намоиш ва шиносоии беҳтари боздидкунандагон бо ёдгорӣ фароҳам оварданд [108, с. 19]. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти осорхона-мамнуъгоҳи бостоншиносии Панҷакент ҳаллу фасли масъалаҳои ташкилии ҳуқуқӣ буд, ки аз ҷудо намудани ҳудуди расмии мамнуъгоҳ ва таъсиси минтақаи муҳофизатии ёдгорӣ иборат буд.

Шуъбаи ленинградии муассисаи тарроҳии «ГИПРОТЕАТР» дар марҳилаи асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳа, нақшаи умумии барқарорсозӣ, консерватсия ва осорхонасозии Панҷакенти қадимро таҳия намуд. Аммо бинобар душвориҳои молиявӣ, татбиқи амалии он муваққатан боздошта шуд. Дар якҷоягӣ бо роҳбарии Экспедитсияи бостоншиносии Панҷакент лоиҳа ва хароҷоти сохтмони панҷарадевори муҳофизатии ёдгорӣ таҳия гардидаанд. Илова бар ин, тарҳи бозсозии яке аз толорҳои тантанавии ҳафриёти XXIII, бурҷи кунҷии девори шаҳр, нақшаи эҳё ва муҳофизати наусҳо, инчунин лоиҳаи осорхонакунонии коргоҳи шаробтаёркунии асри VIII мелодӣ низ таҳия ва омода карда шудаанд [108, с. 20].

Ҳамин тавр, бо ба намоиш гузоштан ва ҳифзи мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим мо метавонем маданияти он давраро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем. Ин принсип имконият медиҳад, ки дар назди дигар ёдгориҳои муҳимми болооби Зарафшон осорхонаҳо ташкил дода шавад ва бозёфтҳои нодири он дар наздашон ба намоиш гузошта шавад. Бо ин роҳ масоили ҳифзу муаррифии мероси бостоншиносии болооби Зарафшон ҳалли худро хоҳад ёфт.

**III. Усули ҳифз, барқарорсозӣ ва консерватсияи ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ**

Яке аз асосҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини консерватсия, барқарорсозӣ ва осорхонакунонии объектҳои бостоншиносӣ мебошад. Ин раванд, махсусан, дар шаҳраки бостонии Панҷакент пас аз қабули қарор дар ин бора амалӣ гардидааст.

Тавре дар боло зикр гардид, соли 1979 бо қарори муштараки Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии ҶШС Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, ҳудуди кофтуковҳои бостоншиносии Панҷакенти қадим ҳамчун мамнуъгоҳи таърихию фарҳангӣ эълон карда шуд. Ин қарор оғози марҳалаи расмии татбиқи тадбирҳои ҳифз, консерватсия, барқарорсозӣ ва осорхонакунонӣ гардид.

Дар таҳияи заминаҳои ташкилии мамнуъгоҳ ва амалӣ кардани барномаҳои ҳифзи ёдгориҳо чандин шахсиятҳои намоёни илмӣ ва ташкилӣ нақши калидӣ бозидаанд: аз ҷумла, академик Б.И. Искандаров собиқ директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш, бостоншиносони шинохта ва аз роҳбарони экспедитсияҳои бостоншиносии Панҷакент А.М. Беленитский, Б.И. Маршак, В.И. Распопова ва А.И. Исоқов.

Мутобиқи нақшаи амалии таҳияшуда ҳадафи аввалиндараҷаи мамнуъгоҳ иҷрои корҳои барқарорсозӣ ва консерватсия дар объектҳои асосии ёдгорӣ буд. Барои иҷрои ин ҳадаф бо чидани хишти хом бар болои деворҳои боқимонда консерватсия анҷом дода шуд. Дар қисматҳои фурӯрехта бошад, то сатҳи девори аслӣ хишт чида шуд. Барои татбиқи ин мақсад усули қадимии шаклгирии хишти хом бо андозаи суғдӣ интихоб гардида буд. Корҳои консерватсия қисман дар маъбади I оғоз ёфтанд. Дар доираи онҳо деворҳои ҷанубӣ ва шимолии айвон, инчунин нишаҳои маъбад барқарор шуданд. Илова бар ин, деворҳои ду дукони бозор (объекти XVI) ва қисми девори қалъаи асри VIII мелодӣ бо сӯрохиҳои тирандози (объекти VII) низ навсозӣ гардиданд [87, с. 5-8]. Ин

тадбирҳо барои нигоҳ доштани шакли меъморӣ ва муҳити аслии бостоншиносии Панҷакенти қадим замина фароҳам оварданд. Онҳо ҳамчун намунаи татбиқи талаботи муосири ҳифзи мероси фарҳангӣ ва татбиқи технологияҳои анъанавии маҳаллӣ дар консерватсия ва барқарорсозии ёдгориҳо арзёбӣ мегарданд.

**IV. Усули ҳифзи объектҳо, ашё ва коллексияҳои дорои аҳаммияти таърихию фарҳангӣ бо роҳи ҷалби грантҳои байналмилалӣ**

Дар шароити муосир, ки нигоҳдорӣ ва барқарорсозии объектҳои таърихиву фарҳангӣ, хароҷоти назаррас ва имкониятҳои модӣ талаб менамояд. Ҷалби грантҳои байналмилалӣ ҳамчун яке аз роҳҳои муассири ҳифз ва эҳёи мероси фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст. Грантҳои байналмилалӣ имкон медиҳанд, ки лоиҳаҳои гуногуни ҳифз, барқарорсозӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳқиқ ва осорхонасозӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва бо истифодаи технологияҳои муосир амалӣ гарданд [66, с. 13].

Дар мавриди дигар ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ бошад, дар шароити маҳдуд будани маблағгузорӣ ва технологияҳо, аксар вақт усулҳои ибтидоии консерватсия, аз қабили пӯшонидани объектҳои таърихӣ бо қабати замин (хок ва гил) истифода мешавад. Ин усул дар асл таъйиноти муҳофизатӣ дорад, ки ёдгориҳоро аз нестшавӣ эмин нигоҳ медорад, вале боиси маҳдуд кардани имкони намоиш ва омӯзиши мустақими объектҳои таърихӣ мегардад. Гарчанде ин усул каму коста бошад ҳам, дар шароити камбуди захираҳои молиявӣ ва техникӣ яке аз роҳҳои асосии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ боқӣ мемонад. Албатта дар ин бобат муаллифи диссертатсия фикру ақидаҳои худро дар зербоби алоҳида баён намудааст.

**V. Усули ҳифзи мероси таърихӣ бо роҳи таъсиси осорхонаҳои махсус, кишваршиносӣ ва тахассусӣ**

Ташкили осорхонаҳои махсус, ки вазифаи асосии онҳо ҳифз, нигоҳдорӣ ва таблиғи мероси таърихӣ ва фарҳангӣ мебошад, яке аз самтҳои муҳимми ҳифзи мероси фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин раванд бо мақсади нигоҳ доштани объектҳои беназири таърихӣ ва фароҳам овардани имконият барои омӯзиши онҳо ва тарғиби фарҳанги миллӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ин раванд таъсиси Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон як қадами муҳим дар муаррифии шоистаи мероси бостоншиносии Тоҷикистон ба ҷаҳониён буд. Оиди таъсиси ин Осорхона бостоншинос С.Ғ. Бобомуллоев чунин навиштааст: «4 апрели соли 1996 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 135 дар асоси Осорхонаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Соли 2001 бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маросими ифтитоҳи Осорхона баргузор гардида, расман ба истифода дода шуд» [53, с. 103-104]. Мақсади асосии он ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва намоиши мероси бостонӣ, таҳкими шинохти таърихӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Намоишгоҳи асосии Осорхона дар асоси натиҷаҳои зиёда аз 70 солаи фаъолияти пайвастаи экспедитсияҳои илмӣ ва ҳафриёти бостоншиносӣ таҳия гардида, дорои коллексияи бой ва гуногунҷанба мебошад. Дар фондҳои осорхона қариб 5000 адад бозёфтҳои нодири бостоншиносӣ нигоҳдорӣ мешаванд, ки аз ашёҳои сафолӣ, сангӣ, шишагӣ, филизӣ, ҷавоҳирот ва деворнигораҳо иборатанд. Ин ашёҳо на танҳо арзиши таърихӣ, балки арзиши фарҳангӣ ва илмӣ низ доранд, ки шинохти таърихи минтақа ва рушди илмҳои бостоншиносӣ ва фарҳангшиносиро таъмин мекунанд.

Дар Осорхона толорҳои алоҳида мавҷуданд, ки дар ҳар кадоми онҳо ашёи мутааллиқ ба давраҳои гуногуни таърихӣ ба намоиш гузошта шудаанд. Яке аз онҳо толори Панҷакенти қадим аст, ки дар он зиёда аз 217 ашёи гуногун ба намоиш гузошта шудаанд.

Яке аз бахшҳои муҳим ва арзишманди осорхона хазинаи тиллоӣ мебошад, ки дар он ашёҳои нодири тиллоӣ ва коллексияи сиккаҳо нигоҳ дошта мешавад. Ин коллексия дорои садҳо тангаи тилло, нуқра, биринҷӣ ва мис мебошад, ки на танҳо аз нигоҳи арзиши иқтисодӣ, балки ҳамчун шоҳиди таърихи муомилоти пулӣ, иқтисодиёт ва фарҳанги мардуми минтақа аҳаммияти хос дорад. Ин хазина барои омӯзиши таърихи иқтисодиёт ва таҳкими шинохти фарҳангии тоҷикон нақши муҳим бозида, ҳамчун ҷузъи муҳимми намоишгоҳи осорхона диққати зиёдеро ҷалб мекунад.

Ба ғайр аз Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон, Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи А. Рӯдакии шаҳри Панҷакент низ дар намоиши мероси бостоншиносии болооби водии Зарафшон саҳми назаррас дорад. Осорхонаи мазкур бори аввал соли 1932 ҳамчун осорхонаи таърихии минтақа ба қайд гирифта шудааст. Дар ибтидо фонди намоишии он аз 500 ашё иборат буд [19, с. 4-5]. Бо гузашти солҳо ва кашфиёти бузурги бостоншиносӣ, фонди Осорхона низ ғанӣ гардид.

Соли 1958 бо қарори ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар робита ба таҷлили 1100-солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ ҳамчун Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ эълон карда шуд.

Дар ибтидои солҳои 90-ум роҳбарияти осорхона ба Президенти кишвар пешниҳод карда буд, ки барои бинои осорхона пештоқ ё даромадгоҳи нав сохта шавад. Бахшида ба 1150-солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс А. Рӯдакӣ, даромадгоҳи

осорхона тибқи лоиҳаи пешниҳод кардаи меъмори тоҷик – Борон Абдуллоев, бо роҳбарӣ ва дастгирии Вазорати фарҳанг, Ҳукумати Суғд ва шаҳри Панҷакент, азнавсозии даромадгоҳи осорхона анҷом дода шуд. Пас аз навсозии даромадгоҳ соли 2008, осорхона дарҳои худро барои тамошобинон аз нав боз кард [19, с. 7].

Осорхона яке аз муассисаҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дорои яке аз калонтарин ва сершумортарин коллексияҳо мебошад. Дар айни замон, фонди он тақрибан 98 ҳ адад ашёро дар бар мегирад. Аксари ин ашёҳо ба коллексияҳои бостоншиносӣ мансуб буда, дар давоми солҳои зиёди ҳафриёт дар болооби водии Зарафшон ба даст оварда шудаанд. Ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва ҳифзи онҳо тавассути ҳамкории экспедитсияҳои Институти таърихи фарҳанги моддии Академияи илсмҳои Русия ва Эрмитажи давлатии Русия бо кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳоиТоҷикистон ба таври пайдарпай ва илмӣ анҷом дода шудааст [19, с. 8].

Осорхонаи мазкур барои огоҳӣ пайдо намудани сокинони шаҳри Панҷакент ва сайёҳони дохиливу хориҷӣ аз маданияти бойи халқи тоҷик дар болооби водии Зарафшон нақши муассир дорад.

Таҳлили таҷрибаи ҳифз, барқарорсозӣ ва намоиши мероси бостоншиносии болооби Зарафшон, бахусус ёдгориҳои марбут ба Роҳи бузурги абрешим, нишон медиҳад, ки сиёсати фарҳангӣ ва илмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт бар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ва усулҳои муосири консерватсия рушд меёбад. Усулҳои асосие, ки дар ҷараёни осорхонакунонӣ ва ҳифзи ёдгориҳо татбиқ мегарданд, аз қабили ҳифзи асолат, дурустии илмии барқарорсозӣ, мутобиқат бо муҳити таърихию табиӣ ва таъсири фарҳангии такроршаванда, на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ мебошанд.

Мисоли равшани татбиқи ин принсипҳо фаъолияти Осорхона-мамнуъгоҳҳои Панҷакенти қадим ва Саразм аст, ки бо қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расман зери ҳимояи давлатӣ қарор гирифтаанд. Ин осорхонаҳо на танҳо ба омӯзиш ва ҳифзи мерос, балки ҳамзамон ба рушди сайёҳии фарҳангӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа ва муаррифии дастовардҳои таърихию фарҳангии тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ хизмат мекунанд. Ворид гардидани Саразм ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар соли 2010 худ гувоҳи эътирофи ҷаҳонии арзиш ва аҳаммияти ин макони таърихӣ мебошад. Истифодаи усулҳои қадимии сохтмон, ба мисли шаклгирии хишти хом бо андозаи суғдӣ дар баробари татбиқи технологияҳои муосир имконият фароҳам меорад, то асолати ёдгориҳо ҳифз ва муҳити таърихӣ ҳарчи бештар ба ҳолати воқеии худ наздик шавад.

Ҷалби грантҳои байналмилалӣ, таъсиси осорхонаҳои махсус ва рушди инфрасохтори намоишгоҳӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳимме мебошанд, ки ба устувории равандҳои ҳифзи мероси таърихию фарҳангии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон дорои коллексияи беш аз 5000 бозёфт, аз ҷумла хазинаи тиллоии нодири худ мебошад. Имрӯз он на танҳо як маркази илмӣ ва фарҳангӣ, балки воситаи муҳимми муаррифии таърихи халқи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ ба шумор меравад.

Дар баробари усулҳои намоишу нигоҳдории мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон инчунин, масъалаи ҳифзи онҳо низ зарур аст. Дар масири Роҳи бузурги абрешим нуқтаҳое мавҷуд буданд, ки барои нигоҳубини корвонҳои тиҷоратӣ хизмат мерасониданд. Дар болооби водии Зарафшон ёдгориҳое мавҷуданд, ки мутааллиқ ба замони гул-гулшукуфоии Роҳи бузурги абрешим буда, аз ҳалли муҳимтарин масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва минтақа гувоҳӣ медиҳанд. Роҳи бузурги абрешим дар асрҳои V-VIII мелодӣ аз шохаҳои

гуногун иборат буд, ки яке аз онҳо аз болооби водии Зарафшон мегузашт. Таҳқиқотҳо муайян намуданд, ки яке аз шохаи Роҳи бузурги абрешим аз ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ оғоз гардида, ба воситаи ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакент ба Самарқанду Бухоро пайваст мегардид. Дар ду қисмати дарёи Зарафшон ёдгориҳое ҷойгир шудаанд, ки мутааллиқи давраҳои гуногунанд. Бисёре аз онҳо аз ҷониби гурӯҳи бостоншиносии Экспедитсияи бостонишносии Суғду Тоҷик соли 1947 ба қайд гирифта шудаанд. Ёдгориҳои мазкур қисман аз ҷониби бостоншиносони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти бостонишиносӣ дар ёдгориҳои масири Роҳи бузурги абрешим ба бостоншиносон имконият дод, то муайян намоянд, ки дар ҳақиқат яке аз шохаҳои Роҳи абрешим аз ин водӣ мегузашт. Аз ҷумла, П.Б. Луре қайд менамояд: «Қисмати назарраси қитъаи тоҷикистонии долони Зарафшонро метавон чунин як роҳи эҳтиётӣ номид ва хушбахтона, бо шарофати кашфи ҳуҷҷатҳо аз кӯҳи Муғ мо аз истифодаи фаъоли он дар замони истилои арабҳо метавонем ҳарф занем» [154, с. 68].

Аз сабаби он ки қариб ҳамаи ёдгориҳои болооби Зарафшон аз похса ва хишти хом бунёд гардидаанд то имрӯз дар ҳолати на он қадар хуб боқӣ мондаанд. Ҳангоми ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна бисёре аз шаҳрҳову қалъаҳои болооби Зарафшон ба хок яксон ва оташ зада шуданд. Аз ҷумла, шаҳри Панҷакенти қадим аз ҷониби арабҳо пурра ғорат ва оташ зада шуд. Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ мо осори чӯбҳои сӯхташуда ва дигар нишонаҳои сӯхторро мебинем. Нишонаҳои сӯхторҳои давраи ҳуҷуми арабҳо дар Санҷаршоҳ, Мадм – Гардани Ҳисор ва Кум ҳам дида мешавад. Дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷойгир будани ёдгориҳои бостониии болооби Зарафшон далели равшани мавҷуд будани робитаҳои тиҷоратӣ байни мардуми Кӯҳистон ва шаҳрҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ, бостоншиносон корҳои зиёдеро барои омӯзиши ёдгориҳои болооби Зарафшон анҷом доданд. Ҳафриёти бостоншиносии Панҷакенти қадим аз соли 1947 то ҳол мунтазам идома дорад. Барои нигоҳдории ҷойҳои ҳафриётшуда бостоншинос А.М. Белинитский, усули нави консерватсияи ҳафриётро истифода намудааст, ки он бо хок пур кардани ҷойи таҳқиқшуда мебошад. Ин усул барои нигоҳдории ёдгории аз вайроншавӣ хеле муфид аст. Ин намуди консерватсия то ҳол аз ҷониби бостоншиносон истифода мешавад. Диссертант ҳамроҳи бостоншиноси варзида Ш.Ф. Қурбонов ҳангоми гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ дар объекти бостоншиносии 30-и шаҳри Панҷакенти қадим, усули мазкурро истифода намудаанд, ки натиҷаи назаррас додааст [81, с. 21-24]. Бо истифодаи аз усули консерватсия бостоншиносон тавонистанд, ки боқимондаҳои ёдгориро аз вайроншавӣ нигоҳ доранд. Ин усули нигоҳдории ҷойҳои ҳафриётшуда дар тамоми ёдгориҳои Осиёи Марказӣ намуди беҳтарин намуди консерватсия ба ҳисоб меравад

Роҳи дигари нигоҳдории ёдгориҳо аз вайроншавӣ ин барқарорсозии онҳо мебошад. Чӣ гуна, ки дар боло қайд карда шуд қисми зиёди ёдгориҳо аз пахса ва хишти хом бунёд гардидаанд. Аз ин рӯ дар натиҷаи боду боронҳо дар тули ҳазорсолаҳо ба харобазор табдил ёфтаанд. Ҳоло дар якчанд ёдгорӣ корҳои барқарорсозӣ (реставратсия) анҷом шуданд. Аз ҷумла, соли 2008 аз ҷониби бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов кӯшки ёдгории шаҳраки асримиёнагии Санҷаршоҳ барқарор гардид. Ҳангоми корҳои барқарорсозӣ ба қоидаҳои барқарорсозӣ диққати аввалиндараҷа дода шудааст. Ш.Ф. Қурбонов қайд менамояд: «Барои барқарор намудани қисми вайроншудаи кӯшк, аз хишти хоми андозааш 50х25х11; 48х24х11 истифода гардидааст» [80, с. 240]. Баъди пурра ба итмом расидани хиштчинӣ устоҳо бо лойи коҳдор (гиландова) рӯйи онро андова намудаанд. Қисми барқароршудаи кӯшк то имрӯз беягон тағйирот боқӣ мондааст.

Инчунин, солҳои 2021-2023 дар асоси лоиҳаи «Нигоҳдории мероси фарҳангӣ барои наслҳои оянда» тавассути «Хазинаи сафирони Америко оид ба нигоҳдории мероси фарҳангӣ» маъбади оташи асрҳои V-VIII мелодӣ, девори истеҳкомии асри V мелодӣ, толори пазироии меҳмонон бо номи «Рустамнома» ва девори мудофиавии асри VIII дар ёдгории Панҷакенти қадим тармим карда шуданд [152, с. 134]. Дар инҷо як нуктаи дигарро низ бояд қайд кард, ки соли 2012 низ дар ин ёдгорӣ корҳои барқарорсозӣ аз ҷониби кормандони Осорхонаи Эрмитажи давлатии Федератсияи Россия низ сурат гирифта буданд [66, с. 44].

Барои нигоҳдории ёдгориҳо аз вайроншавӣ усули дигар низ вуҷуд дорад, ки он болопӯш намудани ёдгориҳо мебошад. Барои дар амал татбиқ намудани ин усул, маблағи зиёд лозим аст. Бостоншиносон ин усулро дар ёдгориҳои болооби Зарафшон бори аввал дар ёдгории Саразми бостонӣ таҷриба намуданд. Натиҷаи назаррас додани ин усулро мо метавонем дар ҳафриётҳои болопӯшгардида, ба хубӣ мушоҳида намоем. Соли 2005 аз ҳисоби буҷети давлат барои болопӯш намудани ҳафриётҳои ёдгории бостонии Саразм 3 млн сомонӣ ҷудо карда шуд. То соли 2008 панҷ ҳафриёт (3,9,11,12,13) болопӯш карда шуданд. То имрӯз ҳафриётҳо бе ягон тағйирот боқӣ мондаанд. Соли 2023 ҳафриёти 5 ёдгории шаҳраки асримиёнагии Санҷаршоҳ болопӯш карда шуд. Моҳи августи соли 2023 болопӯш намудани ҳафриёти 4-5-и ёдгории асримиёнагии шаҳраки Санҷаршоҳ зери роҳбарии бостоншинос Ш.Ф. Қурбонов ба роҳ монда шуд. Бо ин восита, мо метавонем ёдгориҳои нодири аҳаммияти байналмилалидоштаи худро аз вайроншавӣ наҷот диҳем.

Роҳи дигари нигоҳдории ёдгориҳо аз вайроншавӣ ин бо панҷарадевор ҳифз намудани онҳо мебошад. Албатта, барои иҷрои ин кор маблағи зиёд лозим аст. Аз ёдгориҳои ба номинаи долони Зарафшон – Қароқум воридгардида ёдгории Панҷакенти қадим 2,8 км бо панҷарадевор ҳифз карда шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки насби

панҷарадеворҳо дар асоси лоиҳаи «Нигоҳдории мероси фарҳангӣ барои наслҳои оянда» тавассути «Хазинаи сафирони Амрико оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ» анҷом дода шудааст (Ҷадвали 19).

Бостоншинос А.Ғ. Пӯлотов роҳи дигари самараноки ҳифз ва истифодаи мероси таърихиву фарҳангиро дар осорхонакунонии ёдгориҳо мебинад. Ӯ зикр мекунад: «Яке аз роҳҳои самараноки ҳифз ва истифодаи мероси таърихиву фарҳангӣ, аз ҷумла, ёдгориҳои модӣ дар водии Зарафшон, осорхонакунонии ёдгориҳо мебошад. Осорхонакунонӣ на танҳо имкон медиҳад, ки ёдгориҳо бо тарзи устувор ҳифз ва истифода шаванд, балки яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ ба шумор меравад. Ин раванд имкониятҳои васеи рушди худшиносии миллӣ, эҳсоси иртибот бо тамаддунҳои гузашта ва рушди иқтисоди минтақаҳоро фароҳам меорад. Аз ин нуқтаи назар, масъалаи таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои минтақавии осорхонакунонии ёдгориҳои бостоншиносӣ, меъморӣ ва таърихӣ бо иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор аз ҷумла таҳлилгарон, осорхонаҳо, осоишгоҳҳо ва ташкилотҳои сайёҳӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад» [107, с. 206].

Масоили ҳалталаби дигар, мушкилоти ҳифзи мероси таърихиву фарҳангии болооби водии Зарафшон ба шумор меравад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур бостоншинос А.Ғ. Пӯлотов якчанд мақолаи арзишманд нашр кардааст. Ӯ роҷеъ ба ин масъала маълумот дода навиштааст: «Мушкилоти ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ аз омилҳои табиӣ, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон вуҷуд доранд, ки дар он ёдгориҳои бостоншиносӣ, меъморӣ ва ёдгориҳои табиӣ ҳамчун иқтидори асосӣ барои рушди сайёҳӣ ва иқтисод ба ҳисоб мераванд. Мушкилоти тармиму бозсозии мероси таърихиву фарҳангӣ имрӯз на танҳо ба тармими осори мушаххас ва ёдгориҳои ҳунариву фарҳангӣ марбутанд, балки пеш аз ҳама ба ҳифзи низоми арзишҳои маънавӣ вобастаанд, ки онҳоро як қавм ё миллат ҳамчун соҳибони асосӣ нигоҳ медоранд» [105, с. 172-173].

Ҷойи дигар ӯ қайд менамояд: «Бо вуҷуди ин, бозсозии ёдгориҳои меъморӣ дар водии Зарафшон метавонад қадами аввалин дар роҳи ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ гардад. Ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории Суғд, мутаассифона, аксар вақт бе тадбирҳои зарурии нигоҳдорӣ боқӣ монданд ва бисёре аз намунаҳои зебои меъмории суғдӣ тадриҷан ба вайрона табдил ёфта, симои аслии худро аз даст медиҳанд» [105, с. 174].

Ҳифзи мероси фарҳангӣ, ба мо имконият медиҳад, ки ҳарчӣ бештар диққати сайёҳонро ба кишварамон ҷалб намоем. Муаррифии таъриху тамаддуни пурғановати халқи тоҷик воситаи асосии ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзу нигоҳдорӣ ва муаррифии ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ, намунаи барҷастаи ҳамгироии меъёрҳои байналмилалӣ, усулҳои илмӣ ва анъанаҳои миллӣ буда, барои омӯзиши таҷрибаи муосири ҳифзи мероси фарҳангӣ дар миқёси Осиёи Марказӣ ва берун аз он аҳаммияти хосса дорад.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқу натиҷагирии мавзуи диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои хеле муҳимми таърихӣ ва бостоншиносӣ равшанӣ андохт. Таҳқиқоти анҷомёфта доир ба мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус болооби водии Зарафшон, собит сохт, ки минтақаи мазкур дорои ёдгориҳои аҳаммияти фарҳангӣ меъморӣ ва умумибашарӣ буда, ҷойгоҳи мардуми Суғдро дар ташкил ва амалиётҳои тиҷоратӣ, табодули фарҳангӣ ва дар ин замина бунёди як фарҳанги таҳаммулпазири нодир, нишон додааст. Маҳз дар замони такомули Роҳи бузурги абрешим дар Осиёи Марказӣ, махсусан дар болооби водии Зарафшон марказҳои бузурги аҳолинишин, шаҳру шаҳракҳо, деҳот, қалъаҳо ва дигар нуқтаҳои аҳолинишин рушд ёфтанд.

Таҳқиқоти илмӣ собит намуд, ки суғдиён ҳамчун тоҷиру кордон дар масири ин роҳ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар ҳазораи I мелодӣ тамаддуни суғдӣ ба авҷи тараққиёти худ расида буд. Бо густариши роҳҳои байналмилалӣ, бахусус Роҳи бузурги абрешим дастовардҳои модӣ ва маънавии суғдиён аз марзҳои анъанавии зисти онҳо берун рафта, ба муҳити фарҳангии халқҳои гуногуни Осиёи Марказӣ, Сибир ва Шарқи Дур таъсири васеъ гузошт. Махсусан, расму оинҳо, услубҳои меъморӣ, анъанаҳои тиҷорат ва забону хати суғдиҳо аз ҷониби ҷомеаҳои туркнажод ва муғулнажод пазируфта шуда, ба таври фаъол ба фарҳанги онҳо мутобиқ ва интиқол дода мешаванд.

Суғдиён на танҳо дар интишори арзишҳои фарҳангӣ саҳм доштанд, балки худ ҳамчун субъекти асосии равандҳои мубодилаи фарҳангӣ ва иқтисодӣ миёни тамаддунҳои Чин, Ҳинд, Рум ва Шарқи Наздик баромад мекарданд. Бо дарназардошти нақши муассири суғдиён дар раванди ташаккули низоми иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим, муҳаққиқон давраи ибтидои асрҳои миёнаро ҳамчун “марҳалаи суғдӣ” дар таърихи Осиёи Марказӣ арзёбӣ менамоянд.

Дар ҳамин марҳила фаъолияти байналхалқӣ дар тамоми масирҳои Роҳи бузурги абрешим ба авҷи тараққиёти худ мерасад. Шабакаҳои мураккаби тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ на танҳо маҳсулоти модӣ, балки арзишҳои фарҳангиро миёни минтақаҳо интиқол медоданд. Шаҳрҳои марказӣ ва мутараққии Суғд, аз ҷумла Самарқанд, Панҷакент, Бухоро, Кеш ва Нахшаб ба марказҳои асосии ин навъи додугирифт табдил меёбанд. Дар ин росто шаҳрҳои дигаре ҳастанд, ки ҳоло ба таҳқиқи ҳамаҷониба ниёз доранд.

Шаҳрсозӣ ва меъмории суғдӣ яке аз ҷанбаҳои назаррас ва пешрафтаи тамаддуни суғдӣ мебошад. Шаҳрҳои суғдӣ ҳамчун намунаҳои олии тараққиёти шаҳрсозӣ дар давраи ибтидои асрҳои миёна арзёбӣ мешаванд. Таҳқиқоти бостоншиносӣ ва таърихӣ нишон медиҳад, ки шаҳрҳои Суғд, ба монанди Панҷакент, Бунҷикат, Самарқанд (Афросиёб), Варахша, Пайканд ва ғайра бо хусусиятҳои хосси фарҳангӣ, меъмории муназзаму мураккаб, низоми мукаммали истеҳсолот ва тиҷоратӣ фарқ мекарданд.

Меъмории суғдӣ на танҳо ба воситаи биноҳои мазҳабӣ ва иқоматӣ, балки тавассути ороиши деворҳои он, ки ҳунари кандакории чӯбӣ ва гилинро истифода мебурданд, бо унсурҳои идеологӣ, адабӣ, асотирӣ ва ҳамосӣ оро дода мешуд. Ба назар мерасад, ки фарҳанги суғдӣ дар раванди рушди худ ба мавзуъҳои гуногун ва шиорҳои маънавӣ таваҷҷуҳ дошт ва дар меъмории шаҳрӣ самтҳои навро муаррифӣ карда, ороишҳои бадеӣ ва гуногунрангро инъикос мекард **[2-М; 8-М].**

Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ҳудуди болооби водии Зарафшон нишон доданд, ки дар тули мавҷудияти Роҳи бузурги абрешим дар ин минтақа як фарҳанги бузурги муассиру устувор ташаккул ёфтааст. Натиҷаи омӯзиши илмии диссертатсия ба таври зайл ҷамъбаст мешавад:

1. Роҳи бузурги абрешим як роҳи алоҳида набуда, балки аз маҷмуи шабакаи роҳҳои алоҳида, ба монанди шохаҳо ё долонҳо, ташкил ёфта буд. Ҳамчунин, муайян гардид, ки масирҳои ин роҳ доимӣ набуда, вобаста ба вазъияти геосиёсӣ тағйир меёфт. Маҳз ҳамин хусусият боиси пайдоиши масирҳои гуногун мегардид **[11-М].**

2. Омӯзиши маводҳои вобаста ба таҳияи номинаи долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон ва пешниҳоди онҳо ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, нишон доданд, ки ин раванд аз якчанд марҳила иборат буда, мутахассисони соҳа барои омода намудани номинаи долони Панҷакент – Самарқанд – Пайканд ва Зарафшон – Қароқум заҳмати зиёд кашида ва дар тули зиёда аз 10 сол маводҳои марбут ба ин долонҳоро омода намудаанд. Барои таҳияи номина, бостоншиносони дохиливу хориҷӣ, ба монанди Г.Р. Каримова, А. Раззоқов, Ш.Ф. Қурбонов, П.Б. Луре ва М. Шенкар саҳми арзанда гузоштаанд. Натиҷаи пешниҳоди донишмандони мазкур дар ҷаласаҳои ИБТОМ ва созмони Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон таҳлилу баррасӣ гардида, дурустии онҳо арзёбӣ гардидааст. 17 сентябри соли 2023 дар шаҳри Ар-риёзи Арабистони Саудӣ, номинаи долони Зарафшон – Қароқум, ки дар якҷоягӣ аз ҷониби ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон омода гардида буд, ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуданд. Бо шарофати ин долон 9 ёдгории дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ дар болооби водии Зарафшон ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардиданд **[3-М; 9-М].**

3. Таҳлили ёдгориҳои «Панҷакенти қадим», «Шаҳраки Санҷаршоҳ», «Шаҳраки Ҳисорак», деҳкадаи «Гардани Ҳисор», «Қалъаи Муғ», «Қалъаи Кум», қалъачаи «Тали Хамтӯда», низоми обёрии «Тоқсанкорез» ва мақбараи «Хоҷа Муҳаммади Башоро» дар масири Роҳи бузурги

абрешим нишон доданд, ки онҳо вобаста ба таъйинот, мавқеи ҷуғрофӣ ва сатҳи зиндагии мардуми он давра аз ҳамдигар фарқ доранд. Махсусан, шаҳру шаҳракҳои асрҳои V-VIII мелодӣ ба авҷи тараққиёти худ расида буданд. Ин гуфтаҳоро дар мисоли ёдгориҳои Панҷакенти қадим, Санҷаршоҳ ва Ҳисорак дидан мумкин аст **[9-М; 10-М].**

4. Омӯзиши шаҳракҳои болооби водии Зарафшон аз ҷониби бостоншиносон, ки бевосита дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буданд, аҳаммияти онҳоро дар минтақа ва берун аз он муайян кард. Шаҳракҳои болооби водии Зарафшон аз ҷиҳати меъморӣ яксон набуда, аз ҳамдигар ба ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ ва таъйинот фарқ доштанд **[4-М].**

5. Бо ба вуҷуд омадани давлати мутамаркази Сомониён равобити тиҷоратӣ ба воситаи Роҳи бузурги абрешим хеле густариш ёфт. Зеро Сомониён тавонистанд амнияти корвонҳои тиҷоратиро дар ҳудуди Осиёи Марказӣ комилан таъмин намоянд **[11-М].**

6. Дар баробари деҳкадаҳо, инчунин дар кӯҳистони Суғд қалъаҳо, ба мисли қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар) ва қалъаи Кум низ мавҷуд буданд, ки дар масири роҳи корвонгузар ҷойгир буда, дар тиҷорати молу коло саҳми назаррас доштанд. Қалъаи кӯҳи Муғ (Абаргар) ва қалъаи Кум бо арзёбии ҳамаҷониба аз ҷониби мутахассисон ба долони Зарафшон – Қароқум ворид гардида, ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шуданд **[10-М; 12-М].**

7. Шаҳрҳое, ки дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ҷойгир шудаанд, асосан аз се қисм: арк, шаҳристон ва работ иборат буданд. Бар хилофи дигар шаҳрҳои бузурги Осиёи Марказӣ, Панҷакенти қадим дар сохтори меъморӣ аз чор қисм иборат будааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи бостоншиносон дар ин шаҳр бори дигар собит сохт, ки аҷдодони халқи тоҷик – суғдиён тоҷирони муваффақ дар масири Роҳи бузурги абрешим будаанд. Махсусан мавҷудияти нишонаҳои адёну мазоҳиби гуногун дар дохили шаҳристони Панҷакенти қадим исботи он аст **[10-М].**

8. Усули намоиши мероси бостоншиносӣ яке аз воситаҳои асосии ҳифз муаррифии онҳо ба ҷаҳониён маҳсуб меёбад. Дар шаҳри Панҷакент 3 осорхона барои намоиши мероси бостоншиносии водии Зарафшон, ки дар натиҷаи омӯзиши зиёда аз 70-солаи ёдгориҳои бостоншиносӣ ва экеспедитсияҳои мардумшиносӣ ба даст омадаанд, бунёд карда шудааст. Ҳифзу муаррифии мероси ғании ёдгориҳои болооби водии Зарафшон имконият медиҳанд, ки таваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷӣ ба сайёҳии фарҳангӣ зиёд карда шавад. Омӯзиши бостоншиносии болооби водии Зарафшон то ҳол ба таври комил анҷом нашуда, саволҳои зиёди илмӣ беҷавоб боқӣ мондаанд. Ҳифз ва нигоҳдории мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим дар болооби водии Зарафшон яке аз масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии ташкили номинаҳои долонҳои мероси бостоншиносии Роҳи бузурги абрешим низ ҳифзи ин мерос ба ҳисоб меравад. То имрӯз доир ба ин масъала корҳои назаррасе анҷом дода шудаанд **[7-М; 5-М]**.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ:

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ёдгориҳои болооби водии Зарафшон ва арзёбии маводди бадастомада бо мақсади такмили таҳқиқоти илмӣ ва рушди минбаъдаи илми бостоншиносӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– ҳарчанд болооби водии Зарафшон аз тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан зиёд омӯхта шудааст, ҳоло ҳам ёдгориҳое мавҷуданд, ки омӯхта нашудаанд. Омӯзиши ин ёдгориҳо имконият медиҳанд, ки масъалаҳои норавшани таърихи минтақа баррасӣ шаванд;

– ёдгориҳои Наврӯзшоҳ, Оқтеппа, Мубораакшоҳ, сангнавиштаҳои Сойи Сабаҳ, Мосриф, Сойи Ҳавзак, Сойи Эматк ба омӯзиши бештар ниёз доранд. Таҳқиқ ва пешниҳоди онҳо ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО имкони ҳифзи онҳоро бештар мегардонад;

– ҳифзи ёдгориҳои болооби водии Зарафшон аз нестшавӣ яке масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ташкили корҳои ташвиқотӣ ва тарғиботӣ миёни аҳолии маҳаллӣ оид ба ҳифзи арзишҳои таърихӣ муҳим мебошад;

– имрӯз на танҳо дар водии Зарафшон, балки дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдгориҳо ба гӯристон табдил ёфтаанд. Ин амали сокинон гузаронидани ҳафриёти бостоншиносиро ғайриимкон месозад. Бояд пеши роҳи ин амали сокинон гирифта шавад ва ёдгориҳо аз нестшавӣ ҳифзу нигоҳдорӣ карда шаванд;

– дар ҳудуди болооби водии Зарафшон ёдгориҳои зиёде мавҷуданд, ки қисми зиёди онҳо аз чашми сайёҳони дохиливу хориҷӣ дур мондаанд. Онҳо бояд ба хатсайрҳои ширкатҳои сайёҳӣ дохил карда шаванд. Баъзе аз ёдгориҳо, ба монанди Абаргар дар кӯҳи Муғ, Ҳисорак, Тали Хамтӯда, Санҷаршоҳ, Гардани Ҳисор ва Кум ба бунёди пайроҳаҳои сайёҳат ва инфрасохторҳои иловагии сайёҳӣ, инчунин, ба насби мавод ва лавҳаҳои иттилоотӣ ниёз доранд, ки иҷрову ҳалли ин масъала ҳатман барои рушди сайёҳии фарҳангӣ мусоидат хоҳад кард.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

## I. Монография, дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ

1. Абдусаломов, М.М. Мероси таърихию фарҳангии Тоҷикистон дар феҳристи ЮНЕКСО [Матн] / М.М. Абдусаломов, С.С. Саидзода. – Душанбе: Истеъдод, 2025. – 404 с.

2. Байпаков, К.М. Средневековая городская культура Южного Казахстана и Семиречья (VI – начало XIII вв.) [Текст] / К.М. Байпаков. – Алма-Ата, 1986. – 256 с.

3. Баринова, Е.Б. Этнокультурные контакты Китая с народами Центральной Азии в древности и средневековье [Текст] / Е.Б. Баринова; Российская акад. наук, Ин-т этнологии и антропологии им. Н.Н. Миклухо-Маклая. – М.: Институт этнологии и антропологии РАН, 2013. – 419 с.

4. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М., 1965. – Т.3. – 711 с.

5. Беленицкий, А.М. Средневековый город Средней Азии [Текст] / А.М. Беленицкий, И.Б. Бентович, О.Г. Большаков. – Л.: Наука, 1973. – 389 с.

6. Боголюбов, М.Н. Хозяйственные документы [Текст]: согдийские документы с горы Муг / М.Н. Боголюбов, О.И.Смирнова; чтение, пер. и комм. М.Н. Боголюбова, О.И. Смирновой. – М.: Восточной литературы, 1963. – Вып.III. – 132 с.

7. Брыкина, Г.А. Карабулак [Текст] / Г.А. Брыкина. – М., 1974. – 128 с.

8. Брыкина, Г.А. Юго-Западная Фергана в первой половине I тысячелетия нашей эры [Текст] / Г.А. Брыкина. – М., 1982. – 196 с.

9. Бубнова, М.А. Археологическая карта Горно-Бадахшанской автономной области: Западный Памир [Текст]: памятники каменного века – XX в. / М.А. Бубнова. – 2-ое изд. исп. и доп. – Душанбе: УЦА, 2008. – 383 с.

10. Бубнова, М.А. Археологическая карта Горно-Бадахшанской автономной области: Восточный Памир [Текст]: памятники каменного века – XX в. / М.А. Бубнова. – Душанбе, 2015. – 280 с.

11. Веселовский, В.Г. Архитектура Советского Таджикистана [Текст] / В.Г. Веселовский, Р.С. Мукимов, М.Х. Мамадназаров, С.М. Мамаджанова. – М., 1987. – 319 с.

12. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2020. – 976 с.

13. Довуди, Д. Монетные находки на городищах Санчаршах и Муборакшах [Текст] / Д. Довуди, Ш.Ф. Курбанов. – Душанбе: Шахпар, 2012. – 86 с.

14. Исаков, А.И. Цитадель древного Пенджикента [Текст] / А.И. Исаков. – Душанбе: Дониш, 1977. – 201 с.

15. Исоқов, А.И. Саразм – оғози тамаддуни халқи тоҷик. Панҷакенти Суғд [Матн] / А.И. Исоқов. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – 401 с.

16. Исаков, А.И. Археологическая карта верховьев долины Зарафшана (Горно-Матчинский, Айнинский и Пенджикентский районы) [Текст] / А.И. Исаков, Ю.Я. Якубов, Г.Р. Каримова. – Душанбе: Дониш, 2020. – Кн.1. – Ч.I-III. – 360 с.

17. Исаков, А.И. Археологическая карта верховьев долины Зарафшана (Горно-Матчинский, Айнинский и Пенджикентский районы) [Текст] / А.И. Исаков, Ю.Я.Якубов, Г.Р. Каримова. – Душанбе: Дониш, 2020. – Кн.2. – Ч.IV. – 430 с.

18. История таджикского народа [Текст]: эпоха формирования таджикского народа / под ред. Н.Н. Негматова. – Душанбе, 1999. – Т.II. – 790 с.

19. Каримова, Г.Р. Музеи Пенджикента [Текст] / Г.Р. Каримова. – Душанбе: Офсет-принт, 2016. – 60 с.

20. Каталог исторических памятников Таджикистана [Текст] / Т. Филимонова, А. Абдуллоев, Ш. Ходжаев и др. – Душанбе, 2011. – 244 с.

21. Кобзева, О.Н. Великий шелковый путь и мировая цивилизация [Текст]: учебно-методическое пособие / О.Н. Кобзева. – Тошкент, 2002. – 87 с.

22. Крачковский, И.Ю. Над арабскими рукописями [Текст] / И.Ю. Крачковский. – М.; Л.: Изд-во Акад. наук СССР, 1945. – 119 с.

23. Курбанов, Ш.Ф. Памятники античного периода верховьев Зеравшана [Текст] / Ш.Ф. Курбанов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 207 с.

24. Лившиц, В.А. Согдийская эпиграфика Средней Азии и Семиречья [Текст] / В.А. Лившиц. – СПб.: Филологический факултет СПбГУ, 2008. – 220 с.

25. Лубо-Лесниченко, Е.И. Китай на Шелковом пути. Шелк и внешние связи древнего и средневекового Китая [Текст] / Е.И. Лубо-Лесниченко. – М.: Восточная литература, 1994. – 260 с.

26. Маршак, Б.И. Искусство Согда [Текст] / Б.И. Маршак. – СПб., 2009. – 64 с.

27. Маршак, Б.И. Керамика Согда V – VII веков как историко-культурный памятник [Текст]: к методике изучения керамических комплексов / Б.И. Маршак. – СПб., 2012. – 384 с.

28. Мукимов, Р. Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан. Согдийская область. [Текст]: Кн. вторая: Верхний Зеравшан. / Р. Мукимов, С. Мукимова Научное справочное издание. – Душанбе: Изд. «Дониш», 2013. – 665 с., 396 ил.;

29. Негматов, Н.Н. Материальная культура Уструшаны [Текст]: Уртакурган и Тирмизактепа / Н.Н. Негматов, У.П. Пулатов, С.Г. Хмельницкий. – Душанбе: Дониш, 1973. – Вып.2. – 146 с.

30. Негматов, Н.Н. Государство Саманидов [Текст] / Н.Н. Негматов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 276 с.

31. Неъматов, Н.Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: китоби дарсӣ / Н.Н. Неъматов, Ф.Ю. Носирова, С. Бобомуллоев и др. – Душанбе: Сарпараст, 2003. – 368 с.

32. Пулатов, У.П. Чильхуджра [Текст] / У.П. Пулатов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 253 с.

33. Распопова, В.И. Жилища Пенджикента [Текст] / В.И. Распопова. – Л., 1990. – 206 с.

34. Распопова, В.И. Стеклянные сосуды из Пенджикента (находки 1950-1999 гг.) [Текст] / В.И. Распопова. – СПб., 2010. – 161 с.

35. Рахимов, Н.Т. Археологическая карта Таджикистана. Согдийская область (памятники каменного века - начало XX века) [Текст] / Н.Т. Рахимов. – Худжанд: Ношир, 2021. – 492 с.

36. Ртвеладзе, Э.В. Великий Шелковый путь. Энциклопедический справочник [Текст]: древность и средневековье / Э.В. Ртвеладзе. – Ташкент: ЎзМЭ, 1999. – 277 с.

37. Ртвеладзе, Э.В. Памятники минувших веков [Текст] / Э.В. Ртвеладзе, А. Сагдуллаев. – Ташкент: Узбекистан 1986. – 133 с.

38. Смирнова, О.И. Очерки из истории Согда [Текст] / О.И. Смирнова. – М., 1970. – 292 с.

39. Феҳрасти ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / мурат.: Т.Г. Филимонова, Ш.Ф. Курбонов, Н.Н. Сайфуллоев, Г.Р. Каримова. – Душанбе: Бебок, 2017. – 204 с.

40. Филимонова, Т.Г. Антропологические исследования первого этапа зоны затопления Рогунской ГЭС [Текст]: результаты первого сезона работ Антропологической группы Рогунской археологической экспедиции, в июле-августе 2017 г. / Т.Г. Филимонова, Н.А. Дубова, В.В. Куфтерин, А.И. Нечвалода и др. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – 72 с.

41. Фредерик, С.С. Маърифати гумшуда. Асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг [Матн] / С.С. Фредерик. – Нашри 2. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 692 с.

42. Хоҷаев, С. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 192 с.

43. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: китоби дарсӣ / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов ва ғ. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 644 с.

44. Шефер, Э.Х. Золотые персики Самарканда. Книга о чужеземных диковинах в империи Тан [Текст] / Э.Х. Шефер; пер. с англ. Е.В. Зеймаля, Е.И. Лубо-Лесниченко; стихотв. пер. Л.Н. Меньшикова. – М.: Наука, ГРВЛ, 1981. – 608 с.

45. Эмомалӣ, Р. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Р. Эмомалӣ. – Нашри 2. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 704 с.

46. Эшонкулов, У. История земледельческой культуры Горного Согда [Текст]: с древнейших времен до начала XX в. / У. Эшонкулов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 849 с.

47. Якубов, Ю.Я. Паргар в VII-VIII веках нашей эры [Текст] / Ю.Я. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 218 с.

48. Якубов, Ю.Я. Раннесредневековые сельские поселения горного Согда [Текст] / Ю.Я. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 291 с.

**II. Мақолаҳои илмӣ**

49. Беленицкий, А.М. Раскопки на городище древнего Пенджикента в1955 г. [Текст] / А.М. Беленицкий // Археологические работы в Таджикистане в 1955 г. – Сталинабад, 1956. – Вып.III. – С.47-56.

50. Беленицкий, А.М. Итоги работ Таджикской археологической экспедиции за 1951-1953 гг. [Текст] / А.М. Беленицкий // Материалы и исследования по археологии СССР. – М.; Л., 1958. – №66. – С.5-10.

51. Беленицкий, А.М. Основные результаты раскопок древнего Пенджикента в 1970-1980 гг. [Текст] / А.М. Беленицкий, Б.И. Маршак, В.И. Распопова // Археологические работы в Таджикистане в 1980 г. – Душанбе, 1987. – Вып.XX. – С.229-254.

52. Бобомуллоев, С.Г. Памятники Таджикистана на Великом шелковом пути [Текст] / С.Г. Бобомуллоев // Цивилизации Великого шелкового пути из прошлого в будущее: перспективы естественных, общественных, гуманитарных наук: материалы Международной научной

конференции, Самарканд, 28-29 сентября 2017 г. (приложение к Вестнику МИЦАИ №26, 2017). – Самарканд, 2017. – С.368-375.

53. Бобомуллоев, С.Г. Создание и развитие национального музея древностей Таджикистана в годы независимости [Текст] / С.Г. Бобомуллоев, Б. Кабилова // 70 сол дар роҳи омӯзиши таърихи миллат. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – С.103-109.

54. Большаков, О.Г. Раскопки в пригороде древнего Пенджикента [Текст] / О.Г. Большаков, Н.Н. Негматов // Материалы и исследования по археологии СССР. – М.; Л., 1958. – №66. – С.155-192.

55. Большаков, О.Г. Отчет о раскопках северо-восточной части объекта III (комплексы I и II, раскопки 1952-1956 гг). [Текст] / О.Г. Большаков // Материалы и исследования по археологии СССР. – М.; Л., 1964. – №124. – С.88-120.

56. Бретаницкий, Л.С. Об одном малоизвестном памятнике таджикского зодчества [Текст] / Л.С. Бретаницкий // Материалы и исследования по археологии СССР. – М.; Л., 1958. – №66. – С.325-357.

57. Бурякова, Э.Ю. Археологические раскопки и наблюдения в рабаде Самарканда IX-X вв. [Текст] / Э.Ю. Бурякова // История материальной культуры Узбекистана – Ташкент, 1977. – Вып.13. – С.119-130.

58. Воронина, В.Л. Архитектурные памятники древнего Пянджикента. [Текст] / В.Л. Воронина // Материалы и исследования по археологии СССР. – М.; Л., 1953. – №37. – С.99-132.

59. Воронина, В.Л. Городище древнего Пенджикента как источник для истории зодчества [Текст] / В.Л. Воронина // Архитектурное наследство. – 1957. – №8. – С.115-142.

60. Воронина, В.Л. Архитектура древнего Пенджикента [Текст]: итоги работ 1952-1953 гг. / В.Л. Воронина // Материалы и исследования по археологии СССР. – М.; Л., 1958. – №66. – С.193-215.

61. Воронина, В.Л. Древняя строительная техника Средней Азии [Текст] / В.Л. Воронина // Архитектурное наследство. – 1958. – №3. – С.8-9.

62. Воронина, В.Л. Архитектура древнего Пенджикента [Текст]: резултати раскопок 1954-1959 гг. / В.Л. Воронина // Материалы и исследования по археологии СССР. – М.; Л., 1964. – №124. – С.51-87.

63. Воронина, В.Л. Архитектура Средней Азии в VI-VIII вв. н.э. [Текст] / В.Л. Воронина // Всеобщая история архитектуры. – М., 1969. – Т.8. – С.183-197.

64. Воронина, В.Л. Мавзолей Мухаммада Бошаро [Текст] / В.Л. Воронина, К.С. Крюков // Древность и средневековье народов Средней Азии: история и культура. – М., 1978. – С.58-68.

65. Деятельность МИЦАИ в 2019 году [Текст] // Вестник Международного Института Центральноазиатских исследований. – Самарканд, 2020. – С.188-192.

66. Жервэ, М.Б. Отчёт о реставрационных работах настенных росписей нижнего дворца в Пенджикенте 2010-2012 [Текст] / М.Б. Жервэ, П.Б. Лурье // Материалы Пенджикентской Экспедиции. – СПб., 2013. – Вып.16. – С.44.

67. Исаков, А.И. Раскопки городища Актепа, близ Пенджикента [Текст] / А.И. Исаков // Археологические открытия 1976 года. – М., 1977. – С.565-566.

68. Исаков, А.И. Раскопки на поселении Саразм [Текст] / А.И. Исаков // Археологические открытия 1979 года. – М., 1980. – С.474.

69. Исаков, А.И. Раскопки на поселении Саразм. [Текст] / А.И. Исаков // Археологические открытия 1980 года. – М., 1981. – С.475.

70. Исаков, А.И. Отчет о работах Косатарошского отряда за 1976 г. [Текст] / А.И. Исаков // Археологические работы в Таджикистане в 1976 г. – Душанбе, 1982. – Вып.16. – С.222-232.

71. Исомитдинов, Ж.Б. Согдийци колонизаторы на трассе Великого шёлкового пути [Текст] / Ж.Б. Исомитдинов // Учёные Записки. – Хуҷанд, 2019. – №3 (60). – С.19-25.

72. Каримова, Г.Р. Мавзолей Ходжи Мухаммада Башоро в селении Мазори – Шариф Пенджикентского района [Текст] / Г.Р. Каримова // Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе, 2017. – Вып.39. – С.288-315.

73. Каримова, Г.Р. Согд на Великом Шёлковом Пути [Текст] / Г.Р. Каримова // Маҷмуаи илмӣ бахшида ба ҷамъбасти ҳафриёти солона дар водии Зарафшон. – Панҷакент, 2017. – С.19-28.

74. Каримова, Г.Р. Отчёт о поездке в Пенджикентский район с целью дообследования древней ирригационной системы Токсанкорез в октябре 2021 года [Текст] / Г.Р. Каримова, Ш.Ф. Курбанов, Ш.Ф. Шодмонбоева // Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе, 2023. – Вып.44. – С.177-195.

75. Каримова, Г.Р. Памятники гребенчатой планировки верховьев Зарафшана [Текст]: к вопросу о назначении / Г.Р. Каримова // Археология, материальная культура и искусство долины реки Зарафшана и сопредельных территорий: материалы Международной научной конференции, посвященной памяти молодых исследователей Верховьев Зарафшана Ф.А. Раззокова и Н.В. Семенова (18-19 июля 2024 г., Пенджикент) / ред. Н.К. Убайдулло. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2024. – С.39-41.

76. Крачковская, В.А. Древнейшийй арабский документ из Средней Азии [Текст] / В.А. Крачковская, А.Ю. Крачковский // Согдийский сборник. – Л.: АН СССР, 1934. – С.64.

77. Курбанов, Ш.Ф. Тали Хамтуда [Текст] / Ш.Ф. Курбанов // Археологические вести. – СПб., 2004. – С.156-173.

78. Курбанов, Ш.Ф. Отчет о работах Восточно-Согдийской археологической экспедиции на городище Санджар-шах [Текст] / Ш.Ф.

Курбанов // Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе, 2010. – Вып.34. – С.278-290.

79. Курбанов, Ш.Ф. Работы Пенджикентской археологической экспедиции в 2008 г. [Текст] / Ш.Ф. Курбанов, П.Б. Лурье, И.К. Малкиель, С.Н. Макеев и др. // Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе, 2010. – Вып.34. – С.314-318.

